**Абӯаломуддин**

# ТАФСИРИ ОСОНБАЁН

## Пораи 6

*Аз ояти 148-уми сураи Нисо то ояти 81-уми сураи Моида*

**ХУҶАНД**

# “Тафсири осонбаён”

## Пораи 6

*4:148-5:81*

*(Аз ояти 148-уми сураи Нисо то ояти 81-уми сураи Моида)*


Муаллиф ва мутарҷим: **Абӯаломуддин**

Сармуҳаррир: **Ҳамидуллоҳ Ҳабибуллоҳзода**

Ёрдамчӣ: **Неъматҷон Исмоилзода**

Муҳаррири техникӣ: **Толибҷон Фозилов**

Ба чоп саъйкунанда: **Абӯаломуддин**

Саҳҳоф: **Муҳаммади Икромӣ**



**©Абӯаломуддин**

**©Муҳаммадюсуфи Муҳаммадхоҷа**

**©Низомуддини Убайдӣ**

Сураи Нисо Ояти 148

لاَّ يُحِبُّ اللّهُ الْجَهْرَ بِالسُّوَءِ مِنَ الْقَوْلِ إِلاَّ مَن ظُلِمَ وَكَانَ اللّهُ سَمِيعًا عَلِيمًا

*Ло юҳиббуллоҳу-л-ҷаҳра би-с-суи мина-л-қавли илло ман зулим. Ва коналлоҳу Самиъан Ъалимо. 148.*

148. Худованд ошкор (баланд) гуфтани сухани бадро дӯст намедорад, магар касе ки бар вай ситам шудааст. Ва Аллоҳ шунавову доно аст.

Ояти мазкур дар бораи яке аз дастурҳои ахлоқии исломӣ хабар дода, фармудааст, ки Аллоҳтаъоло суханҳои бадро, мисли бонг задан, суханҳои фаҳш гуфтан, дашном додан, бадгӯӣ ва ошкор кардани айбу амалҳои зишти касе ё пардаи сирри касеро даррондан ва резондани обрӯи касеро дӯст намедорад. Касоне, ки ба чунин корҳо даст мезананд, маълум аст, ки дар дили онҳо тақво ва виҷдон нест. Аз ин рӯ гуфтану ошкор сохтани суханҳои бад барои онҳо осон аст. Зарари ошкор сохтани суханҳои бад, мисли балоест, ки болои аҳли ҷомеа мерезад. Дар натиҷа мардум ҳамдигарро ғайбату бӯҳтон мекунанд, гӯё ҳамдигарро аз гиребон мегиранду то ин ки ҳалок шавад, лаби ҷар оварда тела медиҳанд.

Бинобар ин, дар ҷомеаи исломӣ қатъиян ошкор сохтани суханҳои баду фитнаовар ба истисноии як тоифа манъ карда шудааст. Яъне шахси мазлум барои дифои худ метавонад ва ҳақ дорад барои ифшои зулми золим дар назди сардор иқдом ба шикоят кунад ва то ҳаққи худро нагирад ва ситами ӯро аз худ дур насозад, метавонад золимро ошкоро мазаммат намояд. Зеро шахси золим сазовори ҳимояи исломӣ нест. Дар охири ояти мазкур барои ин ки дигарон аз ин гуна истисно сӯистифода накунанд ва ба ҳар баҳона, гӯё мазлум шудаанд, айбҳои мардумро ошкор насозанд, фармудааст, ки Худованд суханонро мешунавад ва аз ниятҳои чунин шахсон огоҳ аст. Яъне доду фарёди мазлумро мешунавад ва зулми золимро медонад. Муҷоҳид (р) дар бораи сухани бадро ошкоро кардан гуфтааст: Шахсе ба меҳмонӣ равад, мизбон ӯро зиёфати хубе накунад, ӯ аз он ҷо баромада, фалончӣ ҳурмати маро ба ҷой наоварл, зиёфати нағз накард, гӯён назди дигарон сухан кунад, ӯ сухани бадеро ошкор кардааст.

Абӯ Довуд аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) фармуданд: "Ду шахсе ҳамдигарро дашном диҳанд, гуноҳ бар зарари ибтидокунанда аст, ба шарте мазлум аз ӯ нагузаронад."

Дар бораи ҳурмати меҳмон ҳадисҳо бисёранд. Имом Аҳмад ва ғайри ӯ ҳурмати меҳмонро ба қадри тоқат воҷиб гуфтаанд. Агар ба меҳмон ҳеҷ илтифоте нашавад, меҳмон дар гуруснагӣ, ташнагӣ, шабро дар сармо рӯз кунад, ӯ мазлум шудааст. Ҳақ дорад ин амалро ошкор созад, то мизбон ки худро мусалмон меҳисобад, огоҳ шавад ва дигар ин суннати падари миллати мо Иброҳим (а)-ро, ки воҷиб аст, тарк накунад.

Мусалмонон дар ҳама даврҳо ба таълимоти мазкур амал намудаанд ва дар байни халқҳои рӯи Замин мақоми ахлоқии олиро соҳиб шудаанд.

Сураи Нисо Ояти 149

إِن تُبْدُواْ خَيْرًا أَوْ تُخْفُوهُ أَوْ تَعْفُواْ عَن سُوٓءٍ فَإِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَفُوًّا قَدِيرًا

Ин тубду хайран ав тухфуҳу ав таъфу ъан суин фа инналлоҳа кона Ъафувван Қадиро. 149.

149. Агар зоҳир гардонед кори некро ё онро пинҳон доред ё аз бадӣ афв кунед, пас, ҳаройина, Аллоҳ афвкунандаву тавоност.

Агарчанде Худованд барои мазлум ифшои бадиҳои золимро, чуноне ки дар ояти қаблӣ гузашт, иҷозат фармуда бошад ҳам, локин дар ин оят ба як нуктаи муқобили он, барои тарғиби мазлум ишора намуда фармудааст, ки агар некиҳои шахсеро изҳор кунед ё махфӣ нигоҳ доред, ҳеҷ боке нест. Лекин дар баробари бадиҳое, ки аз шахсе ба шумо расидааст, ба истиснои баъзе мавридҳо агар қодир шавед, бахшишро пеша гиред, ин барои шумо беҳтару аҷри бузург аст. Зеро мусалмонон доимо даст бар корҳои писандида мезананд ва аз корҳои нодурусту нохуш чашм мепӯшанд. Ва дигар ин ки иқтидо ба Аллоҳтаъоло мешавад, зеро яке аз сифатҳои Аллоҳтаъоло ин аст, ки бо вуҷуди доштани қудрат гунаҳкоронро агар тавба кунанд афв мекунад.

Дар ҳадиси шариф омадааст, ки ҳеҷ моле аз садақа додан кам нашудааст, Худованд дар баробари афв ҷуз иззат наафзояд. Ҳар касе барои ризои Аллоҳ тавозӯъ кунад, Ҳақтаъоло (мартабаи) ӯро баланд мебардорад. Дар ҳақиқат ояти мазкур аз ду ҷиҳат дар нуктаи муқобил бо ояти қаблӣ қарор дорад. 1-ум: Изҳори некиҳо дар баробари бадиҳо. 2-юм: Афву бахшиш дар баробари касоне, ки ба онҳо ситам кардаанд. Ҳамчунин дар ояти 237-уми сураи "Бақара" омадааст, ки "Ва агар афв кунед наздиктар аст ба парҳезгорӣ" ё ин ки дар сураи "Нур", ояти 22-юм омадааст, ки "Бояд афв кунед ва даргузаред, оё дӯст намедоред, ки биёмурзад Худо шуморо?". Оё ин ёрӣ ба золимон нест? Ҳол он ки дар ояти 279-уми сураи "Бақара" низ омадааст, ки "На зулм кунед ва на тан ба зулм диҳед" ё ин ки дар сураи "Ҳуҷурот", ояти 9 омадааст, ки "Бо золимон пайкор кунед, то ба ҳукми Худо гардан ниҳанд".

Посух: Агар таваҷҷуҳ ба манбаи муътамади исломӣ карда шавад, маълум мешавад, ки мавриди афву бахшиш, ҷои дигару мавриди мубориза бо золимон ва кӯбидани золимону кофирон ҷои дигар аст. Бояд аз ин дастурот суйистифода нашавад. Мисол: Дар мавриди ба душман пирӯз шудан ва чунон шикаст хӯрдани душман, ки дигар аз ҳеҷ тараф хатари ҷадид таҳдид накунад, афву гузашт аз золимони шикастхӯрда, як нав салоҳ ва тарбияи исломӣ ҳисобида шудааст. Аммо дар мавриде, ки хатари душман ҳанӯз бартараф нашудааст ва афву бахшиш ӯро ҷасуртар мегардонад ё ин ки афву бахшиш ризоият ба зулм ё таслим ба золимон ҳисобида шавад, ҳеҷ гоҳ Исломи бузург бахшишро иҷоза намедиҳад ва ҳаргиз пешвоёни аъзами исломӣ дар чунин маврид роҳи афву бахшишро интихоб накардаанд.

Сураи Нисо Ояти 150

إِنَّ الَّذِينَ يَكْفُرُونَ بِاللَّهِ وَرُسُلِهِ وَيُرِيدُونَ أَن يُفَرِّقُواْ بَيْنَ اللَّهِ وَرُسُلِهِ وَيقُولُونَ نُؤْمِنُ بِبَعْضٍ وَنَكْفُرُ بِبَعْضٍ وَيُرِيدُونَ أَن يَتَّخِذُواْ بَيْنَ ذَلِكَ سَبِيلاً

Инна-л-лазина якфуруна биллоҳи ва русулиҳо ва юридуна ан юфаррикҷу байналлоҳи ва русулиҳи ва яқулуна нуъмину би баъзи-в ва накфуру би баъзи-в ва юридуна ан яттахизу байна золика сабило. 150.

150. Ҳаройина, касоне, ки ба Аллоҳ ва ба пайғамбарони Ӯ кофир мешаванд ва мехоҳанд миёни Худо ва расулони Ӯ тафриқа кунанд ва мегӯянд: «Имон меорем ба баъзе пайғамбарон ва мункир мешавем ба баъзе;» ва мехоҳанд, ки дар миёни ину он роҳе бигиранд,

Сураи Нисо Ояти 151

أُوْلَئِكَ هُمُ الْكَافِرُونَ حَقًّا وَأَعْتَدْنَا لِلْكَافِرِينَ عَذَابًا مُّهِينًا

Улаика ҳуму-л-кофируна ҳаққо. Ва аътадно лил кофирина ъазоба-м муҳино. 151.

151. Он гурӯҳ, дарҳақиқат кофиранд. Ва барои кофирон азоби хоркунандаро омода кардаем.

Ояти мазкур касонеро, ки ба Аллоҳ ва ба ҷамии пайғамбарон мисли яҳудиҳо ва насрониҳо имон наовардаанд, шадидан ваъид намуда фармудааст, ки онҳо шахсоне ҳастанд, ки дар имон овардан ба Аллоҳ ва расулони Ӯ мехоҳанд, ҷудоӣ андозанд. Яъне онҳо мегӯянд: Ба Аллоҳ ва ба баъзе анбиё имон меорем, на ба ҳамаи анбиё. Ҳол он ки баъди имон ба Аллоҳ, бояд ба ҷамии пайғамбарон имон оварда шавад. Онҳое, ки чунин имон намеоранд, ягон далел надоранд. Ягона далели онҳо таассубу хоҳишоти нафсонии онҳост ва расму одати гузаштагони онҳост, ки инҳо бар онҳо пайравӣ доранд. Яъне яҳудиён бо якравии худашон гӯё ба ғайри Исо (а) ва Муҳаммад (с) дигар ба ҳама анбиё имон доранд. Насрониҳо бошанд, низ ба ғайри Муҳаммад (с) дигар ба ҳама пайғамбарон, бо ҳисоби худашон имон доранд. Сомиратиҳо бошанд ба пайғамбароне, ки баъди Юшаъ (халифаи Мӯсо ибни Имрон (а) буд) омадаанд, имон надоранд. Мақсад аз мазмуни ояти мазкур ва аз ин гуфтаҳо ин аст, ки шахсе ба яке аз пайғамбарон имон наовардааст, гӯё ӯ ба Аллоҳ ва ба ҳама пайғамбарон имон наовардааст. Ҳол он ки ба ҳама пайғамбароне, ки Аллоҳ фиристодааст, имон овардан, воҷиб аст. Чунки ин амри Аллоҳ аст ва барномаи ҳамаи онҳо як Ислом аст ва онҳо ҳамдигарро тасдиқ доранд. Натиҷа он аст, ки агар шахсе пайғамбарии яке аз пайғамбаронро инкор кунад, ҳатто ба пайғамбари замони худ имон дошта бошад

ҳам имони ӯ имони шаръӣ нест. Дар идомаи оят Худованд мефармояд, ки онҳо мехоҳанд роҳу мазҳаберо дар байни куфру имон пеш гиранд, то худро аз он ҳуҷҷатҳое, ки дар китоби охири осмонӣ, алайҳи чунин тоифаҳо омадаасту гиребонгирашон аст, бираҳонанд. Локин ҳайҳот. Хулоса, ҳукми ин гуна инсонҳоро Аллоҳтаъоло дар ин оят худ фармудааст, ки онҳое амри Худоро тарк мекунанд, агарчанде даъвои имондорӣ дошта бошанд ҳам, дар ҳақиқат онҳо кофиранд. Агар ба пайғамбаре имон доранд, пас чаро ба пайғамбаре, ки нисбатан далелҳои ӯ возеҳтаранд, бо чашми ҳақиқатбин назар намекунанд, то имон биёранд? Дар охири оят Худованд фармудааст, ки амали шахсоне, ки ба ҳамаи пайғамбарон имон наовардаанд, маънои онро дорад, ки ба онҳо иҳонатро раво донистаанд. Ҳукми шахсоне, ки пайғамбаронро иҳонат мекунанд, куфр аст. Бинобар ин, Аллоҳтаъоло дар охири оят фармудааст, ки мо барои кофирон мехоҳанд, ё не, азоби хоркунандаро омода сохтаем.

Дар ояти зер сифати мусалмонон баён мешавад.

Сураи Нисо Ояти 152

وَالَّذِينَ آمَنُواْ بِاللّهِ وَرُسُلِهِ وَلَمْ يُفَرِّقُواْ بَيْنَ أَحَدٍ مِّنْهُمْ أُوْلَئِكَ سَوْفَ يُؤْتِيهِمْ أُجُورَهُمْ وَكَانَ اللّهُ غَفُورًا رَّحِيمًا

Ва-л-лазина омону биллоҳи ва русулиҳи ва лам юфарриқу байна аҳади-м минҳум улаика савфа юътиҳим уҷураҳум. Ва коналлоҳу Ғафура-р-Раҳимо. 152.

152. Ва касоне, ки ба Аллоҳ ва пайғамбарони Ӯ имон оварданд ва миёни ҳеҷ яке аз онҳо тафриқа накарданд, зуд аст, ки савобашонро дода мешавад ва Аллоҳ омурзандаву меҳрубон аст.

Ояти мазкур сифати уммати Муҳаммад (с)-ро баён намуда фармудааст, ки сифати онҳо чунин аст, ки ба Аллоҳу ба ҷамии пайғамбарон, имон овардаанд. Онҳо байни ягон пайғамбар фарқгузорӣ накарда, баробар ҳамаи онҳоро бандагони Аллоҳ ва ба сӯи халқ фиристодашуда ва аз ибодати ширкона боздоранда медонанд. Зеро ҳукми Исломи асил ин аст, ки агар касе ба яке аз пайғамбарон имон наорад, мусалмон ҳисобида намешавад. Як ҳиссаи ҷудонашавандаи ақидаи мусалмонҳо ин аст, ки муъмин ба асли тамоми динҳои осмонӣ (яъне, Ислом) ва ба тамоми китобҳои осмонӣ бовар карда, бояд онҳоро эҳтиром кунад. Ана барои чунин шахсон ваъда шудааст, ки Худованд ба зудӣ подоши писандидае дода, гуноҳони онҳоро меомурзад. Зеро Аллоҳтаъоло омурзандаву бениҳоят меҳрубон аст. Ояти 285-уми сураи "Бақара" мазмуни ин оятро низ таъкид мекунад. Ҳукми ба ҳама пайғамбарон имон овардан ё куфр варзидан мувофиқи тасаввуроти исломӣ дар оятҳои қаблӣ гузашт. Оятҳои баъдӣ мақоми яҳудиёнро дар ин масъалаҳо баён мекунанд.

Сураи Нисо Ояти 153

يَسْأَلُكَ أَهْلُ الْكِتَابِ أَن تُنَزِّلَ عَلَيْهِمْ كِتَابًا مِّنَ السَّمَاءِ فَقَدْ سَأَلُواْ مُوسَى أَكْبَرَ مِن ذَلِكَ فَقَالُواْ أَرِنَا اللّهِ جَهْرَةً فَأَخَذَتْهُمُ الصَّاعِقَةُ بِظُلْمِهِمْ ثُمَّ اتَّخَذُواْ الْعِجْلَ مِن بَعْدِ مَا جَاءتْهُمُ الْبَيِّنَاتُ فَعَفَوْنَا عَن ذَلِكَ وَآتَيْنَا مُوسَى سُلْطَانًا مُّبِينًا

Яс-алука аҳлу-л-китоби ан туназзила ъалайҳим китоба-м мина-с-самаъ. Фа қад саалу Муса акбара мин золика фа қолу ариналлоҳа ҷаҳратан фа ахазатҳуму-с-соъиқату би зулмиҳим. Сумма-т тахазу-л-ъиҷла мин баъди мо ҷаатҳуму-л байййиноту фа ъафавно ъан золик. Ва отайно Мусо султона-м мубино. 153.

153. Аҳли Китоб аз ту мепурсанд, ки ба онҳо ба якборагӣ аз Осмон Китобро фуруд орӣ. Пас, батаҳқиқ аз Мӯсо бузургтар аз инро савол карда гуфтанд: «Бар мо Худоро ошкоро бинамоён». Пас онҳоро ба сабаби зулмашон соиқа (оташак)-е гирифт. Боз, баъд аз он ки ба онҳо нишонаҳо омад, гӯсоларо ба худоӣ гирифтанд. Пас, аз ин гуноҳҳояшонро афв кардем. Ва Мӯсоро муъҷизаҳои ошкор додем.

Аз мазмуни ояти мазкур ва ҳамчунин аз оятҳои 55-56 с. "Бақара" беҳурматии яҳудиён нисбати пайғамбарон бааллло маълум мегардад. Яъне онҳо баъзе пайғамбаронро ҳалок карданд ва ба баъзеи онҳо бӯҳтону тӯҳматҳо заданд ва ғайра. Акнун бинобар гумроҳии қадимае, ки аз аҷдоди худ мерос доранд, бори дигар ин фитнаро бакор бурданд. Аллоҳтаъоло, дар ин оят аз онҳо хабар медиҳад, ки агарчанде дар айни ҳол оятҳои Қуръони карим нозил шуда истода бошанд ҳам, аҳли китоб на аз рӯи ҳақиқатро ёфтан, балки аз рӯи таассуб аз ту мехоҳанд, ба якбора китоберо аз осмон, чуноне ки Мӯсо (а) Тавротро ба назди гузаштагони онҳо оварда буд, ба наздашон биёрӣ. Яъне онҳо пайғамбарро савол карданд, ки барои он ки пайғамбарии туро қабул кунем, бояд барои мо китоберо ба якбор биёрӣ, ки варақаҳои ӯ навишта шудаву ҷилд карда шуда бошад. Дар шарҳи мазмуни ин оят Ибни Ҷарир ривоят кардааст, ки онҳо аз Расулуллоҳ (с) талаб кардаанд, ки бояд барои тасдиқи худ китобе биёрӣ, ки дар он номҳои фалон ва фалончӣ зикр шуда бошад ва барои шумо Муҳаммадро ҳамчу пайғамбар фиристодем гуфта, навишта шуда бошад. Шахси бохирад аз шунидани ин гуна суханҳои аҳли китоб тааҷҷуб намекунад. Зеро агар ба таърихи онҳо назар карда шавад, гузаштагони онҳо ба пайғамбарони замони худ аз ин гуна саволҳо дида саволҳои чандин карат бадтару аҷибтар додаанд. Аз он ҷумла, аҷдоди онҳо аз Мӯсо (а) пурсиданд: Ай Мӯсо, агар ту пайғамбар бошӣ, "ошкоро Худоро ба мо нишон деҳ!" ва ғайра. Хулоса, дар таърихи ин гуна инсонҳои нисбати пайғамбарон беодобии доимиро равобинанда, ба ғазаби Аллоҳ гирифтор шуданҳои бисёреро мушоҳида кардан мумкин. Яъне гурӯҳе аз онҳоро баъди ингуна саволҳо оташак нест сохтааст ва гурӯҳе аз онҳо ба дарё ғарқ шудааст ва ғайра. Гурӯҳе аз онҳо муъҷизаҳои нӯҳгонаи Мӯсо (а) ошкоро диданд. Ҳамин ки Мӯсо (а) барои розгӯӣ ва муноҷот назди Парвардигор ба кӯҳи Тур рафт, Сомирӣ зебу зевари занҳое, ки аз ҷаври золимон аз Миср фирор карда буданд, бо ҳилаву найранг ба даст овард, аз

онҳо ҳайкали гусоларо сохт. Яҳудиён бо роҳбарии Сомирӣ онро ба худ Худо интихоб намуданд. Қиссаи гӯсолапарастии яҳудиён ва бозгашти Мӯсо аз кӯҳи Тур дар сураи “Аъроф” ва “Тоҳо” хеле густурдатар омадааст. Аммо мухтасари он қисса ин аст, ки чун Мусо (а) аз кӯҳи Тур бозгашт, қавми худро дар гӯсолапарастӣ машғул дид. Ҳайрон шуд, дуо кард. Худованд фармуд, ки агар хоҳанд, ки тавбаашон қабул шавад, касоне, ки гӯсолапараст нестанд, гусолапарастонро ба ҳалокат расонанд. Хулоса, байни онҳо ҷанги шадиде ба вуқӯъ пайваст, хеле ҳамдигарро нобуд сохтанд. Агарчӣ расми гусолапарастӣ аз онҳо дур шуд, локин ба гарданкашии худ идома доданд. Акнун панду насиҳат барои яҳудиён судовар нест, хоҳ нохоҳ то қаҳру ғазаб нишон дода нашавад, аз роҳи яҳудият барнамегарданд. Бинобар ин, ояти баъдӣ чунин муомилаи Илоҳиро барои онҳо баён мекунад.

Сураи Нисо Ояти 154

وَرَفَعْنَا فَوْقَهُمُ الطُّورَ بِمِيثَاقِهِمْ وَقُلْنَا لَهُمُ ادْخُلُواْ الْبَابَ سُجَّدًا وَقُلْنَا لَهُمْ لاَ تَعْدُواْ فِي السَّبْتِ وَأَخَذْنَا مِنْهُم مِّيثَاقًا غَلِيظًا

Ва рафаъно фавқаҳуму-тура би мисоқиҳим ва қулно лаҳум-удхулу-л-боба суҷҷада-в ва қулно лаҳум ло таъду фи-с-сабти ва ахазно минҳум-м мосоқан ғализо. 154.

154. Ва барои гирифтани паймон болои онҳо (кӯҳи) Турро бардоштем ва ба онҳо гуфтем: «Ба дарвоза саҷдакунон дароед!» ва ҳам барои онҳо гуфтем: «Дар рӯзи шанбе таҷовуз накунед!» Ва аз онҳо паймони мустаҳкам гирифтем.

Қавми яҳуд аз қабули шариати Мӯсо (а) ва аз пойбандӣ ба ҳукмҳои Таврот саркашӣ карда, гуфтанд, ки ҳукмҳои Таврот барои мо вазнин аст, мо онро қабул карда наметавонем, бигзор ҳарчӣ бар сари мо ояд, мо ризоем. Мувофиқи аҳдномаашон Худованд кӯҳи Турро болояшон ҳамчу соябон бардошт ва ба онҳо гуфт, ки агар шумо тавба накунед, фармон иҷро нашавад, ин кӯҳро болои шумо партоб кардан аниқ аст. Ҳоло бошад, аз дарвозаҳои Байтулмуқаддас саҷдакунон бо сари хам ва бо тавозӯъ “ҳи-татун” гӯён, яъне: “Бор илоҳо, мо, ки ҷиҳоди дар роҳи худатро тарк кардем, гуноҳҳои моро кам кун” гӯён вориди шаҳр шавед! Он тиҳимағзон бо он табиати ба исёномадашон, ба ҷои иҷрои фармоиш ва ба ҷои сархамӣ ва тавозӯъ, ки Худованд фатҳи Байтулмақдисро ба онҳо ваъда додааст. “Ҳинтатун фи шаъратин” “Гандуме дар ҷав гӯён” қафо-қафо дохили шаҳри Байтулмақдис шуданд. Бори дигар ин мазмунро ояти 171 сураи “Аъроф”, иншоаллоҳ, возеҳтар баён мекунад.

Бо ривояте чун онҳо масхаракунон дохили Байтул-муқаддас шуданд, онҳо ба касалии вабо гирифтор шудану, дар як рӯз тақрибан 70 ҳазор аз онҳо ба ҳалокат мерасид. Боз мегардем, ба давоми эзоҳи ояти мазкур: Чун Худованд онҳоро тавозӯъкунон ба дохил шудани шаҳр амрашон намуд, амри дигари Аллоҳтаъоло

барои онҳо ин буд, ки бояд онҳо аз ҳад таҷовуз накунанд. Яъне рӯзи шанберо барои онҳо рӯзи истироҳат гардонида шуд ва шикори моҳиёнро дар он рӯз барои онҳо манъ фармуда, ваъдаи мустаҳкам гирифта шуд. Оё яҳудиён ба ваъдаи худ вафо намуданд? Ҳаргиз! Чун диданд, ки рӯзи шанбе дар дарё моҳӣ бисёр аст, табиати ба исён омехтаашон онҳоро нагузошт, то ба ваъдаи худ вафо кунанд, ҳилаҳо нашуда моҳиёнро доштанд, ба мазмуни ин оят ва оятҳои баъдӣ, ба лаънати илоҳӣ гирифтор шуданд.

Сураи Нисо Ояти 155

فَبِمَا نَقْضِهِم مِّيثَاقَهُمْ وَكُفْرِهِم بَآيَاتِ اللّهِ وَقَتْلِهِمُ الأَنْبِيَاء بِغَيْرِ حَقًّ وَقَوْلِهِمْ قُلُوبُنَا غُلْفٌ بَلْ طَبَعَ اللّهُ عَلَيْهَا بِكُفْرِهِمْ فَلاَ يُؤْمِنُونَ إِلاَّ قَلِيلاً

Фа би мо нақзиҳим-м мисоқаҳум ва куфриҳим би ойотиллоҳи ва қатлиҳиму-л-анбийаа би ғайри ҳаққи-в ва қавлиҳим қулубуно ғулф. Бал табаъаллоҳу ъалайҳо би куфриҳим фа ло юъминуна илло қалило. 155.

155. Пас, ба сабаби аҳди худро шикастан ва ба сабаби ба оятҳои Худованд кофир шуданашон ва пайғамбаронро ба ноҳақ куштанашон ва гуфтани онҳо, ки: «Дилҳои мо дар ғилоф (парда) аст» балки Аллоҳ, бар дилҳои онҳо ба сабаби куфрашон муҳр ниҳодааст, пас имон наоранд, магар андаке аз онҳо,

Чун яҳудиён он аҳдномаи мустаҳкам додаашонро шикастанд ва ин барои онҳо сабаб шуд, ки ба лаънати Худо, чуноне ки дар оятҳои қаблӣ ва ояти 160-уми ҳамин сура мегузарад, гирифтор шуданду Аллоҳтаъоло хеле чизҳое, ки барои онҳо ҳалол карда буд, барои онҳо ҳаром ҳукм намуд. Онҳо ба ин кифоя накарда, кирдорҳои бади дигареро, чуноне ки дар ин се оят баён мешаванд, анҷом доданд, ки ин ҳама сабаби ба лаънати Худо гирифтор шуданашон гардид. 1-ум: Чуноне ки гузашт, ба аҳду паймони додагиашон вафо накарда, онро шикастанд. 2-юм: Онҳо оятҳои Аллоҳтаъолоро инкор намуда, куфр варзиданд. Яъне чандин оятҳо ва мўъҷизаҳое, ки дар Қуръони Карим барои ҳидояти онон зикр шудааст бовар накарданд. 3-юм: Яҳудиён пайғамбарони Аллоҳро чун Закариё (а) ва Яҳё (а) ва дигар дӯстони Худоро ба қатл расониданд. 4-ум: Чун Пайғамбари Аллоҳ ҳазрати Муҳаммад (с) онҳоро ба сӯйи Исломи ростин даъват менамуд, сухани Пайғамбари Аллоҳ (с)-ро масхара пиндоштанд, дар ҷавоб ҷасурона мегуфтанд, ки дилҳои мо ғилоф аст. Яъне “ҳамчун ғилоф пур аст, дигар чизеро намеғунҷонад” даъвати ту дар дили мо таъсир намебахшад, мо дигар ба суханҳои ту гӯш намеандозем, рав кори худатро кун. Акнун, савол ба онҳо: “Оё дилҳои онҳо дар даруни ғилоф дар паси пардаҳо офарида шудааст, ки ҳеҷ насиҳат дар дили онҳо таъсир намебахшад?” Не! Балки Худованд дар дили онҳо ба сабаби он куфре, ки ихтиёр кардаанд, чунон мӯҳри ғафлат задааст, ки ба ғайри иддаи чанде аз онҳо, дигарон аз насиҳат бетаъсир монда, имон наоварданд.

Дигар хилофкории онҳоро ояти баъдӣ баён мекунад.

Сураи Нисо Ояти 156

وَبِكُفْرِهِمْ وَقَوْلِهِمْ عَلَى مَرْيَمَ بُهْتَانًا عَظِيمًا

Ва би куфриҳим ва қавлиҳим ъало Маряма буҳтонан ъазимо. 156.

156. Ва ба сабаби куфрашон ва гуфторашон бар Марям туҳмати бузургро,

Хилофкории онҳо, чуноне ки дар ин оят баён мешавад, ба охир нарасидааст. Яъне, онҳо дар роҳи куфр чунон шитоб карданд, ки ҳатто Марями покдоман, модари пайғамбари бузургвори Худоро, ки бо хости Илоҳӣ бе ҳамсар бордор шуда буд, чунон туҳмати бузурге задаанд, ки ин гуна бӯҳтонро ба ғайри яҳудиён дигар гурӯҳе нагуфтааст. Яъне онҳо гуфтанд, ки Марям ба Юсуфи Наҷҷор расидааст ва аз ҳаромкорӣ Исоро овардааст.

Сабаби ба лаънати Аллоҳ гирифтор шудани яҳудиён дар ояти зер идома дорад.

Сураи Нисо Ояти 157

وَقَوْلِهِمْ إِنَّا قَتَلْنَا الْمَسِيحَ عِيسَى ابْنَ مَرْيَمَ رَسُولَ اللّهِ وَمَا قَتَلُوهُ وَمَا صَلَبُوهُ وَلَكِن شُبِّهَ لَهُمْ وَإِنَّ الَّذِينَ
اخْتَلَفُواْ فِيهِ لَفِي شَكٍّ مِّنْهُ مَا لَهُم بِهِ مِنْ عِلْمٍ إِلاَّ اتِّبَاعَ الظَّنِّ وَمَا قَتَلُوهُ يَقِينًا

Ва қавлиҳим инно қатална-л Масиҳа Ъисабна Маряма расулаллоҳи ва мо қаталуҳу ва мо салабуҳу ва локин шуббиҳа лаҳум. Ва инна-л-лазинахталафу фиҳи ла фи шакки-м минҳ. Мо лаҳум биҳи мин ъилмин илла-т-тибоъа-з-занн. Ва мо қаталуҳу яқино. 157.

157. Ва ба сабаби гуфтани онҳо, ки мо Масеҳ Исо писари Марямро, ки пайғамбари Аллоҳ буд, куштем. Ва ҳол он ки ӯро накуштанд ва на бар дор кашиданд, валекин касе бар онҳо монанд шуд ва ҳаройина, касоне ки дар бораи вай суханони мухталиф гуфтанд, аз ҳоли ӯ дар шакканд. Онҳоро ба вай аз дониш чизе нест, магар пайравии гумони худро мекунанд ва ӯро ба яқин накуштаанд,

Сабаби 6-уме, ки яҳудиён ба лаънати Аллоҳ гирифтор шуданд, ин аст, ки онҳо бо ифтихору бо масхара сохтани дигарон мегӯянд, ки расули Худо Исо ибни Марям (а)-ро мо куштаем. Расули Худо гуфтани онҳо Исо (а)-ро барои истеҳзост. Вагарна, дар асл ба пайғамбарии Исо (а) бовар надоранд. Даъвои яҳудон оид ба қатли Исо (а) беасл аст. Ҳақиқату асли ин ҳодисаро Қуръони карим баён намуда, мегӯяд, ки дар ҳақиқат ба Исо (а) яҳудиён сӯиқасд карданд, локин на ӯ (а)-ро куштанд ва на ӯ (а)-ро дар дор овехтанд. Локин ивази Исо (а) каси ба ӯ (а) монандро бар дор овехта, ба қатл расонидаанд. Муфассири олиқадр Ибни Касир, дар шаъни ин қиссаи маълуму машҳур чунин ривоят мекунад, ки Аллоҳтаъоло

Исо (а) ибни Марямро бо муъҷизаҳои ошкор ба сӯйи халқ ҳамчу пайғамбар фиристод. Мутаассифона, яҳудиёни ҳамасри Исо (а) на ин ки ба роҳи ӯ (а) нарафтанд, балки диданд, ки ӯ (а) пайғамбар аст, бо муъҷизаҳо кӯри модарзодро бино ва песонро даво мекунад, мурдаро бо изни Парвардигор зинда мегардонад, аз лой сурати паррандаи хурде месозаду дар он медамад, вай бо изни Парвардигор парвоз мекунад ва ғайра. Аз дидани ин гуна муъҷизаҳо нороҳат шуда, ҳасад бурданду Исо (а)-ро дурӯғгӯ ҳисобида, ба ӯ (а) хилоф карда, ҳарчӣ имкону қувват доштанд, ба озор додани ӯ (а) гузаштанд. Ҳатто озори онҳо ба Исо (а) то он ҷо расид, ки ӯ (а) дар ватане, ки озордиҳандагони ӯ (а) зиндагӣ доштанд истиқомат карда натавонист. Аксаран ҳамроҳи модарашон маҷбур шуданд, ки ба саёҳат раванд. Бо ин ҳам яҳудиён қаноат накарда, ба назди подшоҳи он давр, ки дар шаҳри Димашқ менишасту ситорапараст буд ва аз қавми юнониҳо буд, рафта Исо (а)-ро бадгӯйи карда, гуфтанд, ки марде дар Байтул Мақдис пайдо шудааст, ки мардумро дар фитна андохта онҳоро гумроҳ ва мардуми оддиро алайҳи подшоҳ ба шӯриш бархезонданист.

Чун ин мушрик подшоҳи Димашқ ин суханро шунид, дар ғазаб шуд, ба ноиби худ, ки дар Байтул Мақдис буд, нома кард ва дар он навишт, ки аз ин гуна мард дар эҳтиёт бошед! Ӯро дошта дар дор занед! Болои сари ӯ хорҳоро ниҳед! Ва мардумро аз бадӣ ва ҷафои ӯ халос намоед! Чун ин фармон ба волии Байтулмақдис расид, то ин ки фармони подшоҳ иҷро шавад, бо шитоб ҳамроҳи як тоифае аз яҳудиён ба ҷои зисти Исо (а) ҳозир шуд. Рӯз, рӯзи ҷумъа баъдӣ аср, бегоҳии шанбе буд, Исо (а) ҳамроҳии ёрони худ бо ривояте 12 ва бо ривояте 13 ё 17 нафар дар маконе нишаста, ба кори худ машғул буданд. Яҳудиҳо онҳоро дар муҳосира гирифтанд. Чун ин ҳодисаро Исо (а) пай бурданд, вазъият тақозои онро дошт, ки ё бадкорон ба назди инҳо дароянд ё Исо (а) ва ёронаш назди онҳо хориҷ шаванд. Чун дигар илоҷ набуд, Исо (а) ба ёрони худ гуфт: “Кадоме аз шумо шакли маро қабул мекунед, то ҳамроҳи ман дар Ҷаннат бошад?”. Аз ҳеҷ кас ба ҷуз аз ҷавонтарини онҳо ҷавоб нашунид. Ӯро хурдсол шуморида, бори дувум ва севум Исо (а) суханашро такрор намуд. Боз аз ёрон ба ҷуз он ҷавон аз касе ҷавоб нашунид. Исо (а) ба он ҷавон гуфт: “Ту ҳамон шахсӣ!”. Яъне ту касе ҳастӣ, ки ҳамроҳи ман дар Ҷаннат хоҳӣ буд!

Пас аз ин Худованд он ҷавонро дар шакли Исо (а) даровард. Дар ҳамин асно аз болои хона равзан (сӯрохи)-е кушода шуд, Исо (а)-ро хоби пинак гирифт, бо ҳамин сифат шариконаш диданд, ки ӯ (а) ба осмон бардошта шуд. Вақто ки ёрони ӯ (а) дар торикӣ аз он ҷо баромаданд, яҳудиён он ҷавонро Исо (а) хаёл намуданду ӯро доштанд ва мувофиқи фармони подшоҳашон, ки мушрик буд, бар дор овехтанд ва хорҳоро болои сари ӯ ниҳоданд.

Баъдӣ ин ҳодиса “қотилони” Исо (а) дар шак уфтода гуфтанд, мо дар торикӣ байни чангу ғубор ин амрро анҷом додем, оё оне, ки дар дор задем, Исо буд ё ғайри ӯ? Агар Исо бошад, нафари 12 ё 13-ум ё 17-ум куҷост? Агар ӯ яке аз шарикони Исо бошад, пас Исо куҷост? Онҳо дар ихтилоф афтоданд. Яҳудиён мағрурона ва бо ифтихор, мо Исоро ба қатл расонидем, гӯянд ҳам, аммо он чӣ ки Аллоҳтаъоло дар Қуръон хабар додааст, ҳақиқат аст, на ғайри он.

Хулоса, яҳудиён дар қиссаи Исо (а) бар се фикранд: Гурӯҳе аз онҳо, яъне касоне, ки рафтани Исо (а)-ро диданд, тасдиқ намуданд, ки дар ҳақиқат ӯ ба сӯи осмон рафт, онҳо ҳаққанд. Гурӯҳе амали яҳудиёнро тасдиқ намуда, мисли насрониёни ҳозира мегӯянд: "Исоро бар дор овехта куштанд." Гурӯҳе аз насрониён бар он ақидаанд, ки чун Исо (а)-ро куштанд, ӯро дар гӯр ниҳоданд, баъдӣ се рӯз ӯ зинда шуд. Ин суханҳо, ба ғайри ақидаи гурӯҳи аввал, ҳама беасос аст. Бинобар ин, дар охири оят омадааст, ки яҳудиён ё насрониён дар ин боб илме надоранд, ҳар чӣ мегӯянд, бо гумон мегӯянд. Аниқ он аст, ки онҳо Исо (а)-ро накуштаанд. Агар Исо (а)-ро накушта бошанд, пас ӯ (а) куҷо шуд?

Ба ин савол ояти зер ҷавоб медиҳад.

Сураи Нисо Ояти 158

بَل رَّفَعَهُ اللّهُ إِلَيْهِ وَكَانَ اللّهُ عَزِيزًا حَكِيمًا

Ба-р-рафаъаҳуллоҳу илайҳ. Ва коналлоҳу Ъазизан ҳакимо. 158.

158. Балки ӯро Аллоҳ ба сӯйи Худ бардошт. Ва Аллоҳ ғолибу боҳикмат аст.

Балки ҳақиқат он аст, ки Қуръони Карим дар ояти 55-уми сураи "Оли Имрон" ва дар ин ояти мазкур хабар додааст. Яъне яҳудиён Исо (а)-ро кушта натавонистанд. Худованд ӯро ба сӯи Худ бардоштааст. Зеро Аллоҳтаъоло дар ҳама корҳои худ ғолибу боҳикмат аст ва ҳар ҳодисае, ки бар сари Исо (а) ва ёронаш гузашт, ин ҳикмату имтиҳони илоҳӣ буд. Шахсони мусалмон аз мазмуни ин гуна оятҳо ва шунидани ин гуна ҳодисаҳо ақидаашонро дар бораи Исо (а) дуруст мекунанд. Зеро дар маънои ин оятҳо ҳеҷ нодақиқӣ, шубҳа ё шакке нест. Валлоҳу аълам.

Сураи Нисо Ояти 159

وَإِن مِّنْ أَهْلِ الْكِتَابِ إِلاَّ لَيُؤْمِنَنَّ بِهِ قَبْلَ مَوْتِهِ وَيَوْمَ الْقِيَامَةِ يَكُونُ عَلَيْهِمْ شَهِيدًا

Ва им мин аҳли-л китоби илло ла юъминанна биҳи қабла мавтиҳо ва явма-л-қийомати якуну ъалайҳим шаҳидо. 159.

159. Ва аз аҳли Китоб ҳеҷ кас нест, магар ин ки ба Исо қабл аз марги Исо, албатта, имон меорад. Ва рӯзи растохез Исо бар имони онҳо гувоҳ хоҳад буд.

Муфассирони олиқадр дар шарҳи маънои ин оят ду навъ фикр баён намудаанд, ки ҳар ду фикр ба мазмуни ин оят дуруст меояд. Яъне баъзе аз онҳо замире, ки дар калимаи "мавтиҳӣ" омадааст, роҷеъ ба Исо (а) донистаанд. Яъне қабл аз мавти Исо (а). Баъзе аз онҳо замирро роҷеъ ба сӯи аҳли китоб донистаанд. Яъне қабл аз мавти аҳли китоб. Акнун бинобар ихтиёри тоифаи дувуми

муфассирон, валлоҳу аълам, маънои оят чунин мешавад, ки чун вуқӯи қиёмат наздик шавад, Исо (а) ба Замин мефарояд, ҳама аҳли китоб, хоҳ насронӣ ё яҳудӣ, вақто ки худро дар остонаи марг ва Малакулмавтро болои сарашон ҳозир мебинанд, хақиқатро мефаҳманд, ки дар ҳақиқат Исо (а) бандаи Худо ва расули Ӯ будааст, имон меоранду тасдиқ мекунанд. Локин чӣ фоида, аз ин гуна имон овардане, ки ба соҳибаш нафъе расонида наметавонад. Бинобар тафсири гурӯҳи якум, ки машҳур аст, маънои ояти мазкур, валлоҳу аълам, чунин аст: Чун Исо (а) ба рӯи Замин меояд, ҳамаи аҳли китоб ба ӯ (а) пеш аз марги ӯ (а) имон меоранд. Аммо ривояти роҷеҳ он аст, ки на ҳамаи аҳли китоб, балки тоифае аз онҳо ба ӯ (а) имон оварда, тобеи ӯ (а) мешаванд. Ба ҳар тақдир Исо (а) рӯзи қиёмат бар зарари аҳли китоб, агар яҳудӣ бошанд, шоҳидӣ медиҳад, ки Худованд маро ҳамчу пайғамбар барои расонидани амрҳои худ фиристод, аммо онҳо пайғамбарии маро дурӯғ ҳисобиданд. Агар насронӣ бошанд, бар зарари онҳо чунин гувоҳӣ медиҳад, ки ман ҳеҷ гоҳ даъват накарда будам, ки маро Худо ё писари Худо гӯянд, онҳо дар шаъни ман аз ҳадд гузаштагонанд, ҳатто маро писари Худо гуфтаанд. Хотирасон мешавад, ки уммати исломӣ ба фуруд омадани Исо (а) аз осмон дар охирӯз-замон иттифоқ доранд. Зеро аз Расули Худо (с) бештар аз 70 ҳадис ва аз асҳоби киром бештар аз 40 асар дар ин бора ворид шудааст. Насоро ҳам низ ба ҳамин ақидаанд ва аз китобҳои яҳудиён инро низ пайдо кардан мумкин аст. Мувофиқи яке аз ҳадисҳо бо ривояти Абӯҳурайра (р), чуноне ки дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим (р) омадааст, Расулуллоҳ (с) фармуданд. Дарояндаи наздик фарзанди Марям бо унвони ҳокими одил дар миёни шумо фуруд меояд, салиб (крест)-ро мешиканад, хук (даҷҷол)-ро мекушад, ҷизяро вазъ мекунад, мардумро ба сӯи Ислом мехонад ва Худои мутаъол дар замони вай тамоми милал, ба ҷуз миллати исломро ҳалок мегардонад. Сипас, дар рӯи Замин амнияти ом ва том барпо мешавад. Исо (а) чиҳил сол зиндагӣ мекунад, чун аз олам дармегузарад, мусалмонон бар вай намози ҷаноза мегузоранд. Валлоҳу аълам.

Сураи Нисо Ояти 160

فَبِظُلْمٍ مِّنَ الَّذِينَ هَادُواْ حَرَّمْنَا عَلَيْهِمْ طَيِّبَاتٍ أُحِلَّتْ لَهُمْ وَبِصَدِّهِمْ عَن سَبِيلِ اللّهِ كَثِيراً

Фа бизулми-м мина-л-лазина ҳоду ҳаррамно ъалайҳим таййиботин уҳиллат лаҳум ва би саддиҳим ъан сабилиллоҳи касиро. 160.

160. Пас, ба сабаби зулми яҳуд ва ба сабаби (мардуми) бисёреро аз роҳи Худо манъ карданашон, бар онҳо чизҳои покизае ки бар онҳо ҳалол гардонида шуда буд, барояшон ҳаром гардонидем.

Сураи Нисо Ояти 161

وَأَخْذِهِمُ الرِّبَا وَقَدْ نُهُواْ عَنْهُ وَأَكْلِهِمْ أَمْوَالَ النَّاسِ بِالْبَاطِلِ وَأَعْتَدْنَا لِلْكَافِرِينَ مِنْهُمْ عَذَابًا أَلِيمًا

Ва ахзиҳиму-р-рибо ва қад нуҳу ъанҳу ва аклиҳим амвола-н-носи би-л-ботил. Ва аътадно лил кофирина минҳум ъазобан алимо. 161.

161. Ва ба сабаби суд гирифтани онҳо ва ҳол он ки аз он наҳй шуда буданд ва ба сабаби ба ноҳақ молҳои мардумро хӯрданашон, ва барои кофирони аз онҳо азоби дарднокеро муҳайё кардаем.

Дар оятҳои қаблӣ ба чандин хилофкориҳои гузашта ваояндаи яҳудиён ишора шуд. Дар ин оятҳо низ аз ҷасорат ва амалҳои золимона ва ношоистаи онҳо зикр мешавад, ки ҳамаи онҳо сабаби ҷазои дунё ва охирати онҳо шудаасту мешавад. Аз он ҷумла, ба хотири он зулму ситам ва ба хотири боздоштани худ ва мардум аз роҳи ҳақк (Худо ва расули Ӯ) ва ба сабаби куштани пайғамбарон ва дигар гуноҳҳои бузурге, ки карданд, Худованд истифодаи қисмате аз чизҳое, ки истеъмоли онҳо барояшон ҳалол буд, манъ ва ҳаром ҳукм фармуд. Яъне пеш аз нузули Таврот, чуноне ки дар ояти 23-юми сураи "Оли Имрон" гузашт, ба ғайри он чиро, ки Яъқуб (а) барои худ ҳаром (назр) гардонида буд дигар ҳама ашё барои яҳудиён ҳалол буд. Акнун онҳо бо он табиати хабисе, ки доштанд, даст ба гуноҳҳои бузург зада, Исо (а)-ро пайравӣ накарданд, онҳо аз рибохурӣ (протсент) манъ шуда буданд, ба ин амр аҳамияте ҳам надода, рибохӯрии худро идома дода, бо роҳҳои ботил (ришвахурӣ) моли мардумро хӯрданд. Бинобар ин, чуноне ки дар ояти 146-уми сураи "Анъом" бо тафсил ин масъала эзоҳ мешавад, Худованд хеле ашёро барои онҳо ҳаром гардонид, аз он ҷумла ҳайвонҳои яксумро (мисли уштур) ва чарбуи гову гӯсфанд ва ғайраро ва бо ин тартиб барои ҷазои дунявии яҳудиён шариаташро сахту танг сохт. Яъне чун Таврот нозил шуд, диданд, ки Таврот бисёр чизҳоро ҳаром ҳукм фармудааст. Ин ҷазои дунявӣ ва ин шариати танг барои онҳо кифоя набуд, аз ин сабаб дар охири ояти мазкур Худованд фармуд, ки барои кофирони онҳо (яъне, яҳудӣ) азоби аламнокро омода кардаем. Бале! Аз ин бадсириштони мутаассиби нолоиқ ҷои тааҷҷуб нест, онҳо ҳатто беҳтарин китоби осмонӣ Қуръонро нокифоя донистанд, ба Пайғамбари охируззамон имон наоварда, рисолати ӯ (с)-ро дурӯғ ҳисобиданд. Чун Худованд авзои гузашта ваояндаи онҳоро медонист, ин азоби шадиди аламоварро барои афроди кофиршудаи онҳо муҳайё сохт. Ояти баъдӣ, ба таври умумӣ барои имоновардагон аҳамияти хоссе медиҳад ва ба онон аз савоби бузург мужда медиҳад.

Сураи Нисо Ояти 162

لَّكِنِ الرَّاسِخُونَ فِي الْعِلْمِ مِنْهُمْ وَالْمُؤْمِنُونَ يُؤْمِنُونَ بِمَا أُنزِلَ إِلَيكَ وَمَا أُنزِلَ مِن قَبْلِكَ وَالْمُقِيمِينَ الصَّلاَةَ وَالْمُؤْتُونَ الزَّكَاةَ وَالْمُؤْمِنُونَ بِاللّهِ وَالْيَوْمِ الآخِرِ أُوْلَئِكَ سَنُؤْتِيهِمْ أَجْرًا عَظِيمًا

*Локини-р-росихуна фи-л-ъилми минҳум ва-л муъминуна юъминуна би ма унзила илайка ва ма унзила мин қаблик. Вал муқимина-с-салоҳ. Ва-л муътуна-з-закота ва-л-муъминуна биллоҳи ва-л явми-л-охири улаика сануътиҳим аҷран ъазимо. 162.*

162. Лекин аз онҳо собитқадамони дар илмро ва муъминоне ки ба он чӣ фуруд оварда шуд ба сӯйи ту ва ба он чӣ пеш аз ту фуруд оварда шуд, имон меоранд, ва барподорандагони намозро ва закотдиҳандагонро ва имон овардагони ба Худованду ба рӯзи охиратро ба зудӣ савоби бузург ба онҳо медиҳем.

Ибни Касир сабаби нузули ин оятро бо ривояти Ибни Аббос (р) Ислом овардани якчанд яҳудинажод чун Абдуллоҳ ибни Салом ва Саъалаба ибни Саъят ва Асад ибни Саъят ва Асад ибни Ӯбайд, донистааст. Зеро онҳо дар ҳақиқат ба он чӣ ба Расулуллоҳ (с) нозил шуд, имон оварданд ва сазовори навиди ин оят шуданд.

Аз ояти мазкур чунин маълум мешавад, ки Қуръони карим ягон нажод ё ягон тоифаеро хос мазаммат намекунад. Балки аз кадом нажоде бошанд, касонеро мазаммат мекунад, ки онҳо олудаи ширку куфранд. Хулоса, Худованд дар ин оят хабар додааст, ки афроди покдомани яҳудинажод, аз он сифатҳои баде, ки дар оятҳои қаблӣ гузашт, пок буда, балки мавриди ситоиш қарор доранд. Яъне баъзе аҳли китоб бо он илму маълумоте, ки дар бораи ояндаи худ доштанд, амал намуда, чун ҳақиқатро мушоҳида намуданд, дарҳол ба Қуръону Пайғамбари охируззамон имон оварданд. Муъмин шуданд. Барои муъминҳое, ки ба Расулуллоҳ (с) ва ба китобҳои нозилшуда ва пайғамбарони гузашта имон овардаанд, ба хусус намозгузорон ва закотдиҳандагон ва имоновардагон ба Аллоҳ ва рӯзи охират, навиду мужда ин аст, ки Аллоҳтаъоло ба зудӣ барои онҳо аҷри бузургро ато мефармояд. Ба ҳамин далел, гурӯҳе аз бузургони яҳуд, ҳангоме ки Расули Аллоҳ пайғамбарии худро ошкор намуд, ҳақиқати ӯро бо тавфиқи Илоҳӣ фаҳмиданд, ба Ислом гаравиданд, бо ҷону дил аз ӯ ҳимоят карданд, мавриди эҳтироми Пайғамбар (с) ва ҷамии мусалмонон қарор гирифтанд.

Худованд дар ояти баъдӣ хабар медиҳад, ки фиристодани ваҳй ва фуруд омадани китобҳои осмонӣ бар Муҳаммад (с) амри навпайдо набуда, балки Худованди таъоло барои дигар пайғамбарони гузашта низ ваҳй ва китобҳое фиристодааст.

Сураи Нисо Ояти 163

إِنَّا أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ كَمَا أَوْحَيْنَا إِلَى نُوحٍ وَالنَّبِيِّينَ مِن بَعْدِهِ وَأَوْحَيْنَا إِلَى إِبْرَاهِيمَ وَإِسْمَاعِيلَ وَإِسْحَاقَ وَيَعْقُوبَ وَالأَسْبَاطِ وَعِيسَى وَأَيُّوبَ وَيُونُسَ وَهَارُونَ وَسُلَيْمَانَ وَآتَيْنَا دَاوُودَ زَبُورًا

Инна авҳайна илайка кама авҳайна ило Нуҳи-в ва-н-набиййина мин баъдиҳ. Ва авҳайна ила Иброҳима ва Исмоъила ва Исҳоқа ва Яъқуба ва-л асботи ва Ъисо ва Аййуба ва Йунуса ва Ҳоруна ва Сулаймон. Ва отайно Довуда Забуро. 163.

163. Бегумон, Мо ба сӯйи ту ваҳй фиристодем, чуноне ки ба сӯйи Нӯҳ ва пайғамбароне ки баъд аз вай буданд, ваҳй фиристодем ва чунон ки ба сӯйи Иброҳим ва Исмоъил ва Исҳоқ ва Яъқуб ва (ба) асбот (наберагонаш) ва Исо ва

Айюб ва Юнус ва Ҳорун ва ба Сулаймон ваҳӣ фиристодем ва чунон ки ба Довуд Забурро додем.

Сабаби нузули ин оятро Ибни Касир аз Муҳаммад ибни Исҳоқ ва дар охир аз Ибни Аббос (р) ривоят кардааст, ки чун ҷамоае аз яҳудиён аз он ҷумла Адий ибни Зайд ба Пайғамбари Аллоҳ гуфтанд: "Ай Муҳаммад! Мо намедонем, ки Худованд баъди Мӯсо (а) ба касе ваҳйи худро фиристода бошад." Ҳамоно буд, ки Аллоҳтаъоло ояти мазкурро нозил кард ва дар он фармуд, ки Мо, чуноне ки ба сӯйи Нӯҳ (а) ваҳйи Худро фиристодем, ҳамчунин ба сӯи ту ҳам, ай Муҳаммад (с) пайғоми Худро фиристодем. Инчунин ба ҷамии пайғам-бароне, ки баъди Нӯҳ (а) гузаштаанд, ин ҳукми хосс (пайғоми худ)-ро фиристодем. Яъне Он Зоти ягона дар ҳар замон аз байни мардум яке аз бандагони худро ба пайғамбарӣ интихоб намуд ва пайғоми хоси худро барои роҳбарии мардум фиристод. Ҳамон Зоти якто Муҳаммад (с)-ро ба пайғамбарии Худ интихоб намуд ва ваҳйи Худро ба ӯ (с) фиристод. Яҳудиён бояд донанд, ки ин кори тааҷҷубовар нест, ҳатто Аллоҳтаъоло ин пайғоми хоси хешро ба Иброҳим (а) ва Исмоил ва Исҳоқ ва Яъқуб ва Асбот (пайғамбароне, ки аз авлоди Яъқуб (а) ба дунё омадаанд) ва Исо ва Айюб ва Юнус ва Ҳорун ва Сулаймон (бар ҳамаи онҳо дуруду салом) фиристодааст. Ҳатто ба Довуд (а) китоби Худ "Забур"-ро фиристодааст. Ёдовар мешавем, ки дар ояти карима зикри Муҳаммад (с) муқаддам омадааст, ҳол он ки пайғамбари охир аст, ин аз ҷиҳати фазли ӯ (с) аст. Баъди зикри ӯ (с) зикри Нуҳ (а) шуд. Ин барои он аст, ки Нуҳ (а) шайхуланбиё ва Абулбашари сонист. Баъдан зикри Иброҳим (а) меояд, барои он аст, ки Иброҳим (а) Абулбашари севум аст ва шаҷараи пайғамбарони баъдӣ ба Иброҳим (а) мерасад ва ба ҳамин тартиб шарафу фазли ҳар яке аз онҳо маълум мешавад. Тарҷумаи ҳоли ҳар яке аз онҳо, иншоаллоҳ, дар сураи "Анбиё" зикр мешавад.

Сураи Нисо Ояти 164

وَرُسُلاً قَدْ قَصَصْنَاهُمْ عَلَيْكَ مِن قَبْلُ وَرُسُلاً لَّمْ نَقْصُصْهُمْ عَلَيْكَ وَكَلَّمَ اللّهُ مُوسَى تَكْلِيمًا

Ва русулан қад қасасноҳум ъалайка мин қаблу ва русула-л лам нақсусҳум ъалайк. Ва калламаллоҳу Мусо таклимо. 164.

164. Ва пайғамбароне, ки достони онҳоро пеш аз ин ба ту хондаем ва пайғамбаронеро фиристодем, ки достони онҳоро бар ту нахондаем. Ва Аллоҳ ба Мӯсо ошкоро сухан гуфт.

Аллоҳтаъоло ба пайғамбари Худ Муҳаммад (с) дар ин оят хабар медиҳад, ки саргузашту қиссаи баъзе пайғамбаронро барои ту пеш аз ин оят гузашт, яъне дар сураҳое, ки дар Макка нозил шудаанд, хабар додем ва қиссаи баъзе аз онҳоро барои ту ҳоло наовардаем. Ва аз байни онҳо Мӯсо (а)-ро хосс гардонида ва ӯ (а) бевосита бо Аллоҳтаъоло сухан гуфт. Аз ҳамин ҷиҳат Мӯсо (а)-ро Калимуллоҳ меноманд. Ном ва қиссаи пайғамбароне, ки дар Қуръони маҷид зикр мешаванд

инҳоянд: Одам, Идрис, Нуҳ, Ҳуд, Солеҳ, Иброҳим, Лут, Исмоъил, Исҳоқ, Яъқуб, Юсуф, Айюб, Шуъайб, Мусо, Ҳорун, Юнус, Довуд, Сулаймон, Алясаъ, Илёс, Закариё, Яҳё, Исо, Зулкифл ва саййиди онҳо Муҳаммад (с) (бар ҳамаи онҳо дуруду саломи илоҳӣ бод). Яъне номи 25-нафари онҳо дар Қуръон зикр ёфтааст. Аммо он пайғамбароне, ки дар Қуръон зикри онҳо наомадааст, бо маълумоти муътамади Ибни Мурдавия ва дар охир аз Абӯзари Ғифорӣ (р) ривояте омадааст, бояд ба он бовар дошт. Яъне Абузари Ғиффорӣ (р) мегӯяд, ки ман аз Расулуллоҳ (с) пурсидам, ки ё Расулаллоҳ, адади Анбиё (а) чандаст? Расулуллоҳ (с) дар ҷавоб гуфтанд: Адади Анбиё (а) (124000) яксаду бистучаҳор ҳазоранд. Абӯзари Ғиффорӣ (р) мегӯяд, ки боз аз Расулуллоҳ (с) пурсидам, ки чанде аз онҳо расуланд? Ӯ (с) дар ҷавоб гуфтанд: Сесаду даҳтои (310) онҳо ва бисёрии аз онҳо расуланд.

Хулоса ваҳй (пайгом) дар ҳама ҳол хоҳ бо воситаи фаришта, хоҳ бо сухангӯӣ мисли сухангӯии Худованд бо Мӯсо (а) содир шуда бошад, ҳукми илоҳӣ буда, имон овардан ба он фарз аст. Яъне касе, ки пайғамбари Аллоҳ бошад, ба ӯ бо яке аз ин восита, албатта, ваҳй нозил шудааст. Акнун касе фақат яке аз ин воситаро эътироф кунад ниҳоят беимон аст.

Сураи Нисо Ояти 165

رُّسُلاً مُّبَشِّرِينَ وَمُنذِرِينَ لِئَلاَّ يَكُونَ لِلنَّاسِ عَلَى اللّهِ حُجَّةٌ بَعْدَ الرُّسُلِ وَكَانَ اللّهُ عَزِيزًا حَكِيمًا

Русула-м мубашширина ва мунзирина ли алло якуна ли-н-носи ъалаллоҳи ҳуҷҷатун баъда-р-русул. Ва коналлоҳу Ъазизан ҳакимо. 165.

165. Пайғамбаронро муждадиҳанда ва тарсонанда фиристодем, то мардумро бар Худованд, баъди фиристодани пайғамбарон ҳуҷҷате набошад. Ва Аллоҳ ғолибу боҳикмат аст.

Аллоҳтаъоло фарзанди инсонро ақл дод, то некро аз бад ва сафедро аз сиёҳ чудо созанд. Агар Аллоҳтаъоло бо туфайли додани ақл аз инсон пурсад, ки чаро ақли худро кор нафармудӣ ва чаро ибодати маро накардӣ, ҳақ дорад. Акнун, ки ақл дар расонидани инсон ба манзили бахт ноқис аст, Худованди таъоло бо меҳрубонии Худ, то ин ки ёфтани роҳи хушбахтии дунё ва охират барои онҳо осон шавад, пайғамбарон ва китобҳои худро пайи ҳам фиристод, то онҳо муъминонро башорат ба Ҷаннат диҳанд ва кофиронро аз Ҷаҳаннам битарсонанд. Баъди фиристодани онҳо, дигар ҳеч узре ва ҳеҷ ҳуҷҷате боқӣ намонд ва чун азобро бинанд, гуфта натавонанд, ки ай Аллоҳ, агар пайғамбарони худро мефиристодӣ, мо ба ӯ имон меовардем, тобеи ӯ мешудем, ибодати Туро мекардем. Чунин мазмун дар сураи "То Ҳо" ояти 134-ум, иншоаллоҳ, меояд. Ба ҳар тақдир, Худованд дар тасарруфи мулки Худ ва дар муҷозот додани мункирон ғолибу тавоност ва ҳар чи ки мекунад, ҳикмати Ӯст.

Дар оятҳои баъдӣ, Аллоҳтаъоло пайғамбари худ Муҳаммад (с)-ро тасаллӣ дода, мефармояд, ки агар аҳли китоб пайғамбарии туро инкор кунанд ҳам, аҳамият надеҳ, бигзор онҳо инкор кунанд, шоҳидии Аллоҳ барои ту кифоя аст.

Сураи Нисо Ояти 166

لَّكِنِ اللّهُ يَشْهَدُ بِمَا أَنزَلَ إِلَيْكَ أَنزَلَهُ بِعِلْمِهِ وَالْمَلآئِكَةُ يَشْهَدُونَ وَكَفَى بِاللّهِ شَهِيدًا

*Локиниллоҳу яшҳаду би ма анзала илайк. Анзалаҳу би ъилмиҳ. Ва-л-малаикату яшҳадун. Ва кафо биллоҳи шаҳидо. 166.*

166. *Лекин Аллоҳ ба он чӣ ба сӯйи ту фурӯ фиристодааст, гувоҳӣ медиҳад, ки онро ба илми Худ фурӯ фиристодааст ва фариштагон (низ) гувоҳӣ медиҳанд ва Аллоҳ аз рӯи гувоҳӣ додан басандааст.*

Ибни Исҳоқ сабаби нузули ин оятро аз Ибни Аббос (р) чунин ривоят мекунад: "Гурӯҳе аз яҳудиён назди Расулуллоҳ (с) омаданд, Расулуллоҳ (с) ба онҳо гуфтанд: "Ба Худо қасам. Шумо хуб медонед, ки ман Расули Аллоҳам!" Онҳо дар ҷавоб гуфтанд: "Мо ба ин кори ту илме надорем ва огоҳ ҳам нестем ва гувоҳӣ ҳам дода наметавонем, ки ту пайғамбарӣ!". Ин сабаб буд, ки ояти мазкур нозил шуд, Аллоҳтаъоло дар он фармуд, ки бигзор онҳо ба пайғамбарии ту ва ба он чи барои ту нозил шудааст, (яъне ба Қуръон) гувоҳи надиҳанду худро ба нодонӣ зананд. Аллоҳ худаш шоҳидӣ медиҳад, ки ту пайғамбари барҳақ ҳастӣ, ки барои ту ваҳю Қуръони азимро бо илми хоси Худ нозил кардааст. Қуръон чунон китобест, ки аз он ягон кори ботиле сар намезанад. Зеро иродаи Ӯ таъоло ин аст, ки мардум он чиро, ки дар Он навишта шудааст мутолиа кунанду фаҳманд, ки розигии Аллоҳ дар чист, чиро дӯст медораду чиро бад мебинад ва чиро намехоҳад ва ғайра. Оё аз шоҳидӣ додани Аллоҳ шоҳидии болотаре ҳаст? Ҳаргиз! Дар ҳақиқат Аллоҳтаъоло Қуръонро бо илми хосе нозил кардааст, ки дигарон аз чунин кор оҷизанд ва ҳеҷ кас ба ғайри Аллоҳ ин илми хосро соҳиб нест. Фариштагон ҳам шоҳидӣ медиҳанд. Агар як гурӯҳи мардум гувоҳӣ надиҳанд, асло надиҳанд. Гувоҳии Аллоҳтаъоло барои барҳаққ будани пайғамбарии ту, кифоя аст.

Акнун ҳоли касоне, ки ба шоҳидӣ додани Аллоҳ ва фариштагон зиддият нишон медиҳанд, дар ояти зер баён мешавад.

Сураи Нисо Ояти 167

إِنَّ الَّذِينَ كَفَرُواْ وَصَدُّواْ عَن سَبِيلِ اللّهِ قَدْ ضَلُّواْ ضَلاَلاً بَعِيدًا

*Инна-л лазина кафару ва садду ъан сабилиллоҳи қад Заллу Залолан баъидо. 167.*

167. *Ҳаройина, касоне, ки кофир шуданд ва мардумро аз роҳи Худо боз доштанд, батаҳқиқ, сахт гумроҳ шуданд.*

Ояти мазкур, валлоҳу аълам, давоми ояти боло буда, дар он Аллоҳтаъоло сифати кофиронро баён намуда, фармудааст, ки дар ҳақиқат касоне, ки кофир

шуданд ва мардумро бо суханбофиҳои худ аз роҳи Аллоҳ (Ислом) ба роҳи инкори пайғамбарии Муҳаммад (с) кашонда аз имон овардан ба ӯ (с) боз доштанд ва бо далелҳои сохтаи худ гуфтанд, ки мо сифатҳои ӯ (Муҳаммад) (с)-ро дар китобҳои худ наёфтем, мо фақат инро медонем, ки пайғамбарӣ дар насли Ҳорун ва Довуд ба охир расидааст, шариати Мӯсо (а) асло мансух нашудааст, на танҳо кофиранд, балки дар гумроҳии ниҳоят дуранд ва ниҳоят ба ҷаҳолат фурӯ афтодагонанд.

Сураи Нисо Ояти 168

إِنَّ الَّذِينَ كَفَرُواْ وَظَلَمُواْ لَمْ يَكُنِ اللّهُ لِيَغْفِرَ لَهُمْ وَلاَ لِيَهْدِيَهُمْ طَرِيقاً

Инна-л-лазина кафару ва заламу лам якуниллоҳу ли яғфира лаҳум ва ло ли яҳдияҳум тариқо. 168.

168. Ҳаройина, касоне, ки кофир шуданд ва ситам карданд, ҳаргиз Аллоҳ онҳоро наёмурзад ва онҳоро ба роҳи рост ҳидоят намекунад,

Сураи Нисо Ояти 169

إِلاَّ طَرِيقَ جَهَنَّمَ خَالِدِينَ فِيهَا أَبَدًا وَكَانَ ذَلِكَ عَلَى اللّهِ يَسِيرًا

Илло тариқа Ҷаҳаннама холидина фиҳа абадо. Ва кона золика ъалаллоҳи ясиро. 169.

169. Магар роҳи Дӯзах, ки дар он ҳамеша ҷовидон монанд. Ва ин кор бар Аллоҳ осон аст.

Дар асл кофир шудан, чуноне ки дар оятҳои қаблӣ гузашт, бисёр зулми бузург аст. Яъне касоне, ки кофир мешаванд ва сифатҳои Пайғамбар (с)-ро, ки дар китобҳояшон навишта шуда аст, пинҳон медоранд ва мардумро бо роҳи фиреб, зӯрӣ ва сиёсат, аз роҳи ҳақиқат боз медоранд, онҳо зулмро болои зулм ихтиёр кардаанд. Аз ҳамин сабаб ҷазои ин гуна шахсон ин аст, ки Худованд онҳоро на мағфират мекунад ва на онҳоро ба роҳи рост ҳидоят менамояд. Агар раҳсипор кунад он як роҳ аст роҳи Ҷаҳаннам, ки дар он абадӣ боқӣ мемонанд. Дохил шудани ингуна шахсон ва дар Ҷаҳаннам ҷовидон мондани онҳо барои Аллоҳ осон буда, ҳеҷ мушкилие надорад.

Сураи Нисо Ояти 170

يَا أَيُّهَا النَّاسُ قَدْ جَاءكُمُ الرَّسُولُ بِالْحَقِّ مِن رَّبِّكُمْ فَآمِنُواْ خَيْرًا لَّكُمْ وَإِن تَكْفُرُواْ فَإِنَّ لِلَّهِ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضِ وَكَانَ اللّهُ عَلِيمًا حَكِيمًا

Йа айюҳа-н-носу қад ҷаакуму-р-расулу би-л-ҳаққи ми-р-Раббикум фа омину хайра-л лакум. Ва ин такфуру фа инна лиллоҳи мо фи-с-самовоти ва-л-арз. Ва коналлоҳу Ъалиман ҳакимо. 170.

170. Эй мардум, батаҳқиқ, шуморо аз ҷониби Парвардигоратон ба ростӣ пайғамбар омад, пас, имон биёред, ки ин барои шумо беҳтар аст. Ва агар кофир шавед, пас ҳаройина, он чи дар осмонҳост ва он чӣ дар Замин аст, барои Худост. Ва Аллоҳ донову боҳикмат аст.

Пас аз он, ки тасдиқи ҳақиқати Пайғамбару Қуръон ва гумроҳӣ ва хатогиҳои аҳли китоб дар оятҳои қаблӣ гузашт, Аллоҳтаъоло дар ояти мазкур бо таври умум барои ҷамии мардум нидо намуда мефармояд, ки ай мардуми дунё, дар шаъни пайғамбарон, бахусус дар шаъни Пайғамбари охируззамон, Муҳаммад (с), ҳар чи ки хостед, гуфтед. Локин, дар ҳақиқат ӯ (с) аз назди Парвардигор дини ҳаққеро барои шумо овардааст. Инро бояд бидонед, ки беҳтар барои шумо онаст, ки ӯро қабул фармоед ва имон оред! Зеро имон овардан ба ӯ (с) некбахтии дунё ва охирати шумост. Агар шумо ба ӯ (с) кофир шавед, ин бар зарари шумост. Зеро Худованд ба шумо ва ба имони шумо муҳтоҷ нест. Аз куфр ё имони шумо на зараре ба Аллоҳ мерасад ва на фоидае. Ҳар чӣ дар осмонҳо ва Замин аст, ҳама мулки Худост, ба кофир шудани гурӯҳе, ҳеҷ чизе аз мулки Аллоҳ кам немешавад. Аллоҳ аз ҳоли ҳамаи махлуқот огоҳ аст. Ҳар чиро, ки Аллоҳ шариат гардонид, ё чизеро тақдиру тадбир кардааст, ин ҳама ҳикмати Ӯст.

Дар оятҳои зер, ақидаи ботил ва хатои аҳли китоб (агар қабул кунанд) ислоҳ карда мешавад.

Сураи Нисо Ояти 171

يَا أَهْلَ الْكِتَابِ لاَ تَغْلُواْ فِي دِينِكُمْ وَلاَ تَقُولُواْ عَلَى اللّهِ إِلاَّ الْحَقِّ إِنَّمَا الْمَسِيحُ عِيسَى ابْنُ مَرْيَمَ رَسُولُ اللّهِ وَكَلِمَتُهُ أَلْقَاهَا إِلَى مَرْيَمَ وَرُوحٌ مِّنْهُ فَآمِنُواْ بِاللّهِ وَرُسُلِهِ وَلاَ تَقُولُواْ ثَلاَثَةٌ انتَهُواْ خَيْرًا لَّكُمْ إِنَّمَا اللّهُ إِلَـهٌ وَاحِدٌ سُبْحَانَهُ أَن يَكُونَ لَهُ وَلَدٌ لَّهُ مَا فِي السَّمَاوَات وَمَا فِي الأَرْضِ وَكَفَى بِاللّهِ وَكِيلاً

Йа аҳла-л-китоби ло тағлу фи диникум ва ло тақулу ъалаллоҳи илла-л-ҳаққ. Иннама-л-Масиҳу Ъисабну Маряма расулуллоҳи ва калиматуҳу алқоҳа ило Маряма ва руҳу-м минҳ. Фа омину биллоҳи ва русулиҳи ва ло тақулу салосаҳ. Интаҳу хайра-л-лакум. Иннамаллоҳу Илоҳу-в-Воҳид. Субҳонаҳу ан якуна лаҳу валад. Лаҳу мо фи-с самовоти ва мо фи-л-арз. Ва кафо биллоҳи вакило. 171.

171. Эй аҳли Китоб, дар динатон аз ҳад магузаред ва дар шаъни Аллоҳ магӯед, магар сухани рост! Ҷуз ин нест, ки Масеҳ Исо писари Марям, фиристодаи Худо ва калимаи Ӯст, ки ӯро ба сӯйи Марям афганд ва ӯ рӯҳест аз ҷониби Худо. Пас, имон оред ба Аллоҳ ва ба пайғамбарони Ӯ ва магӯед, ки «худоён сеанд!». Ин гуфторро бигзоред, то он чи барои шумо беҳтар аст, онро биёред. Ин аст, ҷуз ин

нест, ки Аллоҳ ягона аст. Аз он ки барои Ӯ фарзанд бошад, пок аст. Он чӣ дар осмонҳост ва он чӣ дар Замин аст, аз они Ӯст. Ва Аллоҳ аз рӯи корсозӣ кифоякунандааст.

Дар шарҳи мазмуни ояти мазкур Ибни Касир бо ривояти Имом Аҳмад (р) аз Ҳишом ва дар охир аз Ибни Аббос (р) ва Умар (р) чунин ҳадисро овардааст, ки Расулуллоҳ (с) фармудаанд: "Дар мадҳу ситоиши ман муболиға макунед! Чуноне ки насоро дар мадҳи Исо ибни Марям (а) муболиға карданд. Ҷуз ин нест, ки ман бандаи Худоям, пас бигӯед: Муҳаммад бандаи Худо ва расули Ӯст." Яъне ояти мазкур ақидаи насрониҳоро, ки дараҷаи Исо (а)-ро, ки пайғамбарист, то он ҷое баланд бардоштаанд, ки ӯ (а)-ро Худо ё писари Худо гуфтанд, муолиҷа намуда, ба онҳо бо наҳйӣ хитоб намуда мефармояд, ки ай аҳли китоб! Дар он дине, ки барои шумо аз тарафи Аллоҳ муқаррар шудааст, аз ҳадду андоза зиёд таҷовуз накунед! Дар шаъни Аллоҳ ба ҷуз суханҳои ҳаққ, чизи дигаре нагӯед! Зимнан маълум мешавад, ки дар ибтидо дини насрониҳо дар шаъни Аллоҳ ва пайғамбарон ҳеҷ нуқсоне надошта саҳеҳ будааст. Мутаассифона, бо гузашти замон, ақидаи саҳеҳашон чунон рӯ ба харобӣ овардааст, ки насрониҳои баъдомада Исо (а)-ро, ки ӯ (а) махлуқу бандаи Худо ва пайғамбари Ӯст, фарзанди Худо гуфтанд. Боз баъди гузаштани чанд вақте насрониҳои баъдомада гуфтанд: Аллоҳ аз се асл (падар, писар ва рӯҳи муқаддас) иборат аст ва Марям (а)-ро низ то дараҷаи илоҳӣ бардоштанд. Хулоса, насрониҳо дар бораи шинохтани Исо (а) ғулув намуда, бисёр гумроҳ шуданд.

Бинобар ин, он чӣ Қуръони карим дар шаъни Исо (а) фармудааст, он ақида саҳеҳ ва ғайри он ботилу гумроҳист.

Яъне Қуръони Карим дар шаъни Исо (а) мегӯяд: Масеҳ Исо ибни Марям (а) пайғамбару калимаи (сухани) Аллоҳ аст, ки Ҷабраил (а) бо амри Аллоҳ дар гиребони Марям (а) илқо кард (яъне, дамид) ва Аллоҳ "Шав" гуфт, дарҳол Марям (а) ҳомила шуд. Фарқ ин аст, ки ӯ (а) дар батни модар, мисли дигар инсонҳо, на аз (нутфаи) падар, балки бо амри Аллоҳ пайдо шуд, чуноне ки қолаби Одам (а)-ро аз лой сохт ва дар он аз рӯҳи Худ дамид ва Одам (а) пайдо шуд. Исо (а) ҳам рӯҳи Аллоҳ аст. Хабари дигари Қуръон ин аст, ки Исо (а) мисли Иброҳим, Мӯсо, Муҳаммад (с) ва дигар пайғамбарон (а) пайғамбар аст. Ҳақиқат ҳамин аст, на ғайр. Пас, дар ҷумлаи баъдӣ Аллоҳтаъоло бо таври умум мефармояд, ки ба Аллоҳ ва ба ҳама пайғамбарон бе истисно имон оред! Яъне ба Худои ягона ва ба ҷамии пайғамбарони фиристодаи Аллоҳтаъоло, аз он ҷумла ба Исо (а) ва ба Муҳаммад (с) имон оред! Зеро ба ғайри Аллоҳи ягона дигар Илоҳе барҳақ нест. Беҳтар барои шумо он аст, ки Ӯро сето нагӯед, аз се гуфтани Худо ва аз ин гуна эътиқоди нодуруст, даст кашед. Зеро Худоро се гуфтан гумроҳист. Ӯ таъоло аз ин гуна сифатҳо ва аз доштани зану фарзанд пок аст. Ӯ таъоло ба ҳеҷ чиз муҳтоҷ нест. Мақсад аз фарзанддорӣ насли худро боқӣ гузоштан аст. Ба фарзанд доштан Аллоҳтаъоло чӣ ҳоҷат дорад, ҳол он ки тамоми ашёи осмонҳо ва Замин аз они Ӯст?! Чӣ хуб аст, ки инсон холис бандаи Ӯ таъоло бошад. Касе худро бандаи Аллоҳ ҳисобад ва зери амри Ӯ ризову таслим шавад, Худованд дар ҳама кор, чӣ дар дунё ва чӣ дар охират,. вакили ӯ ва кифояву басандаву ёвари ӯст.

Дар ояти баъдӣ, Аллоҳтаъоло даъвои беҳуҷҷати насороро рад намуда, мефармояд.

Сураи Нисо Ояти 172

لَّن يَسْتَنكِفَ الْمَسِيحُ أَن يَكُونَ عَبْداً لِّلّهِ وَلاَ الْمَلآئِكَةُ الْمُقَرَّبُونَ وَمَن يَسْتَنكِفْ عَنْ عِبَادَتِهِ وَيَسْتَكْبِرْ فَسَيَحْشُرُهُمْ إِلَيهِ جَمِيعًا

*Ла*-н ястанкифа-*л*-Масиҳу ан якуна ъабда-*л* *лиллоҳи* ва *ла*-*л*-малаикату-*л*-муқаррабун. Ва ма-н ястанкиф ъан ъибодатиҳи ва ястакбир фа са яҳшуруҳум илайҳи ҷамиъо. 172.

172. Масеҳ аз ин ки бандаи Худо бошад, ҳаргиз нанг (саркашӣ) надорад ва фариштагони муқарраб низ (аз бандагӣ нанг надоранд). Ва шахсе аз бандагии Худо ор кунад ва такаббурӣ кунад, пас, зуд аст, ки Худованд ҳамаи онҳоро ба сӯйи Худ ҷамъ хоҳад кард.

Соҳиби "Сафвату-т-тафосир" сабаби нузули ояти мазкурро чунин мегӯянд: "Гурӯҳе аз масеҳиён (насрониҳо) назди Расулуллоҳ (с) омада арз карданд, ки чаро пешвои моро айб мерасонӣ?" Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Пешвои шумо кист ва ман чӣ айб расонидам?" Онҳо гуфтанд: "Пешвои мо Исо аст ва ту ӯро бандаи Худо ва расули Ӯ мегӯӣ?!" Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Ин айб расонидан нест".

Ҳамоно ояти мазкур нозил шуд ва Аллоҳтаъоло дар он хабар дод, ки Исо (а) ҳаргиз аз бандаи Аллоҳ буданаш нафрат накарда ва ҳеҷ вақт банда будани худро айб нашумо475ридааст. Ҳатто банда будани худро Исо (а) барои худ иззату эҳтироми Парвардигор дониста, аз он асло безорӣ накардааст, балки хушҳол аст. Фариштагон ҳам инчунин. Касоне, ки фариштагонро парастиш мекунанд, бояд донанд, ки фариштагон ҳам бандагони итоаткори Аллоҳ буда, дар иҷрои бандагии худ ҳаргиз кибру ору нафрат надоранд. Агар касе аз ибодати Аллоҳи ягона нанг дошта, кибр варзад, бояд донад, ки ба зудӣ ҳамаи онҳоро Аллоҳ назди худ рӯзи қиёмат ҷамъ меорад ва аз онҳо бинобар амалҳои анҷомдодаашон одилона ҳисоб мегирад ва ҳар касро дар баробари амалҳояш ҷазои муносиб медиҳад. Зимнан маълум шуд, ки агар ибодати Аллоҳ иҷро нашавад, ақидае, ки ба ҳастии Аллоҳ дорад, бефоида аст.

Сураи Нисо Ояти 173

فَأَمَّا الَّذِينَ آمَنُواْ وَعَمِلُواْ الصَّالِحَاتِ فَيُوَفِّيهِمْ أُجُورَهُمْ وَيَزيدُهُم مِّن فَضْلِهِ وَأَمَّا الَّذِينَ اسْتَنكَفُواْ وَاسْتَكْبَرُواْ فَيُعَذِّبُهُمْ عَذَابًا أَلُيمًا وَلاَ يَجِدُونَ لَهُم مِّن دُونِ اللّهِ وَلِيًّا وَلاَ نَصِيرًا

Фа амма-л лазина оману ва ъамилу-с-солиҳоти фа юваффиҳим уҷураҳум ва язидуҳум мин фазлиҳ. Ва амма-л-лазинастанкафу ва-с-такбару фа юъаззибуҳум ъазобан алима-в ва ло яҷидуна лаҳумм мин дуниллоҳи валийййа-в ва ло насиро. 173.

173. Аммо касоне, ки имон оварданд ва корҳои шоиста карданд, савоби онҳоро аз фазли Худ зиёду пурраву комил медиҳад. Ва аммо касоне, ки нанг карданд ва такаббурӣ намуданд, онҳоро азоби дарднок диҳад ва аз ғайри Аллоҳ ҳеҷ дӯст ва ҳеҷ ёридиҳандае намеёбанд.

Чун ҳамаи мардум рӯзи қиёмат назди Аллоҳ ҷамъ мешаванд, мартабаи ҳамаи онҳо баробар набуда, ояти мазкур онҳоро ба ду тоифа ҷудо сохта, мефармояд, ки касоне, ки имон оварданд ва амалҳои солеҳро (хоҳ фарз, хоҳ воҷиб ё мустаҳаб, хоҳ онҳо ҳаққи Аллоҳ буданд, хоҳ ҳаққи бандагон) иҷро намуданд, он аҷреро, ки барои иҷрои ин гуна амалҳо ваъда шуда буд, ба таври комилу фаровон соҳиб мешаванд.

Аммо касоне, ки аз ибодати Аллоҳ нангу ор намуда, кибр варзиданд, зуд аст, ки ба ғазабу азоби аламноки Аллоҳ гирифтор шаванд ва ҳеҷ дӯсту ҳеҷ ёваре ба ғайри Аллоҳ наёбанд, ки онҳоро ёрӣ расонад.

Сураи Нисо Ояти 174

يَا أَيُّهَا النَّاسُ قَدْ جَاءَكُم بُرْهَانٌ مِّن رَّبِّكُمْ وَأَنزَلْنَا إِلَيْكُمْ نُورًا مُّبِينًا

Йа айюҳа-н-носу қад ҷаакум бурҳонум ми-р Раббикум ва анзална илайкум нура-м мубино. 174.

174. Эй мардум! Батаҳқиқ, шуморо аз ҷониби Парвардигоратон ҳуҷҷате омад. Ва ба сӯйи шумо рӯшноии ошкор фуруд овардем.

Бори дигар Аллоҳтаъоло бандагони худро дар ин оят, бо таври умум, ай мардум гуфта, нидову хитоб намуд ва барои онҳо раҳму шафқати худро маълум сохта, хабар медиҳад, ки дар ҳақиқат аз тарафи Парвардигоратон як ҳуҷҷати комил ва нури ошкоро (Қуръони карим) барои роҳнамоии шумо расидааст, ки агар ба он чанг зада, онро маҳкам дореду амал кунед, барои шумо кифоя аст. Яъне Аллоҳтаъоло барои роҳбарии мардум дар навбати аввал пайғамбар (с) ва баъдан Қуръони Каримро фиристод, ки он дар шабҳои тори ҷоҳилият мисли нур, мардумро ба роҳи рост ҳидоят мекунад ва некбахтии дунё ва охиратро барои пайравони худ таъмин месозад.

Сураи Нисо Ояти 175

فَأَمَّا الَّذِينَ آمَنُواْ بِاللّهِ وَاعْتَصَمُواْ بِهِ فَسَيُدْخِلُهُمْ فِي رَحْمَةٍ مِّنْهُ وَفَضْلٍ وَيَهْدِيهِمْ إِلَيْهِ صِرَاطًا مُّسْتَقِيمًا

Фа амма-л-лазина оману биллоҳи ваътасаму биҳи фа са юдхилуҳум фи раҳмати-м минҳу ва фазли-в ва яҳдиҳим илайҳи сирота-м мустақимо. 175.

175. Аммо касоне, ки ба Аллоҳ имон овարданд ва ба (ресмони) Ӯ устуворан чанг заданд, пас, зуд аст, ки онҳоро дар раҳмату фазли Худ медарорад ва онҳоро ба сӯйи Худ (роҳи рост) ҳидоят мекунад.

Аллоҳтаъоло зимни ояти мазкур бандагони Худро иршод намуда фармудааст, ки касонеро, ки ба ваҳдонияти Аллоҳтаъоло имон оварда ба остони Ӯ ё ба он нур (Қуръони карим) маҳкам чанг зананд ба зудӣ дар ҷивори раҳмату фазли Хеш дар Биҳишт дохил созад ва пеш аз ин онҳоро дар дунё дар роҳи Исломи ростин ва дар охират ба сӯи Ҷаннатун-наъим ҳидоят кунад. Оре! Остонаи Аллоҳро маҳкам доштан ва аз фитнаҳо хориҷ шудан, аввалан бо шинохтани Парвардигор, бо иҷрои амрҳои динӣ ва ба ҷо овардани иршодоти Қуръони карим ҳосил мешавад, ки ин самараи имони ҳақиқии инсон аст.

Дар охири сура, бори дигар, чуноне ки дар аввали ҳамин сура гузашт, масъалаи мерос, хусусан шахси "калола" кист, сухан меравад.

Сураи Нисо Ояти 176

يَسْتَفْتُونَكَ قُلِ اللّهُ يُفْتِيكُمْ فِي الْكَلاَلَةِ إِنِ امْرُؤٌ هَلَكَ لَيْسَ لَهُ وَلَدٌ وَلَهُ أُخْتٌ فَلَهَا نِصْفُ مَا تَرَكَ وَهُوَ يَرِثُهَا إِن لَّمْ يَكُن لَّهَا وَلَدٌ فَإِن كَانَتَا اثْنَتَيْنِ فَلَهُمَا الثُّلُثَانِ مِمَّا تَرَكَ وَإِن كَانُواْ إِخْوَةً رِّجَالاً وَنِسَاء فَلِلذَّكَرِ مِثْلُ حَظِّ الأُنثَيَيْنِ يُبَيِّنُ اللّهُ لَكُمْ أَن تَضِلُّواْ وَاللّهُ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ

Ястафтунака қулиллоҳу юфтикум фи-л-калолаҳ. Инимруун ҳалака лайса лаҳу валаду-в ва лаҳу ухтун фа лаҳо нисфу мо тарак. Ва ҳува ярисуҳа ил-л лам якул лаҳо валад. Фа ин конатаснатайни фа лаҳуму-с-сулусони мим мо тарак. Ва ин кону ихвата-р-риҷола-в ва нисаан фа ли-з-закари мислу ҳаззи-л-унсаянн. Юбаййинуллоҳу лакум ан тазиллу. Валлоҳу би кулли шай-ин Ъалим. 176.

176. Аз ту мехоҳанд, фатво пурсанд, бигӯ: «Аллоҳ ба шумо дар (боби) калола фатво медиҳад: агар марде бимурад, ки фарзанде надорад ва ӯро хоҳаре бошад, пас нисфи он чӣ гузоштааст, барои хоҳараш аст ва он бародар ҳам мерос мебарад аз он хоҳар, агар ӯро фарзанде набошад. Пас, агар ду хоҳар бошанд, пас, ду сеяки аз он чӣ гузоштааст, барои ҳар дуи онҳост. Ва агар хешовандон мардон ва занон бошанд, пас, барои як мард баробари насибаи ду зан аст. Аллоҳ барои шумо ҳаққро баён мекунад, то ин ки гумроҳ нашавед. Ва Аллоҳ ба ҳама чиз доност».

Сababи нузули ин оятро Имом Аҳмад аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят кардааст, ки гуфт: “Рӯзе ман бемори сахт шуда аз ҳуш рафта будам. Расулуллоҳ (с) ба аёдати ман омаданд, чун маро дар ҳолати беҳушӣ дид, ӯ (с) таҳорат кард ва аз оби таҳорати худ бар ман пошид. Ман ба ҳуш омадам ва гуфтам: “Меросбарони ман фақат хоҳарони ман ҳастанд, бифармоед, ки тақсимоти мероси онҳо чӣ гуна аст?” Дар ҳамин асно, Аллоҳтаъоло ояти фароиз (мерос)-ро нозил намуда, дар он фармуд, ки ай Муҳаммад (с) мехоҳанд аз ту фатвои мерос бурдани шахси калоларо пурсанд, ту ба онҳо бигӯ, ки фатво ва тариқи меросбарии шахси калоларо Аллоҳ худаш медиҳад. Калола шахсеро гуфта мешавад, ки баъди сари худ фарзанд, ё падарро нагузоштааст. Яъне шахсе вафот кунад, ки ӯ ба ғайри як хоҳар, на фарзанде дорад ва на падар, дар чунин сурат хоҳари ӯ нисфи моли бародари худро мерос мебарад. Агар хоҳар мурад, ба ғайри бародар, падар ё фарзанде надошта бошад, дар чунин сурат ҳамаи моли хоҳарро бародараш, ба якборагӣ мерос мебарад. Агар бародар гузараду хоҳаронаш ду нафар бошанд, дар чунин сурат аз се ду ҳиссаи моли бародарро мерос мебаранд. Агар хоҳарон аз ду зиёд ҳам бошанд, онҳо аз се ду ҳиссаи молро байни худ тақсим мекунанд. Агар шахси калола (бефарзанд) баъди сари худ бародарон ва хоҳаронро гузошта бошад, онҳо мисли фарзандон ҳамаи моли ба мерос мондаро мегиранд, барои мард як ҳисса, барои зан ним ҳисса. Яъне як мард баробари ду зан моли мерос мегирад. Худованд чунин тақсимотро баён намуда, шариат гардонид, то ин ки мардум гумроҳ нашаванд. Аллоҳтаъоло куллиёт ва ҷузъиёти ҳамаи ашёро, ҳатто тақсимоти моли меросро низ донандааст. Лозим ба ёдоварист, ки дар ояти 12-уми ҳамин сура гузашт, ки аз шахси калола бародар, ё хоҳар шашяки моли ӯро мерос мебарад. Аммо Аллоҳтаъоло дар ин оят фармуд, ки хоҳар аз шахси калола нисф ва агар бародар бошад, аз хоҳар ё бародари калола ҳамаи молро ба мерос мебарад, фарқ дар чист? Дон азизам, ки дар ояти 12-ум зикри бародар ва хоҳари “ахёфӣ” модарӣ меравад. Дар ояти таҳти назар бошад, зикри хоҳар ва бародари “аъёнӣ” падарӣ ва модар ва ё “аълотӣ” падарӣ мегузарад.

Бо ҳамин эзоҳи сураи Нисо алҳамдулиллоҳ, ба охир расид.

Ва *лиллоҳил* ҳамд.

# СУРАИ МОИДА

**Бисмиллаъҳи-р-Раҳмаъни-р-Раҳӣм**

Сураи “Моида” дар Мадина нозил шуда, аз 120 оят иборат аст.

Сураи «Моида» чун сураҳои «Бақара», «Нисо» ва «Анфол» яке аз дарозтарин сураҳои Қуръон буда, тавре дар фавқ ишора шуд, дар Мадина нозил шудааст.

Сураи «Моида» ҷанбаҳои шаръӣ, аз он ҷумла ақида ва қиссаҳои аҳли китобро низ дар бар дорад. Куртубӣ (соҳиби тафсир) бо ривояти Абӯмайсарата гуфтааст, ки сураи «Моида» охирин сураи нозилшудаи Қуръон аст, ки дар он ягон ояти мансух набуда, 18 аҳкоми фарзӣ дар он баёни худро ёфтааст. Маънои «Моида» дастурхон аст, ки дар ояти 114-ум зикр мешавад ва номи сура аз он гирифта шудааст.

Сабаби «Моида» ном мондани ин сура дар он аст, ки ҳамсафарони Исо (а), ки онҳоро (ҳаввориюн) мегӯянд, ба Исо (а) гуфтанд, ки мо орзу дорем, то як дастурхони густурдаи пур аз нозу неъмат аз осмон фуруд ояд ва он барои мо башорате бошад ва ҳам мо аз он таъмоҳо тановул карда бошем.

Агарчи ин таклиф на он қадар ба маврид буд, локин Аллоҳтаъоло барои тарафдории пайғамбари Худ, яъне то пайғамбарии Исо (а) байни онҳо бори дигар тасдиқи худро ёбад, бо дуъои ӯ (а) он дастурхонро назди онҳо фуруд овард.

Дар хусуси «Моида» дар ин сура 4 оят ҷой дорад. Бо таҳқиқи муфассирони олиқадр ин сура дар он вақте ки Расулуллоҳ (с) аз сулҳи ал-Ҳудайбия бозмегаштанд ва бо ривояте баъди ҳаҷи охиронашон (ҳаҷи видоъ), ҳангоми бозгаштан ба Мадина баъди сураи «Фатҳ» нозил шудааст. Ҳамоно, замон давраи бунёд сохтани давлати исломӣ буд ва дар айни ҳол ин давлати тозабунёд ба барномаҳои Раббонӣ муҳтоҷ буд. Бинобар ин, тамоми ин сура зимнан ҳукмҳои шаръиро дар худ фароҳам овардааст. Дар ин ҳукмҳо таълими бинои давлатдорӣ ва тарзи бастани қарордоди ростини он баён шуданд, ки ҷомеа ва давлатро аз қафоравӣ нигоҳ медорад. Аз он ҷумла, ҳукмҳои уқуд (корҳое, ки бо гуфтушунид ва ризои тарафайн ба ҳукми иҷро медароянд), бо роҳи шаръӣ забҳ намудани ҳайвонҳо, тарзи нодуруст шикор кардан, барои Ҳаҷ эҳром бастан, никоҳи занҳои китобӣ, ҳукми муртад, ғизои ҳалол ва ҳаром, ҳукмҳои таҳорату таяммум, ҷазои дуздӣ, ҷазои боғигӣ ва фасод дар рӯйи Замин, ҳукми хамрнӯшӣ ва қиморбозӣ, каффорати ямин (қасам), қатли сайд дар ҳарам, пеш аз марг васият кардан, ҳукми фолбинӣ, бутпарастӣ, ҳукми шахсоне, ки бо роҳи шариъат кор намекунанд ва ғайраро баён мекунад. Барои панду насиҳати мо низ баъзе қиссаҳои ибратбахш дар ин сура оварда шудааст.

Ба хусус, қиссаи бани Исроил, ки онҳо ҳамроҳи Мӯсо (а) муддати 40 сол аз ватан дур, сарсону саргардон ва мавриди имтиҳони илоҳӣ қарор доштанд, пандомӯз аст. Чун Мӯсо (а) ба онҳо роҳи ҳидоятро иршод намуд, онҳо баръакс ба Мӯсо (а) гуфтанд: «Рав ҳамроҳи Парвардигорат бо касе ҷанг мекунӣ, кардан гир, мо дар ҷои худ менишинем».

Ҳамчунин қиссаи ду фарзанди Одам (а), яъне Қобилу Ҳобил мегузарад. Чун Қобил Ҳобилро кушт, ин аввалин ҷинояти нописанде буд, ки дар рӯйи замин хуни

пок, хуни бағайриҳақ резонда шуд. Бо ибрат гирифтан аз ин қисса метавон байни нафсҳои хабис ва шариф фарқгузорӣ кард.

Бо мулоҳизаи муфассирон дар сураи мазкур нидои «Эй касоне, ки имон овардаед!» 16 маротиба такрор шудааст. Ду нидо барои Пайғамбар (с), шаш нидо барои аҳли китоб ва боқӣ барои дигарон нигаронида шудааст.

Баъди ҳар як нидо шартномаи хосе зикр мешавад.

Дар хотима як ҳодисаи мудҳиши хоркунандае барои душманҳои Аллоҳ зикр мешавад, ки аз тарси он мӯйи сар сафед ва нафасҳо дар гулӯ дар мемонад. Он ин аст, ки рӯзи ҳашри Акбар Аллоҳтаъоло Исо (а)-ро болои сари халоиқ ҳозир мекунад ва барои сарзаниши насоро мепурсад, ки оё ту ба насоро гуфтӣ, ки ба ғайри Аллоҳ ману модари маро Худо гӯед ва парастиш кунед? Исо (а) дар ҷавоб мегӯяд: "Худои ман аз ҷамии айбҳо пок аст. Ман чӣ ҳақ доштаам, ки ба мардум он чиро, ки сазовору ҳаққи ман нест, бифармоям?" Яъне Исо (а) дар он рӯз мегӯяд, ки ман ҳаргиз нагуфта ва нафармудаам, ки ба ғайри Аллоҳи ягона,яъне ману модарамро Худо ҳисобеду парастиш кунед! Ҳарчи онҳо кардаанд, бо ихтирои худ кардаанд.

Бо ихроҷи Имом Аҳмад аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ва Ибни Ос (р) чунин ривоят омадааст, ки вақто оятҳои ин сураи муборак нозил мешуданд, Расулуллоҳ (с) савори маркаби худ буданд, чун маркаб тоқати бардошти Расулуллоҳ (с)-ро накард, ӯ (с) аз роҳилаи худ ба Замин фаромад.

Ин буд мазмуни фишурдаи сураи «Моида».

Сураи Моида ояти 1

Бисмиллаҳи-р-Раҳмани-р-Раҳим

Оғоз мекунам ба номи Худованде ки беандоза меҳрубону бениҳоят бораҳм аст.

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ أَوْفُواْ بِالْعُقُودِ أُحِلَّتْ لَكُم بَهِيمَةُ الأَنْعَامِ إِلاَّ مَا يُتْلَى عَلَيْكُمْ غَيْرَ مُحِلِّي الصَّيْدِ وَأَنتُمْ حُرُمٌ إِنَّ اللّهَ يَحْكُمُ مَا يُرِيدُ

Йа айюҳа-л-лазина оману авфу би-л-ъуқуд. Уҳиллат лакум баҳӣмату-л-анъами илла ма ютла ъалайкум ғайра муҳилли-с-сайди ва антум ҳурум. Инналлоҳа яҳкуму ма юрид. 1.

1. Эй касоне, ки имон овардаед, ба аҳдҳо вафо кунед. Барои шумо чаҳорпоёни анъом (шутур, гов, гусфанд)-ро ҳалол гардонида шуд, магар он чӣ аз ин пас бароятон бар шумо хонда хоҳад шуд. Шикори сайдро дар ҳоли эҳром ҳалол нашуморед. Ҳаройина, Аллоҳ ҳарчи хоҳад, ҳукм мекунад.

Аллоҳтаъоло дар ин оят муъминонро бо лутфи Худ меҳрубонию эҳтиром намуда, бо нидо ва хитоб фармудааст, ки ай ҷамоъаи мӯъминон, Шумо пойбанди

кадом уқуд (аҳд)-е бошед, ба аҳди худ вафо кунед. Калимаи «ақд» дар луғат сари ресмонеро бо сари ресмони дигар бастанро гӯянд. Аммо дар ин ҷо калимаи уқуд ҷамъи ақд буда, бо маънои умумиаш паймонҳои фитрӣ, имонӣ ва тавҳидиро дар бар гирад ҳам, локин тамоми аҳду паймонҳо, хоҳ онҳо байни инсону Парвардигор бошанд ё байни инсону инсон ва ё инсон бо худ аҳд баста бошад, ба он шомил аст. Албатта, он аҳде, ки шаръан вафои он дуруст бошад. Зери мазмуни ин ҷузъи оят баъзе аз муфассирон гуфтаанд: «Вафо ба аҳд он аҳдест, ки бори аввал Аллоҳтаъоло дар ибтидо аз Одам (а) ва баъдан аз зуррияи ӯ гирифта буд».

Табарӣ ва Замахшарӣ аз Ибни Аббос (р) ривоят мекунанд, ки мурод аз калимаи уқуд (аҳдҳо) донистан ва амал кардан ба ҳукмҳои ҳалолу ҳаром, ҳама таклифҳо ва фарзҳои дар Қуръон зикршуда ва онҳоро донистану ба онҳо амал кардан аст. Роҷеҳтарини қавлҳо ҳамин аст. Аз он ҷумла, вафо ба аҳде, ки байни гурӯҳҳо, байни харидору фурӯшанда баста мешавад, муддати қарз, ё аз ҷониби касе дар коре вакил шудан, ё кафил шудан, ҳатто шартномаҳое, ки байни ду давлат баста мешаванд, таҳти мазмуни ин ҷузъи оят дохиланд. Аллоҳтаъоло дар давоми оят фармудааст, ки ҳалол гардонида шуд барои шумо баъди забҳ хӯрдани гӯшти анъом (чорво) мисли шутур, гов, буз, гӯсфанд, чи онҳо хонагӣ бошанд ва чи ёбоӣ, магар ҳайвони худмурда ва гӯшти хук ба таври доимӣ, ки дар оятҳои баъдии ҳамин сура ҳаром будани инҳо зикр шудааст. Ҳамчунин шахсе, ки ба сӯи Масҷидулҳаром ба нияти ҳаҷ роҳ пеш гирад, ё барои ҳаҷи фарзӣ, ё ҳаҷи Умра эҳром бандад, ҳангоми дар эҳром будан гӯшти ҳайвонҳои ёбоиеро, ки шаръан ҳалол ҳукм шудаанд шикор кунад, ё ба далолати ӯ, ё бо ишораи ӯ каси дигар шикор кунаду барои ӯ гӯшти онро ҳозир кунад, барои чунин муҳрим ин гуна гӯшт, тибқи мазмуни ин оят, ҳаром ҳукм карда шудааст. Яъне шахсе, ки дар эҳром аст, ҳеҷ чизи онро (агар зараровар набошад) шикор карданаш мумкин нест. Ҳатто барои муҳрим мумкин нест алафҳои ҳарамро даравад ё дарахтҳои онро шиканад, магар алафи махсусе, ки онро дар оби либосшӯйӣ барои тоза сохтани либос омехта мекунанд. Агар онро даравад ё дарахтҳоеро, ки соҳибашон нест ва хушк шудаанд, шиканад боке нест.

Хулоса, ҳар он чи ки дар ин оят зикр шуд, хоҳ ба табиати инсон созгор аст ё не, Парвардигор бо иродаи Худ барои бандагонаш шариъат гардонид. Ӯ таъоло дар амру наҳйи худ бисёр боҳикмат буда, ҳукми Ӯ таъоло дар ҳама ҷо ҷорист, ҳар чиро, ки ирода кунад, ҳукм мекунад. Валлоҳу аълам.

Ояти баъдӣ ҳам аз амалҳои мумкин ва номумкини ҳаҷ сухан мекунад.

Сураи Моида ояти 2

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ لاَ تُحِلُّواْ شَعَآئِرَ اللّهِ وَلاَ الشَّهْرَ الْحَرَامَ وَلاَ الْهَدْيَ وَلاَ الْقَلآئِدَ وَلا آمِّينَ الْبَيْتَ الْحَرَامَ يَبْتَغُونَ فَضْلاً مِّن رَّبِّهِمْ وَرِضْوَانًا وَإِذَا حَلَلْتُمْ فَاصْطَادُواْ وَلاَ يَجْرِمَنَّكُمْ شَنَآنُ قَوْمٍ أَن صَدُّوكُمْ عَنِ الْمَسْجِدِ الْحَرَامِ أَن تَعْتَدُواْ وَتَعَاوَنُواْ عَلَى الْبرِّ وَالتَّقْوَى وَلاَ تَعَاوَنُواْ عَلَى الإِثْمِ وَالْعُدْوَانِ وَاتَّقُواْ اللّهَ إِنَّ اللّهَ شَدِيدُ الْعِقَابِ

Йа айюҳа-л-лазина оману ла туҳиллу шаъаираллоҳи ва ла-ш-шаҳра-л-ҳарома ва ла-л-ҳадя ва ла-л-қалаида ва ла аммина-л-байта-л ҳарома ябтағуна фазла-м мир-Раббиҳим ва ризванаъ. Ва иза ҳалалтум фастоду. Ва ла яҷриманнакум шанаану қавмин ан саддукум ъани-л Масҷиди-л-ҳароми ан таътаду. Ва таъавану ъала-л бирри ва-т-тақва ва ла таъавану ъала-л-исми ва-л ъудван. Ва-т-тақуллоҳа инналлоҳа шадиду-л-ъиқоб. 2.

2. Эй касоне, ки имон овардаед, ҳурмати нишонаҳои Аллоҳро ва ҳурмати моҳҳои ҳаромро ва ҳайвонҳоеро, ки ҳадяи Каъба шудаанд ва ҳайвоне, ки қилода (гулӯбанд) дар гардани ӯ овехта шудааст ва ҳурмати ояндагони Байтулҳаромро, ки аз Парвардигори худ фазлу хушнудии Ӯро металабанд, нашиканед. Ва чун аз эҳром берун омадед, пас барои шумо сайд кардан манъ нест. Ва душмании қавме, ки қаблан шуморо аз Масҷиду-л-ҳаром боз медоштанд, боиси аз ҳад таҷовуз кардани шумо нашавад. Ва ҳамдигарро бо некӯкорӣ ва бо парҳезгорӣ мадад кунед ва ҳамдигарро дар кори гуноҳ ва зулм мадад макунед. Ва аз Аллоҳ битарсед, ҳаройина, азоби Аллоҳ сахт аст.

Бори дигар Аллоҳтаъоло дар ояти навбатӣ муъминонро бо хитоб нидо мекунад, ки ай касоне, ки имон овардаед, ҳар амалеро, ки Аллоҳтаъоло шиори Худ ва шиори дини Худ, яъне нишонаи махсуси маъбудият ва бузургии Хеш қарор додааст, чи он шиорҳо дар ҳарами муҳтарами Байтуллоҳ бошанд, мисли тавоф, ҷамарот, Сафо ва Марва, ҳадя, эҳром, ё он омилҳое, ки иҷрои онҳо шарт ба ҳарам нестанд, мисли ҳурмати масоҷид, китобҳои осмонӣ, иҷрои ҳудудҳо, фарзҳо ва дигар шиорҳо, акси онҳоро ба фикри худ ҳалол нашуморед! Ҳамчунин Аллоҳтаъоло аз байни 12 моҳ 4 моҳ, яъне моҳи Муҳаррам, Зулқаъда, Зулҳиҷҷа, Раҷабро шаҳру-л-ҳаром (моҳҳои ҳаром) эълон кардааст, яъне моҳҳое, ки дар онҳо бе узр ҷанг ва оғози ҷанг ҳаром аст. Шумо ҳурмати ин моҳҳоро шикаста, ҷангиданро дар онҳо ҳалол наҳисобед! Мисли ин, Худованд наҳй кардааст, ки ба чорвоҳое, ки барои ҳадяи Макка тахсис дода шудаанд, ё барои тахсис дар гардани онҳо аз ресмон ҳамчун нишонаи ҳадя буданашон қилода-гулӯбанд овехта шудааст, ё агар шутур бошад, аз тарафи рост ва ё чапи кӯҳи он бо хунаш андак ранг кунонида шуда бошад, то ба вақти қурбонӣ нарасанд, даст нарасонед! Яъне онҳоро забҳ накунед! Ҳамчунин Аллоҳтаъоло наҳй мекунад, ки барои ризои Аллоҳ ба касоне, ки ба сӯйи Байтуллоҳ ба нияти ҳаҷ, ё Умра бо амонӣ меоянд, бо онҳо наҷангед ва ё онҳоро аз дохил шудан ба Макка,ончуноне ки аҳли ҷоҳилият мекарданд, манъ накунед. Зеро барои муъминон манъ сохтани онҳо ҳалол нест.

Аллоҳ таъоло дар ҳолати эхром шикор карданро дар ояти қаблӣ наҳй кард, ҳоло дар ин оят мефармояд, ки чун шумо аз эҳром баромадед (баъди адои рукнҳои ҳаҷ ё Умра дар ҳарам нею аз ҳарам берун) дар дигар минтақаҳо шикор кардани ҳайвонҳои ёбоӣ барои шумо ҳалол аст.

Баъдан, дар давоми ояти мазкур Аллоҳтаъоло мефармояд, ки кинаҳои пешинаро чун мушрикони золиму беинсоф ва мисли ғайриисломиҳо зинда нигоҳ надоред! Агарчанде онҳо соли Ҳудайбия тамоми муқаддасоти Маккаро поймол намуда аз дохил шудани Масҷидулҳаром шуморо боз дошта бошанд ҳам, ҳоло

чун Макка дар ихтиёри шумост ва мушрикон мехоҳанд дохили Масҷидулҳаром шаванд, нашавад, ки шумо дар ҳаяҷон шуда, аз ҳадди эътидол дар гузареду бо онҳо даргир шуда монеи дохил гардидани онҳо шавед! Дар охири оят Аллоҳтаъоло мефармояд, ки ҳамвора дар роҳи некӣ ва парҳезгорӣ бо ҳам кумакрасон бошед, кори гуноҳу беадолатӣ аз касе сар занад, бо ӯ ҳамкорӣ накунед, то метавонед ӯро аз ин кор боздоред. Аз Аллоҳ дар ҳама вақт дар иҷрои ҳама кор битарсед, зеро азоби Аллоҳтаъоло бисёр сахт аст.

Дар ояти аввал чизҳои ҳаромшуда бо тарзи истисно, «магар он чӣ хоҳад хонда мешавад барои шумо» ифода шуда буд, акнун ояти зер он чизҳои ҳаромкардаро зикр мекунад.

Сураи Моида ояти 3

حُرِّمَتْ عَلَيْكُمُ الْمَيْتَةُ وَالْدَّمُ وَلَحْمُ الْخِنْزِيرِ وَمَا أُهِلَّ لِغَيْرِ اللّهِ بِهِ وَالْمُنْخَنِقَةُ وَالْمَوْقُوذَةُ وَالْمُتَرَدِّيَةُ وَالنَّطِيحَةُ وَمَا أَكَلَ السَّبُعُ إِلاَّ مَا ذَكَّيْتُمْ وَمَا ذُبِحَ عَلَى النُّصُبِ وَأَن تَسْتَقْسِمُواْ بِالأَزْلاَمِ ذَلِكُمْ فِسْقٌ الْيَوْمَ يَئِسَ الَّذِينَ كَفَرُواْ مِن دِينِكُمْ فَلاَ تَخْشَوْهُمْ وَاخْشَوْنِ الْيَوْمَ أَكْمَلْتُ لَكُمْ دِينَكُمْ وَأَتْمَمْتُ عَلَيْكُمْ نِعْمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ الإِسْلاَمَ دِينًا فَمَنِ اضْطُرَّ فِي مَخْمَصَةٍ غَيْرَ مُتَجَانِفٍ لِّإِثْمٍ فَإِنَّ اللّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ

Ҳурримат ъалайкуму-л-майтату ва-д-даму ва лаҳму-л-хинзири ва ма уҳилла ли ғайриллаҳи биҳи ва-л-мунханиқату ва-л-мавқузату ва-л мутараддияту ва-н-натӣҳату ва ма акала-с-сабуъу илла ма заккайтум ва ма зубиҳа ъала-н-нусуби ва ан тастақсиму би-л-азлам. заликум фисқ. Ал-явма яиса-л-лазина кафару мин диникум фа ла тахшавҳум вахшавни. Ал-явма акмалту лакум дӣнакум ва атмамту ъалайкум ниъматӣ ва разӣту лакуму-л-ислама дӣна. Фа манизтурра фӣ махмасатин ғайра мутаҷанифи-л ли исмин фа инналлоҳа Ғафуру-р-Раҳим. 3.

3. Бар шумо ҳайвони худмурдаро ҳаром гардонида шуд ва (ҳамчунин) хун ва гӯшти хук ва он ҳайвоне ки дар вақти забҳи он номи ғайри Аллоҳ ёд карда шавад ва он ҳайвоне, ки бо буғӣ кардан мурда бошад ё бо задан мурда бошад ё аз баландӣ афтода мурда бошад ва он чӣ бо шох задан мурда бошад ва он чиро, ки дарранда хӯрда бошад, магар ҳайвоне ки баъди ин офатҳо (зинда) забҳ(и шаръи) карда бошед. Ва (ҳаром аст) он ҳайвоне, ки ба номи буту бутхона забҳ карда шуд ва (ҳаром гардонида шуд) он чӣ бихоҳед бо фолтирҳо кисмат(-и тақдирӣ худро шинохт). Ин ҳама гуноҳ аст. Имрӯз кофирон аз дини шумо ноумед шуданд, пас, аз онҳо матарсед ва аз Ман битарсед! Имрӯз барои шумо дини шуморо комил кардам ва бар шумо эҳсони Худро тамом кардам ва барои шумо дини Исломро писандидам. Пас, касе ки дар гуруснагӣ ночор шавад ва моил ба гуноҳе набошад, пас, ҳаройина, Аллоҳ омурзгору меҳрубон аст.

Аллоҳтаъоло дар ояти аввали ин сура ба ҳалол будани гӯшти ҳайвонҳо, ба ҷуз он ҳайвонҳое, ки зикрашон дар оятҳои баъдӣ оварда шуд, ишора намуд.

Ҳамин тавр, гӯшти он ҳайвонҳое, ки истеъмолашон барои мусалмон ҳаром гардидааст, 11 навъ буда, зикри онро Аллоҳтаъоло дар ин оят овардааст: Нахуст Аллоҳтаъоло фармудааст, ки ай мусалмонон, мурдор барои шумо ҳаром гардонида шуд. Мурдор гӯшти ҳайвони ҳалолро гӯянд, ки бе забҳи шаръӣ фавтидааст.

Дуюмин чизе, ки онро Аллоҳтаъоло барои мусалмонон ҳаром гардонидааст, хун аст, хуне, ки бо сабаби забҳ мерезад ё ба воситаи асбобе аз ҳайвони зинда гирифта мешавад. Аммо он хуне, ки баъди забҳ дар ҷигар, гурда, сиҷлав (субурс), дил, шуш ва дар баъзе рагҳо боқӣ мемонад, ҳукми дигар дошта, истеъмолаш мубоҳ аст, яъне иҷозат аст.

Сеюмин чизе, ки истеъмоли гӯшти онро Аллоҳтаъоло барои мо ҳаром гардонидааст, ин хук аст, хоҳ мурда бошад, хоҳ бо роҳи шаръӣ забҳ шуда бошад.Зеро ӯ наҷасулъайн, (яъне асли он наҷас) аст.

Чаҳорумин ҳайвоне, ки гӯшташ барои мо ҳаром гардонида шудааст, он аст, ки забҳаш ба номи Худо не, балки ба номи дигар олиҳаҳо сурат гирифтааст, чуноне ки дар замони ҷоҳилият ҳайвонҳоро ба номи бутҳои «Лот» ё «Уззо» забҳ мекарданд. Оё ҷаҳолат аз ин зиёда шуда метавонад, вақте ҳайвонеро, ки Ӯ таъоло ҷон бахшидааст, ба номи ғайри ӯ забҳ намоянд, ё қурбон кунанд? Бинобар ин, дини Ислом болои ин гуна одатҳои ҷоҳилона хатти бутлон кашида, мардумро ба роҳи рост ҳидоят намуд.

Аммо дар хусуси он ки мусалмоне вақти забҳи ҳайвон «Бисмиллаҳи, Аллоҳу акбар»-ро саҳван фаромӯш карда бошад, уламои иззом (бузург) ихтилофи назар доранд. Иншоаллоҳ, сари ин мавзӯъ дар сураи «Анъом» боз хоҳем баргашт.

Бояд зикр намоем, ки он ҳайвоноте, ки дар ин оят ба ҳаром ҳукм шудаанд, танҳо барои таъкид аст, вагарна ҳаром будани онҳо дар ояти 173-юми сураи «Бақара» ба тафсил зикр шуда буд.

Панҷум, гӯшти ҳайвоне ҳаром аст, ки он бо роҳи буғӣ кардан кушта шуда бошад, ё онро инсон бо чунин амал кушта бошад ё дар дом ва ё дар шохи дарахте дармонда оқибат фавтида бошад. Бояд гуфт, ки дар замони ҷоҳилият ҳайвонҳоро бо ҳамин роҳ мекуштанд.

Шашум, гӯшти ҳайвоне ҳаром аст, ки он забҳ нашуда, балки бо зарби чӯбу санг ва азобу шиканҷа кушта шуда бошад.

Ҳафтум, хӯрдани гӯшти ҳайвоне ҳаром аст, ки он аз баландӣ, ё кӯҳе, ё дарахте афтида, пеш аз забҳ шудан ҷонаш баромада бошад.

Ҳаштум, хӯрдани гӯшти он ҳайвоне ҳаром аст, ки аз шох задани ҳайвони дигар мурдааст, агарчи онро дар забҳгоҳаш зада бошад ва аз он хун ҷорӣ шуда бошад.

Нуҳум, гӯшти ҳайвоне, ки бар асари ҳамлаи ҳайвони даррандае мурда бошад, новобаста аз он, ки қисме аз онро хӯрдааст ё на. Ин гуна ҳайвонҳо вақте ҳалол ҳисобида мешаванд, ки агар дарҳол ба исми Аллоҳ забҳ шаванд ва ҳангоми забҳ аз худ андаке ҳам аксуламале зоҳир намоянд, яъне ҳаракате кунанд. Ҳайвоноте, ки аз чанголи даррандагон халос карда мешаванду ҳанӯз ҷон доранд, бояд ҳамин тавр бо зикри номи Аллоҳ забҳ карда шаванд. Хулоса, ҳамаи ин

ҳайвонотеро, ки Худованд ба онҳо ҷон бахшидааст, бояд дар ҳолати ҷон доданашон ҳам тибқи шариати Исломӣ, ба номи Аллоҳ забҳ кунанд.

Зеро Худованд истеъмоли бисёр неъматҳои Худро ба бандагонаш ба шарте ҳалол ҳукм намудааст, ки агар бо ҳаром омехта набошад. Дар баъзеи онҳо чигунагии шахсияти инсон ва таъсири амали онро шарт нагузошта, дар баъзеи дигарашон онро шарт гузоштааст.

Масалан, гандумро чи гуна шахсияте, ки накорад, онро орд накунад, ё нон накунад, аҳамияте надорад. Аммо дар хусуси маҳсулоти гӯштӣ, ки он аз ҳайвон гирифта мешавад, қонунҳои исломӣ дигаранд. Барои он ки аз ҳайвон гӯшти ҳалол гирифта шавад, нияту эътиқоди шахси ин амалро иҷрокунанда зарур буда, забҳи он ҳайвон аз рӯи одоби исломӣ бояд сурат бигирад ва аз он миқдори муайяне хун ҷорӣ шавад ва агар ҷорӣ нашавад, аз худ лоақал ягон ҳаракате зоҳир намояд. Танҳо дар ҳамин сурат он ҳалол дониста хоҳад шуд.

Даҳум, ҳайвоне, ки хӯрдани гӯшти он аз тарафи Худованд барои мо манъ карда шудааст, он ҳайвоне мебошад, ки дар назди бутҳо кушта мешавад. Одати бутпарастон дар замони ҷоҳилият он буд, ки аз сангҳо ҳайкалчаҳо тарошида, онҳоро дар атрофи Каъба рост мегузоштанд ва ба онҳо ибодат мекарданд. Онҳо дар назди он бутҳо ҳайвонҳоро оварда қурбонӣ менамуданд ва аз хуни он ҳайвонҳо ба он бутҳо молида, ба ин васила гӯё худро ба худоёни хеш наздик месохтанд. Чун Ислом зуҳур кард, Худованд бандагонашро аз ин ахлоқи ҷоҳилӣ ва хӯрдани ин гуна гӯшт манъ намуд, зеро гӯшти ингуна ҳайвонҳо ба номи Аллоҳ забҳнашуда шумурда шуд.

Ёздаҳум, гӯшти ҳайвонеро, ки барои бахтозмоӣ ва қуръапартоӣ кушта мешавад ва байни рафиқон ҳамчун натиҷаи қимор тақсим карда мешавад, Худованд ҳаром ҳукм кардааст.

Калимаи «азлом» (донистани бахти худ бо ёрии тирҳои бепар)-ро муфассирони гиромиқадр бо мисолҳои гуногун шарҳ додаанд, аммо ҳамаи онҳо ҳаммазмуни ояти мазкур мебошанд.

«Азлом» шакли ҷамъи «залам» буда, тирҳоеро мегӯянд, ки дар ақибашон пари парранда надоранд, яъне кӯтоҳакак мебошанд ва онҳоро арабҳо дар замони ҷоҳилият барои фолкушоӣ истифода мекарданд. Барои ин мақсад онҳо 10 дона аз ин гуна тирҳои бепарро гирифта, дар болои як қисми онҳо «бикун», дар болои қисми дувумаш «накун» ва дар болои қисми саввуми тирҳо чизе наменавиштанд. Калимаи «накун» маънои онро дошт, ки Худованд ӯро аз ин кор манъ мекунад, «бикун» маънои онро дошт, ки Худованд ба ин кори ӯ розигӣ медиҳад.

Агар марде мехост ба сафар, ё ғазо барояд ё занеро ба никоҳи худ дарорад ва ё умуман қасди ягон амри муҳиме карда бошад, ана ҳамин тирҳоро дар халтае андохта дар паҳлӯи бути «Ҳубал» бурда мегузошт ва сипас дасти хешро ба он халта меандохт. Агар ба дасташ тире бо навиштаҷоти «бикун» мебаромад, ин маънои онро дошт, ки худовандаш ба ин кори ӯ розист ва ӯ ба кори худ шурӯъ мекард ва агар тире бо навиштаҷоти «накун» мебаромад, маънои онро дошт, ки худовандаш розӣ нест ва ӯ аз нияташ бармегашт ва агар рафту тире холӣ аз навиштаҷот берун мешуд, пас ӯ бозияшро то даме давом медод, ки яке аз он тирҳои навиштаҷотдоштаро ба даст меовард. Намуди дигари истифодаи «азлом»

он аст, ки 10 нафар ҷамъ шуда, ҳайвонеро нарх карда, онро забҳ мекунанд. Пас 10 дона тирро гирифта, дар болои 7-тои онҳо калимаи «бурд»-ро ва дар болои 3-тои боқимонда калимаи «бохт»-ро менависанд. Баъд ҳамаи он тирҳоро ба халтае андохта, ҳар касе аз он яктирӣ берун мекашад.

Дар охир он се нафаре, ки тирҳои «бохт» навиштаро аз халта берун мекашанд, қимати ҳайвони забҳшударо пардохт менамуданд. Ҳафт нафаре, ки тирҳои «бурд»-ро аз халта берун кашидаанд, он гӯштро байни худ тақсим мекунанд. Худованд ҳардуи инро хоҳ он фол задан бошад ва хоҳ қуръа кашидан, ҳаром гардонид. Зеро ин як навъ даъвои донистани илми ғайб аст. Аллоҳтаъоло истеъмоли ҳамаи ин ашёҳои дар боло ҳаромҳукмшударо, ки бо калимаи «золика» ишора шудааст (хоҳ «золика» аз рӯйи ривояти Ибни Аббос ба тирҳо ва хоҳ аз рӯйи ривояти Ат-Табарӣ ба ҳама чизҳои дар боло ҳаром ҳукмшуда тааллуқ дошта бошад), фисқ номид, яъне аз итоати Худованд беруншуда. Ва ҳар касе, ки аз ин ҳаромҳукмшудаҳо истеъмол мекунад, ӯ фосиқ аст. Боз дар давоми оят Худованд фармуд, ки имрӯз чун он кофирони дар миёни шумобуда диданд, ки ҳеҷ гоҳ шумо дигар аз дини худ барнамегардед, хеле ноумед гаштанд. Бинобар ин, аз он ки мушрикон бар шумо ғалаба хоҳанд кард ё динатонро нобуд хоҳанд сохт, дигар матарсед. Танҳо аз Ман битарсед, то ман шуморо, чи дар дунё ва чи дар охират, бар онҳо ғолиб гардонам.

Дар идомаи сухан Худованд ба ҷамиъи муъминон ва ба хусус ба Расулуллоҳ (с) хабар дода мегӯяд, ки ман имрӯз дини шуморо комил сохтам, яъне динеро чун Ислом бо ҷамъи ҳукмҳояш аз баёни ҳалолу ҳаром, ки мардум ба донистани он ниёз доранд, ба итмом расонидам. Ба ривояти аксари муфассирони аҳли суннати вал ҷамоъат ин ҷузъи оят рӯзи Арафа, ки рӯзи ҷумъа буд, ба Расулуллоҳ (с) нозил шуд. Ба ҳар тақдир, ояти мазкур баъди фатҳи Макка нозил шудааст. Онҳо барои тасдиқи фикрашон ривоятеро далел меоранд, ки чунин аст: Нафаре аз аҳли яҳуд ба назди Умар ибни Хаттоб омада гуфт: Ай амиралмуъминин, Шумо аз китоби худ оятеро мехонед, ки агар бар қавми мо, яҳудиён нозил мешуд, мо он рӯзро ид мекардем. Умар ибни Хаттоб пурсиданд: Кадом оят? Яҳудӣ ба ҷузъи ояти мазкур ишора намуд: «Ал-явма акмалту лакум дӣнакум ...», яъне имрӯз ман бароятон дини шуморо комил сохтам ва неъмати худро барои шумо пурра гардонидам ва барои шумо то рӯзи Қиёмат ин дини Исломро баргузидам ва барои Ман аз ин дин писандидатар дини дигаре нест.

Умар (р) фармуданд: Қасам ба номи Аллоҳ, рӯзе, ки ин оят ба Расулуллоҳ (с) нозил шуд, барои ман маълум аст. Дар он рӯз мо як ид не, балки ду ид доштем якум, ин ки рӯзи Арафа буд ва дувум ин ки рӯзи ҷумъа буд.

Хулоса, қисмати ин ояти мазкур яке аз оятҳои охирини нозилшудаи Қуръони карим маҳсуб гардида, он ҳангоми ҳаҷи охирини Расулуллоҳ (с), ки онро «Ҳаҷҷатулвидоъ» меноманд, нозил шудааст. Чун ин қисмати оят нозил шуд, тамоми саҳобагон аз батаҳқиқ расидани ваъдаи Худованд, ки дар ояти 150-уми сураи «Бақара» омада буд, хурсандӣ карданд. Зеро имрӯз Аллоҳтаъоло тибқи ваъдааш дини онҳоро мукаммал сохт.

Аммо шахсоне, ки қалби ҳассос ва ақли воло доштанд, мисли Умар (р) аз шунидани ин хабар сахт гиристанд. Саҳобагон аз ӯ (р) пурсиданд: "Чаро гиря

мекунӣ?" Умар (р) дар ҷавоб ба онҳо гуфт: "Ҳар чизе ба камол расад, хазон аз пайи ӯст, аз ин ишораи оятҳо бармеояд, ки ба охир расидани умри Расулуллоҳ (с) наздик шудааст." Дар ҳақиқат, баъди нузули ояти мазкур бо иттифоқи муфассирон, бо ривояти Ибни Ҷарир соли 10-уми ҳиҷрӣ, рӯзи дувоздаҳуми рабиъулаввал. баъди 81 рӯз умр ба сар бурдани, Расулуллоҳ (с) ба сӯйи Рафиқи Аъло шитофтанд (Аллоҳумма салли ъалайҳи ва ъала аҳлиҳи ва асҳобиҳи).

Дар ҳақиқат баъди номбар шудани ашёи ҳаромкардашуда баёни комил шудани дин ба миён омад, ки ин ҳеҷ ишколе надорад. Зеро зикри ашёи ҳаромшуда, ҳам аз камолоти дин аст. Дар охири оят бори дигар масъалаҳоеро, ки марбут ба гӯштҳои ҳаром аст, ишора намуда фармудааст, ки пас касе дар гуруснагӣ ночору музтар монад, яъне аз шиддати гуруснагӣ ҷон бар лабаш расаду барои нигоҳ доштани ҷони худ ба ғайри ин ҳаромкадаҳо дигар чизи ҳалоле наёбад, андак барои ҳимояи ҷони худ (агар барои лаззатёбӣ набошад) ба қадри зарурат як, ду, се луқма истеъмол кунад, чуноне ки дар сураи Бақара, ояти 173-ум «ғайра боғин ва ло ъодин» гузашт, Аллоҳтаъоло бо меҳрубонии Худ афви ӯро ваъда дода, вайро муҷрим наҳисобидааст.

Баъзе аз муфассирон сафари маъсиятиро аз ин ҳукм хориҷ кардаанд. Баъди баёни баъзе ашёи ҳаромкардашуда дар ояти зер зикри ашёи ҳалолкардаи илоҳӣ баён мешавад.

Сураи Моида ояти 4

يَسْأَلُونَكَ مَاذَا أُحِلَّ لَهُمْ قُلْ أُحِلَّ لَكُمُ الطَّيِّبَاتُ وَمَا عَلَّمْتُم مِّنَ الْجَوَارِحِ مُكَلِّبِينَ تُعَلِّمُونَهُنَّ مِمَّا عَلَّمَكُمُ اللَّهُ فَكُلُوا مِمَّا أَمْسَكْنَ عَلَيْكُمْ وَاذْكُرُوا اسْمَ اللَّهِ عَلَيْهِ وَاتَّقُوا اللَّهَ إِنَّ اللَّهَ سَرِيعُ الْحِسَابِ

Яс-алунака ма за уҳилла лаҳум. Қул уҳилла лакуму-т-таййибату ва ма ъалламтум-м мина-л-ҷавариҳи мукаллибина туъаллимунаҳунна мим ма ъалламакумуллоҳ. Фа кулу мим ма амсакна ъалайкум вазкурусмаллоҳи ъалайҳи ва-т-тақуллоҳ. Инналлоҳа сарӣъу-л-ҳисаб. 4.

4. Туро мепурсанд: «Чӣ чиз парояшон ҳалол карда шуд?». Бигӯ: «Барои шумо покизаҳоро ҳалол карда шуд ва он чӣ (сайде), ки аз ҷонварони шикорӣ ба онҳо омӯхта бошед, дар ҳоле ки таълимкунандагони онҳо бошед,аз он чӣ Аллоҳ шуморо омӯхтааст, пас, шумо он чиро бихӯред, ки барои шумо нигоҳ дошта бошанд ва бар вай номи Аллоҳро ёд кунед. Ва аз Худо битарсед, ҳаройина, Аллоҳ зудҳисобгиранда аст.

Сабаби нузули ин оятро чунин ривоят кардаанд, ки Адий ибни Ҳотам ва Зайд ибни Муҳалҳил аз Расули Худо (с) пурсиданд, ки ё Расулаллоҳ (с), мо мардуме ҳастем, ки бо сагу боз, хару гови ваҳшӣ ва оҳуро сайд мекунем, ҳол он ки Аллоҳтаъоло ҳаром будани гӯштҳои мурдорро баён намуд, пас бифармоед, ки аз хӯрданиҳо чи чиз барои мо ҳалол аст? Ҳамоно буд, ки ояти мазкур нозил шуд. Дар он Аллоҳтаъоло ҳабиби Худ, Муҳаммад (с)-ро фармуд, ки аз ту мепурсанд, ки аз

хӯрданиҳо чӣ чиз барои онҳо ҳалол аст, дар ҷавоб ба онҳо бигӯ, ки ҳар чизе, ки покиза асту палид нест, барои шумо ҳалол аст. Оре! Худованд ҳар мавҷуди покизаеро, ки табиатан барои истифодаи мардум офаридааст, агар ҳукми ҳаром будани он дар Қурону суннати набавӣ ва бо иҷмоъи уммат ва бо қиёси муҷтаҳидин ёфт нашавад, агар он бо исми Аллоҳ забҳ шуда бошад, ҳалол аст.

Дар давоми оят Худованд фармудааст, ки ҳайвонҳои ваҳшие, ки хӯрдани гӯшти онҳо баъди забҳ ҳалол аст, аммо бе восита наметавонед шумо, онҳоро дастгир кунед, агар онҳоро ба воситаи сагҳои шикорӣ гирифтанӣ шавед, ба шарте ҳалоланд, ки онҳоро фақат сагҳои шикорӣ ё бозҳои таълимёфтаи бо исми Аллоҳ сардодашуда сайд карда бошанд. Яъне сагҳо бояд таълими шикор карданро аз шумо гирифта бошанд. «Мукаллиб» шахсеро гӯянд, ки саги тозӣ, ё бозеро, ки соҳиби чанголу минқор аст, барои шикор кардани ҳайвонҳои ваҳшӣ тарбия дода тавонад ва онҳо низ тарбияву таълимро ба худ қабул карда бошанд. Яъне чун инсонро Аллоҳтаъоло аз роҳи ҳалол хӯрдани гӯштро таълим дод, шахси сайёд низ ба саги худ, ё ба бози худ ин таълимро бояд дода тавонад, то маълум шавад, ки онро на барои худ, балки барои соҳибаш сайд кардааст. Хулоса, ҷонваре, ки ба воситаи сагҳои шикорӣ, ё ба воситаи бозҳо шикор мешавад, бо шартҳои зайл ҳалол аст:

1-юм. Ҳайвони шикорӣ бояд ба тавре таълим гирифта бошад, ки чун ӯ сайдеро дошт, бе иҷозаи соҳибаш ӯро нахӯрад.

2-юм. Таълими боз ҳам чунин буда, лекин шарти дигар ин аст, ки чун онро соҳибаш нидо кунад, фавран ба назди соҳибаш баргардад. Аммо агар саги шикорӣ, ё боз сайдеро дошта, то расидани соҳибаш қисме аз он сайдро хӯранд, маълум мешавад, ки ҳоло чунин саг ё боз ҷоҳиласту таълимро қабул накардааст ва таҳти амри соҳибаш набуда, балки сайдро барои худаш доштааст. Дар чунин сурат вайро таълими иловагӣ лозим аст.

3-юм. Сайёд шикориро бо худ ба нияти шикор бурда бошад.

4-ум. Қабл аз он, ки шикорӣ ба сӯи сайд сар дода шавад, бояд аввал соҳиби шикорӣ номи Худо (ҷ)-ро ба забонаш орад, яъне «Бисмиллоҳи Аллоҳу акбар» гӯяд. Дар мазмуни ин оят, валлоҳу аълам, фақат ин чаҳор шарт номбар шуду халос. Назди мазҳаби Абӯҳанифа шарти панҷум ин аст, ки саг ё бози шикорӣ сайдро ҷарҳ, яъне захм зада бошад, ҷорӣ шудани хун ҳатмӣ ва шарт аст. Хулоса, сайди доштаи шикорӣ агар бе яке аз ин 5 шарти номбаршуда мурда бошад, ҳаром аст. Магар дар сурате, ки сайдро зинда аз чанголи саг, ё бози шикорӣ раҳонанду забҳ намоянд.

Дар китобҳои фиқҳӣ таълими шикорӣ чунин баён ёфтааст: Бо вуҷуди шартҳои номбурда сайди ҳамон шикори (саг)-е ҳалол аст, ки агар шикорӣ мавриди санҷиш қарор гирифта, 3 маротиба сайдро дорад, вале онро нахӯрад, яъне баъди шикори 3-юм ва ё 4-ум бо чунин сурат сайдаш ҳалол мегардад.

Агар 5-ум, ё 6-умро хӯрад, боз то 3 сайди дигар таълим додан зарур аст. Боқӣ ҷузъиёти масъалаи сайди ҳайвони шикориро аз китобҳои фиқҳӣ ҷӯё шавед.

Дар ҷумлаи охир Аллоҳтаъоло фармудааст, ки дар ҷамиъи ҳукмҳои Ӯ таъоло аз хилофкорӣ битарсед, зеро Аллоҳтаъоло, албатта, зудҳисобгирандаи бандагони Худ аст. Оре! Ҳатто дар вақти истеъмоли ҳалолкардаҳои Худованд, тарси Худо

лозим аст. Зеро одатан аксари мардум ба лаззати дунё пойбанд буда, чун ба онҳо машғул мешаванд ва ё ба шикор мераванд, аз Худо ва охират чандон фикр накарда, баъзе ҳайвонҳои ҳаромро ҳалол меҳисобанд. Бинобар ин, танбеҳи зарур барои онҳо ин аст, ки Худоро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунанд ва ба хотир дошта бошанд, ки рӯзи қиёмат чандон дур нест, аз онҳо дар бораи дақиқаҳои сарфи умр як-як ҳисоб гирифта мешавад.

Ояти зер маънои ояти қаблиро, яъне масъалаҳое, ки доир ба ҳалол будани таъом буд, таъкидан давом дода, дар рафти сухан дар хусуси никоҳи ҳалол сухан оғоз мекунад.

Сураи Моида ояти 5

الْيَوْمَ أُحِلَّ لَكُمُ الطَّيِّبَاتُ وَطَعَامُ الَّذِينَ أُوتُواْ الْكِتَابَ حِلٌّ لَّكُمْ وَطَعَامُكُمْ حِلُّ لَّهُمْ وَالْمُحْصَنَاتُ مِنَ الْمُؤْمِنَاتِ وَالْمُحْصَنَاتُ مِنَ الَّذِينَ أُوتُواْ الْكِتَابَ مِن قَبْلِكُمْ إِذَا آتَيْتُمُوهُنَّ أُجُورَهُنَّ مُحْصِنِينَ غَيْرَ مُسَافِحِينَ وَلاَ مُتَّخِذِي أَخْدَانٍ وَمَن يَكْفُرْ بِالإِيمَانِ فَقَدْ حَبِطَ عَمَلُهُ وَهُوَ فِي الآخِرَةِ مِنَ الْخَاسِرِينَ

Ал-явма уҳилла лакуму-т-таййибату ва таъаму-л лазина уту-л-китаба ҳиллу-л лакум ва таъамукум ҳиллу-л лаҳум. Ва-л-муҳсанату мина-л-муъминати ва-л-муҳсанату мина-л-лазина уту-л-китаба мин қабликум иза аътайтумуҳунна уҷураҳунна муҳсинина ғайра мусафиҳина ва ла муттахизи аҳдан. Ва ма-й якфур би-л-имани фа қад ҳабита ъамалуҳу ва ҳува фи-л-аъхирати мина-л-хосирин. 5.

5. Имрӯз чизҳои покизаро барои шумо ҳалол карда шуд. Ва таоми (забҳкардаи) онҳое, ки аҳли китобанд, барои шумо ҳалол аст ва таоми шумо барои онҳо ҳалол аст ва барои шумо занони покдомани мусалмонро ва занони покдомане ки пеш аз шумо аҳли китобанд, ҳалол карда шуд, ба шарте ки ба онҳо маҳрашонро бидиҳед (ва) дар қайди никоҳорандагон бошед, шаҳватронанда (зинокунанда)-гон набошед ва дӯстгирандагони пинҳонӣ набошед. Ва ҳар шахсе ки аз имон мункир шуд, батаҳқиқ, амали ӯ нобуд шавад. Ва ӯ дар рӯзи охират аз зиёнкорон аст.

Дар аввали ин оят, Аллоҳтаъоло барои таъкид ҷузъи ояти қаблиро такрор намуда фармудааст, ки имрӯз истеъмоли ҳар чизеро, ки покиза аст, барои шумо ҳамеша ҳалол ҳукм карда шуд, он ҳеҷ вақт мансух намешавад. Баъдан муъомиларо дар масъалаҳои ҳалолу ҳаром ва забҳи дасти миллатҳои ғайримусалмонро ба таври васеъ ёдрас намудааст. Оре! Дар ин оят мувофиқи фикри зумраи олимон мурод аз калимаи «таом» гӯшти ҳайвони ҳалоли бо дасти аҳли китоб забҳшуда аст. Муфассирони гиромиқадр овардаанд ки дар замони нузули ин оят (яъне 1400 сол муқаддам) бисёре аз тоифаҳои насрониён ва яҳудон, бо вуҷуди баҳсҳояшон дар сифатҳои Худо ва каҷравиҳояшон дар ақида, ҳангоми забҳ номи ғайри Худоро намегирифтанд. Локин буданд гурӯҳҳои насрониён, ки ҳангоми забҳ номи ғайри Худоро мегирифтанд. Аз ин рӯ ҳазрати Алӣ (к.в.), ибни Умар (р) ва Оиша (р)

гуфтаанд: «Агар мешунавӣ, ки шахси китобие номи ғайри Худоро дар ҳангоми забҳи ҳайвон мебарад, аз гӯшти он ҳайвон махӯр». Яъне агар аҳли китоб ҳангоми забҳи ҳайвони гӯшташ шаръан ҳалол, номи ғайри Худоро нагирад ва аз он гӯшт таъоме тайёр намояд ва ба он таъом чизи ҳаром ҳамроҳ нагардад, он таъом барои мусулмон ҳалол аст. Инчунин мева, дон ва сабзавоти онҳо парварида низ ҳалол аст. Қайд намудан ба маврид аст, ки дар замони мо, баъд аз гузашти 1400 сол, фирқа ва гурӯҳҳои гуногуни аҳли китоб пайдо шуданд. Илова бар он, баъд аз асри XVII байни мардуми аҳли китоб моддигароён (материалистон), табиатгароён (натуралистон) ва дигар гурӯҳҳои зиёде пайдо шудаанд, ки аслан бединанд, яъне на ҳар шахси бо забони миллатҳои аҳли китоб сухангӯ диндор ва аҳли китоб аст.

Аз ин рӯ, ҳангоми истифодабарӣ аз ҳукми ин оят бояд хеле дақиқкор буд ва аз эҳтиёткорию парҳезкории саҳобагон ибрат гирифт, махсусан ҳангоми баҳо додан ба шахси мавриди назари ин оят (оё вай аҳли китоб аст, ё на?). Барои гурӯҳе аз олимон далели ҳалол будани таъоми аҳли китоб, чуноне ки дар «Саҳеҳ» омадааст, ин аст, ки аҳли Хайбар назди Расулуллоҳ (с) гӯшти гӯсфандеро ҳадя намуданд, ки он заҳролуд буд, чун Расулуллоҳ (с) барои griтановул як луқма аз он ба даҳон бурданд ва чун он гӯшт заҳролуд будани худро ба Расулуллоҳ (с) маълум сохт, онро аз даҳони худ берун афканданд. Ба ҳар тақдир, таъсири заҳр дар дандонҳои муборакu эшон монд.

Аммо Басир ибни Барро ҳамроҳи Расулуллоҳ (с) буд, аз он гӯшт хӯрд, ӯ аз таъсири он заҳр аз олам гузашт ва Расулуллоҳ (с) хеле бемор ҳам шуданд. Ҳар сол аз таъсири он дар ҳамин вақт мариз мешуданд. Яъне хайбариҳо, ки аҳли китоб буданд, чун таъомро ҳозир намуданд, дигар Расулуллоҳ (с) аз чигунагии забҳи ӯ напурсиданд ва хостанд аз ӯ тановул кунанд.

Аммо забҳи маҷусӣ (оташпараст), муртад (аз динбаргашта), шахси мулҳид (бедин), бутпараст, кофир ҳалол нест. Никоҳи чунин занҳо низ ҳалол нест, зеро онҳо аҳли китоб нестанд. Агар мусалмонҳо барои аҳли китоб ҳайвонеро забҳ кунанд, ё таъоме тайёр созанд, барои муъминҳо ва барои онҳо ҳалол аст. Худованд (ҷ) дар давоми ин оят фармудааст, ки дигар чизҳое, ки ҳалол аст, ин издивоҷи занҳои покдомани муъмина ё ин ки издивоҷи занҳои покдомани аҳли китоб аст. Яъне бо занҳое, ки покдоману аҳли китобанд, чун яҳуд ва насоро ва ба китобҳояшон он амал мекунанд, ақди никоҳ бастан ҷоиз аст. Аммо никоҳи занони мушрика, чуноне ки дар сураи «Бақара», о. 221 гузашт, ҷоиз нест. Чуноне ки ҳангоми зикри масоили забҳ қайд шуд, никоҳи занҳое, ки ба ном насронӣ, ё яҳудианд, яъне бо гуфти худашон онҳо аҳли китобанд, аммо на ба китоби осмонӣ қоиланду на ба ҳастии Худо (ҷ), никоҳи ин гуна занҳо на ҷоиз асту на ҳалол.

Хулоса, оиладорӣ бо занҳои покдоман, хоҳ муъмина ва хоҳ китобия бошанд, ба шарте дурусту ҷоиз аст, ки аввал онҳоро шаръан никоҳ карда, сонияn маҳрашонро дода шавад. Шарти севум ва чаҳорум он аст, ки онҳоро барои шаҳватронӣ (зино) ва ё маъшуқаи пинҳонӣ (чуноне ки дар ояти 25-уми сураи «Нисо» гузашт), интихоб накунанд. Яъне мақсад аз издивоҷ ба занони покдоман фақат барои покиза нигоҳ доштани нафси худ аз амалҳои ғайришаръӣ бошад. Агар рафту марди мусалмоне зани покдомани аҳли китобро ба никоҳи худ даровард, бинобар васеъ будани қонунҳои амалии дини Ислом он зан метавонад

дар дини худ боқӣ бимонад, Ислом ҳама ҳуқуқҳои ӯро таъмин мекунад. Дини ислом аст, ки ҳуқуқи чунин занҳоро ҳимоя мекунад, зеро он дини инсонпарвар буда, дар дигар динҳо ин махсусият дида намешавад. Масалан, дар дини насоро, дар мазҳаби католикии онҳо, никоҳи занҳое, ки мазҳаби православӣ (мазҳаби насронии шарқӣ) ё протестантӣ ва ё ки морунӣ доранд, ҷоиз намедонад.

Баъдан, Аллоҳтаъоло фармудааст дар охири оят таҳдиди шадид намуда, ки касе, кофир шавад ва имонро инкор кунад, яъне муртад (аз дин рӯйгардон) шавад, ҳар амали неке карда бошад, ҳамаи онҳо ботил буда, ин гуна инсон Биҳишти ҷовидонро бохта, дар охират аз ҷумлаи зиёнкорон аст.

Аммо касоне, ки никоҳи занҳои китобӣ дуруст аст, гуфта, онҳоро ба никоҳи худ медароранд ва ба ҷойи он ки оҳиста-оҳиста онҳоро ба Ислом даъват кунанд, баръакс худашон мафтуни онҳо шуда, наъузу биллоҳ ҷавҳари имонро бой медиҳанд, тахти ваъиди ҷузъи охири ояти мазкур дохиланд. Яъне ҳоли ӯ ва ҳоли ҷамиъи куффор дар охират хароб аст.

Ояти зер ибодатеро, ки аз гавҳараки чашм ҳам боқадртар аст, яъне намоз ва шарти адои намоз-таҳоратро баён мекунад.

Сураи Моида ояти 6

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ إِذَا قُمْتُمْ إِلَى الصَّلاةِ فاغْسِلُواْ وُجُوهَكُمْ وَأَيْدِيَكُمْ إِلَى الْمَرَافِقِ وَامْسَحُواْ

بِرُؤُوسِكُمْ وَأَرْجُلَكُمْ إِلَى الْكَعْبَينِ وَإِن كُنتُمْ جُنُبًا فَاطَّهَّرُواْ وَإِن كُنتُم مَّرْضَى أَوْ عَلَى سَفَرٍ أَوْ جَاء أَحَدٌ

مَّنكُم مِّنَ الْغَائِطِ أَوْ لاَمَسْتُمُ النِّسَاء فَلَمْ تَجِدُواْ مَاء فَتَيَمَّمُواْ صَعِيدًا طَيِّبًا فَامْسَحُواْ بِوُجُوهِكُمْ وَأَيْدِيكُم مِّنْهُ

مَا يُرِيدُ اللّهُ لِيَجْعَلَ عَلَيْكُم مِّنْ حَرَجٍ وَلَكِن يُرِيدُ لِيُطَهَّرَكُمْ وَلِيُتِمَّ نِعْمَتَهُ عَلَيْكُمْ لَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ

Йа айюҳа-л-лазина аману иза қумтум ила-с-салати фағсилу вуҷуҳакум ва айдиякум ила-л-марофиқи вамсаҳу би руусикум ва арҷулакум ила-л-каъбайн. Ва ин кунтум ҷунубан фа-т-таҳҳару. Ва ин кунтум-м марза ав ъала сафарин ав ҷиа аҳаду-м минкум-м мина-л-ғаити ав ламастуму-н-нисаа фа лам таҷиду моан фа таяммаму саъӣдан таййибан фамсаҳу би вуҷуҳикум ва айдӣкум-м минҳ. Ма юрӣдуллоҳу ли яҷъала ъалайкум-м мин ҳараҷи-в ва лаки-й юрӣду ли ютаҳҳиракум ва ли ютимма ниъматаҳу ъалайкум лаъаллакум ташкурун. 6.

6. Эй касоне ки имон овардаед, вақто ки ба сӯйи намоз бархезед, рӯйҳои худро ва дастҳои худро то оринҷҳо бишӯед ва сарҳои худро масҳ кашед ва пойҳои худро то шитолинг (бишӯед). Ва агар ҷунуб бошед, пас худро хуб пок созед. Ва агар шумо бемор бошед, ё дар сафар бошед ё биояд яке аз шуморо қазои ҳоҷат, ё бо занҳо наздикӣ карда бошед, пас обро наёбед, бо хоки пок таяммум кунед, пас, аз он хок ба рӯйҳои худ ва ба дастҳои худ масҳ кашед. Худо намехоҳад, ки мушкилеро бар шумо (шариат) гардонад, валекин мехоҳад, ки шуморо пок гардонад ва то ин ки эҳсони Худро бар шумо комил созад, шояд шукри (Ӯро) ба ҷой оред.

Ояти мазкур дар оғоз ба мардуми боимон хитоб намуда, аҳкоми вузӯ (таҳорат)-ро бо тартиби зайл баён намудааст, ки ай шахсоне, ки соҳиби имон ҳастед, агар бе таҳорат бошед ва намоз гузоридан хостед, аввал бархезед ва таҳорат бисозед. Яъне дар ибтидо рӯйҳои худро бишӯед ва баъд дастҳоятонро ҳамроҳи оринҷҳоятон бишӯед ва бар сарҳои худ масҳ кашед ва пойҳои худро низ бо ҳамроҳи шитолинг бишӯед! Фарзи масҳ назди мазҳаби ҳанафӣ миқдори чоряки сар аст. Моликиҳо ва ҳанбалиҳо ҳамаи сар ва назди шофеиҳо ҳадди ақҷал он миқдоре, ки исми масҳро гузошта шавад, яъне миқдори як ангушт ё камтар аз онро масҳ кашидан фарз аст. Дар шустан ва ё масҳ кашидани пойҳо назди аҳли тасаннун ва шиъа ихтилоф аст. Яъне шиъаҳо дар ҳоли таҳорат сохтан ба ҷои шустани пойҳо масҳ кашидани пойҳоро раво медонанд. Назди аҳли суннати ва ҷамоъат барои шустани пойҳо калимаи «илалкаъбайн»-е, ки дар ояти мазкур омадааст, далел аст, ки омадани ин калима барои радди гумони шахсонест, ки онҳо масҳро ҷоиз медонанд. Зеро ин калима барои ғояти шустани пойҳост.

Агар масҳ мурод мешуд, ғоятро овардан лозим набуд. Дигар он ки ояти мазкур ба шустани пойҳо сароҳатан далолат дорад. Яъне агар фарзан масҳ ҷоиз мебуд, бояд тарзи навиштани калимаи «арҷулакум» бо касра «арҷуликум» навишта мешуд. Ҳол он ки «арҷулакум» бо фатҳа навишта шудааст, бо калимаи «вуҷуҳакум» ва «айдиякум» атф шудааст, ки шустани онҳо дар таҳорат фарз аст. Аммо омадани масҳ дар ин байн барои фоидаи тартиби таҳорат аст.

Ибни Касир (р) зимни ояти мазкур дар бораи шустани пойҳо ва маҳси болои маҳсӣ аз ровиҳои муътабар, ки ривоятҳояшон ба ҳадди тавотир расидаанд, зиёда аз 39 ҳадисро ҷамъ намудааст.

1-ум. Дар ҳадисҳое, ки Амиралмуъминин Усмон (р) ва Алӣ (р) ва Ибни Аббос (р) ва Муъовия (р) ва Абдуллоҳ бинни Зайд ибни Осим ва Миқдод бини Маъдиякраб ривоят кардаанд, чунин аст, ки Расулуллоҳ (с) доимо дар вақти таҳорат карданашон ба ғайри як ё ду ё се маротиба (ки дар саҳеҳ будани ин қавл ихтилоф аст), дигар ҳама вақт пойҳои худро шустанд.

2-юм. Амр бинни Шуъайб аз падарашон ва ӯ аз бобояшон ривоят кардаанд, ки Расулуллоҳ (с) таҳорат карданд ва пойҳои худро шустанду гуфтанд: "Ин чунон таҳоратест, ки бе ин миқдор Худованд намози касро қабул намекунад".

3-юм, Дар «Саҳиҳайн» аз ривояти Аби Увона ва дар охир аз Абдуллоҳ бинни Амр омадааст: Дар сафаре ҳамроҳи Расулуллоҳ (с) будем, вақти намози аср фаро расид, мо таҳорат сохтем, локин болои пойҳои худ масҳ кашидем, чун Расулуллоҳ (с) моро ба чунин ҳолат дид, бо овози баланд ба ин монанд моро панд доданд: Таҳоратро исбоғ (комил) кунед, барои шахсоне, ки ақиби пойҳояшон об нарасида мемонад, вой бар ҳоли онҳо аз нор:

Ба ин мазмун дар «Саҳиҳ»-и Муслим бо ривояти Оиша (р) низ ҳадисе омадааст, ки айнан мазмуни ҳадиси болоро таъкид мекунад. Имом Аҳмад (р) мегӯянд: Иброҳим бинни Абилаббос аз Холид ибни Маъдо аз баъзе азвоҷи Расулуллоҳ (с) ривоят кардаанд, ки Расулуллоҳ (с) мардеро диданд, ки намоз мехонд, аммо дар вақти таҳорат кардан миқдори дирҳам пойҳои ӯ хушк монда буд, ӯро амр намуданд, ки таҳораташро аз сар гирад. Ин ҳадисро Абӯдовуд низ ривоят кардаанд. Хулоса, касоне, ки аз Расулуллоҳ (с) чи хел таҳорат карданро

мепурсиданд, Расулуллоҳ (с) таҳорат карданро таълим медод ва мефармуд, ки пойҳоро то шитолинг шӯед ва байни ангуштонро хилол кунед. Ин аст таҳорати назди аҳли суннати вал ҷамоъат писандида. Ногуфта намонад, ки ихтилофе, ки дар таҳорат аст, ин шустани пойҳо, ё масҳ кашидан дар пойҳои бе мӯза, ё бе масҳӣ буд. Аммо пойҳое, ки бо мӯза ё амсоли он бо таҳорат пӯшида шуда бошанд, дар таҳорати дувум бо ҳадисҳои мутавотир ба онҳо масҳ кашидан собит шудааст, ки дигар эҳтимоли кизбро надоранд. Дар давоми оят ҳукми ғуслро баён намуда фармудааст, ки агар шумо ҷунуб бошед, пеш аз он ки ба намоз рост шавед, бояд ғусл кунед, яъне ҷамиъи бадани худро бо оби покиза чунон бишӯед, ки ҳатто як бехи мӯи шумо хушк намонад.

Сипас ояти мазкур ҳукми таяммумро баён намуда фармудааст, ки агар шумо чунон беморе шавед, ки истеъмоли об шуморо зиён кунад, ё дар сафар бошеду оби поке барои таҳорати худ пайдо карда натавонед, ё ҳамчунон аз қазои ҳоҷат омадеду обе нест, то ин ки шумо вузӯ созед, ё бо занҳои худ омезиши ҷинсӣ барқарор намудеду обе нест, ки ғусл кунед, инчунин дар вақти сармои қаҳратун, ки бо об таҳорат кардан ғайриимкон аст, дар ҷамиъи ин суратҳо вақто мехоҳед намоз гузоред, шариъат иҷозат додааст, ки ҷойнишини оби пок хоки покро истифода бурда, таяммум созед. Яъне бо он хоки пок (ё чанги хок) бо як зарб рӯйҳои худ ва бо зарби дувум дастҳои худро, чуноне ки суннат таълим додаст, масҳ кашед. Ин амал барои шумо ҳамчу таҳорат ҳисобида мешавад. Тамоми амалҳоеро, ки бо вузӯ метавонистед анҷом диҳед, бо таяммум низ анҷом дода метавонед. Чунин мазмун дар сураи «Нисо», ояти 43-ум ба таври кофӣ гузашт. Ин ҳама фармоишот, яъне вузӯ ва ғуслу таяммум барои он аст, ки Аллоҳтаъоло намехоҳад, ки шуморо дар ҳолати душворӣ қарор диҳад. Аммо вақто, ки шумо дар намоз назди Аллоҳтаъоло ҳозир мешавед, Аллоҳтаъоло мехоҳад аз палидиҳои ҳиссӣ ва маънавӣ пок бошед, чуноне ки дар маънои ҳадиси Расулуллоҳ (с) омадааст: «Гуноҳони шумо ҳамроҳи қатароти оби вузӯ аз аъзои бадани инсон фурӯ мерезанд, бо вузӯ ё бо таяммум поку мусаффо бошед».

Дигар ин ки Худованд бо баён кардани шариъати худ хостааст неъмат будани Ислом барои бандагон аён шавад, ва неъматҳои бе ҳисоби Ӯро шукр кунед.

Хулоса, Худованд нахостааст, ки таклифи тоқатфарсоро бар дӯши бандагони худ ниҳад. Яъне ҳеҷ таклифи илоҳӣ барои бандагони худ мушкилие надорад, ҳарчи мушкил бошад, ӯро Аллоҳтаъоло сабук сохтааст. Аз он ҷумла, агар об набошад, ё бошаду истеъмоли он зиён расонад, Худованд таяммумро ба ҷойи таҳорат ҷоиз гардонидааст.

Бо ривояти Имом Бухорӣ аз Амр ибни Ос (р) чунин омадааст, ки шабе дар яке аз ғазоҳо, ки бисёр сармо баланд буд, иҳтилом шудам. Агар ғусл мекардам аз ҳалок шудан бо андешаи худ тарсидам, таяммум кардам ва ҳатто имом шуда, ҳамроҳи шарикони худ намози бомдодро хондам. Ин ҳодисаро ба Пайғамбар (с) шарикон расониданд. Пайғамбар (с) гуфт: «Ҳой Амр ҷунуб шудеду имом шуда намози ҳамроҳонро хондед?!». Ман дар ҷавоб аввалан сабаби ғусл накарданамро баён кардам ва баъд гуфтам: “Ман шунида будам, ки Худо фармудааст, ки «Худро накушед! Аллоҳ зоти раҳмхӯранда аст барои шумо». Чун Расулуллоҳ (с) сухани маро шуниданд, хандаашон омаду ҳеҷ чизе ба ман нагуфтанд”.

Ояти зер ба муъминон хитоб намуда фармудааст, ки...

Сураи Моида ояти 7

وَاذْكُرُواْ نِعْمَةَ اللّهِ عَلَيْكُمْ وَمِيثَاقَهُ الَّذِي وَاثَقَكُم بِهِ إِذْ قُلْتُمْ سَمِعْنَا وَأَطَعْنَا وَاتَّقُواْ اللّهَ إِنَّ اللّهَ عَلِيمٌ بِذَاتِ الصُّدُورِ

Вазкуру ниъматаллоҳи ъалайкум ва мисақаҳу-л-лази васақакум биҳи из қултум самиъна ва атаъна. Ва-т-тақуллоҳа инналлоҳа Ъалимун би зати-с-судур. 7.

7. Ва неъмат (эҳсон)-и Аллоҳро бар худатон ва паймони Ӯро, ки бо шумо баста буд, ба ёд оваред, он гоҳ, ки гуфтед: «Шунидем ва фармонбардорӣ кардем». Ва аз Худо битарсед, ҳаройина, Худо ба он чӣ дар синаҳо бошад, хуб доност.

Ояти мазкур хитоб ба муъминон намуда фармудааст, ки ай муъминон, неъмат (эҳсон)-и Парвардигорро ба ёд оред! Муфассирони олиқадр калимаи неъмат ва паймонро ин гуна шарҳу эзоҳ додаанд; агарчи калимаи «неъмат» маънои умум дошта бошад ҳам, локин дар ин оят назди аксари муфассирон мурод аз неъмати воло-дини Ислом аст. Зеро муҳимтарин неъмат барои инсон неъмати имону Ислом аст, ки як тӯдаи парокандаи гумроҳро ба як ҷамъияти моддиву маънавӣ бо ҳам ҷамъ гардонид.

Сипас фармудааст, ки паймоне, ки бо Худо бастаед ва дар он замон гуфтед, ки «шунидем ва итоъат кардем»-ро низ ба ёд оред. Зимни ин ҷузъи оят муфассирони олиқадр гуфтаанд: Мурод аз аҳду паймон бастан байъати Ақаба аст. “Яъне дар шаби Ақаба”, саҳобагон бо Расулуллоҳ (с) даст дода, байъат карданд, ки дар ҳама вақт, чи ҳолати сахтӣ ва чи ҳолати фарохӣ, фармони туро гӯш медиҳем. Ин намуди байъат, чуноне ки дар ояти 10-уми сураи «Фатҳ», ки баъди сулҳи Ҳудайбия нозил шуда буд, мегузарад, он дар ояти 285-уми сураи «Бақара» низ аз забони муъминон омадааст.

Дар ҳақиқат, ҳангоме ки ин суханро гуфтанд, гӯё бо Худо байъат карданд. Достони байъати Ақабаро аз китобҳои қиссас ҷӯё шавед.

Ёдовар мешавем, ки ояти мазкур ба ояте, ки дар аввали ин сура гузашт, яъне «Ай касоне, ки имон овардаед, ба аҳдҳои худ вафо кунед» дар маъно бо ҳам яканд. Дар китобҳои ҳадис аз номи саҳобагон чунин омадааст: Мо фармонбардории Расулуллоҳ (с)-ро, чи дар осониҳо ва чи дар сахтиҳо, бо аҳду паймон ба худ қабул карда будем. Дигар қисми аҳди мо ин буд, ки дар корҳои ҳукуматӣ бо аҳли он кашмакаш накунем.

Ин эҳтимоли аввали тафсири ин қисми оят буд. Аммо эҳтимоли дувуми тафсири ояти мазкур ин аст, ки мурод аз шунидану итоъат кардан «мисоқ»-и илоҳӣ буд, ки онро дар рӯзи “Аласту...” (сураи «Аъроф», о. 172) аз бани Одам (а) гирифта шуд.

Муҷоҳид ба тарафдории ин сухан мегӯяд, ки мо ҳарчанд он паймонро ба ёд наоварем ҳам, лекин Худои таъоло дар Қуръон аз он хабар дод, ин барои мо кифоя аст.

Дар давоми оят Аллоҳтаъоло таъкидан ва барои доимо бо тақво будани бандагони худ онҳоро тарсонда мегӯяд, ки аз Худо битарсед, ҳар он чи дар дилу синаҳои шумо аз хайру шарр мегузараду пинҳон медоред, Аллоҳ медонад ва мувофиқи он шуморо подош ё ҷазо медиҳад.

Дар ояти зер дар шаъни яке аз паймонҳое, ки байни Аллоҳ ва бандагон аст, сухан меравад.

Сураи Моида ояти 8

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ كُونُواْ قَوَّامِينَ لِلّهِ شُهَدَاء بِالْقِسْطِ وَلاَ يَجْرِمَنَّكُمْ شَنَآنُ قَوْمٍ عَلَى أَلاَّ تَعْدِلُواْ اعْدِلُواْ هُوَ أَقْرَبُ لِلتَّقْوَى وَاتَّقُواْ اللّهَ إِنَّ اللّهَ خَبِيرٌ بِمَا تَعْمَلُونَ

Йа айюҳа-*л*-*лазина* аману куну қаввамина *лиллаҳи* шуҳадаа би-*л*-қист. Ва *ла* яҷриманнакум шанаану қавмин ъала алла таъди*л*у. Иъдилу ҳува ақрабу *ли*-т-тақва. Ва-т-тақуллоҳ. Инналлоҳа Хабӣрун би ма таъмалун. 8.

8. Эй касоне, ки имон овардаед, барои Аллоҳ қиёмкунандагон, гувоҳидиҳандагони боинсоф бошед. Душмании қавме шуморо ба сӯйи гуноҳу беинсофӣ тела надиҳад. Адл кунед, адл ба тақво наздиктар аст ва аз Худо битарсед! Ҳаройина, Худо ба он чӣ мекунед, хуб хабардор аст.

Дар сураи «Нисо», ояти 135 маънои калимаи «Қаввамун» гузашт, ки он сиғаи муболиға буда, ба маънои мардҳо дар кори оиладорӣ бисёр хуб ба по хезанд, буд. Дар ин оят ҳам Аллоҳтаъоло бандагони Худро бо ин калима нидо намуда мефармояд, ки ай касоне, ки имон овардаед, танҳо ёдовар шудан аз неъматҳои Аллоҳтаъоло бо забон, чуноне ки дар ояти қаблӣ гузашт, кифоя намекунад. Балки мақсади аслӣ он аст, ки эҳсони бешумори Парвардигори худро фаромӯш насохта, ҳар аҳде, ки бо Худо бастед, дар иҷрои он, чи забонӣ бошад чӣ феълӣ, бо мақсади умеди савоб, тарс аз иқоб, таъзиму ризои Худо (на умеди касби ному шӯҳрати дунё ва ризои мардум) ва барои барпо доштани ҳаққи Аллоҳ бо беҳтарин шакл собитқадаму устувор бошед. Аз он ҷумла, Аллоҳтаъоло фармудааст, ки агар дар коре шоҳид бошед ва тарафи муқобил касе, ки бошад, (бигзор, тарафи муқобил душмани шумо ҳам бошад) ин шоҳидиро бо дурустӣ, бо адлу инсоф ба сомон расонед. Нашавад, ки душмании ӯро ба назар гирифта, тарки адолат кунеду ҳақиқатро пинҳону зери по ниҳода, шоҳидии бардурӯғ диҳед. Боз Худованд фармудааст, ки дар ҳама кор агарчи онҳоро бад бинед ҳам, адолат кунед, ин адолати шумо ба тақво (тарс аз Худо) наздиктар аст. Дар охири оят омадааст, ки дар ҳама амру наҳйи Парвардигор дар ҳолати амал аз Аллоҳ битарсед, ки ҳар кореро, ки шумо анҷом медиҳед, Аллоҳтаъоло аз он огоҳ аст ва мувофиқи он шуморо мукофоту ҷазо медиҳад. Соҳиби «Сафватуттафосир» аз Замахшарӣ (р)

зимни ин оят чунин сухани аҷиберо овардааст, ки инсони бохирад бе таъсир монда наметавонад: “ин оят барои мусалмонон як танбеҳи бузург аст. Яъне, вақто ки бо кофирон, ки онҳо душмани Худоянд, дар вақти муъомила адл воҷиб бошад, акнун дар воҷиб будани адл байни муъминон, ки онҳо дӯстони Худоанд, чӣ гумон дорӣ?” («Сафватуттафосир», саҳ. 330 ва «Кашшоф», 1/476).

Хулоса, ба фармудаҳои ояти мазкур дар дунё амал мекардагиҳо ҳам ҳаст ва амал намекардагиҳо ҳам ҳаст. Мукофот ё ҷазои ин гуна шахсонро ояти зер баён мекунад:

Сураи Моида ояти 9

وَعَدَ اللّهُ الَّذِينَ آمَنُواْ وَعَمِلُواْ الصَّالِحَاتِ لَهُم مَّغْفِرَةٌ وَأَجْرٌ عَظِيمٌ

Ваъадаллоҳу-л-лазина аману ва ъамилу-с солиҳати лаҳум-м мағфирату-в ва аҷрун ъазим. 9.

9. Аллоҳ касонеро, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд, омурзиш ва савоби бузург ваъда додааст.

Аллоҳтаъоло зимни ин оят шахсонеро ваъдаи омӯрзиши гуноҳ ва ваъдаи аҷри бузург (ҷаннат) додааст, ки дар ҳақиқат онҳо танҳо бо як имон овардан кифоя накарда, балки дар баробари имони худ амалҳои солеҳро низ анҷом додаанд. Аз тақозои ояти мазкур ва амсоли он, (дар Қуръони маҷид зиёде аз 41 мавзеъ ин мазмун меояд) хулоса мешавад, ки нишонаи имони саҳеҳ ва қуввату эътибори он анҷоми амалҳои солеҳ аст. Яъне бо иҷрои амалҳои нек имон қуввати чандон пайдо мекунад. Дар натиҷа на танҳо дар ин дунё, ки онҳо бо муқтазои башарие, буда, аҳволи дигар тоифаро баён мекунад:

Сураи Моида ояти 10

وَالَّذِينَ كَفَرُواْ وَكَذَّبُواْ بِآيَاتِنَا أُوْلَئِكَ أَصْحَابُ الْجَحِيمِ

Ва-л-лазина кафару ва каззабу би айатина улаика асҳаъбу-л-Ҷаҳим. 10.

10. Ва касоне, ки кофир шуданд ва оятҳои моро дурӯғ ҳисобиданд, он гурӯҳ соҳибони Дӯзаханд.

Аммо ба ғайр аз гурӯҳи аввале, ки дар ояти қаблӣ сифаташон гузашт, тоифаи дигаре ҳаст, ки аз аввал кофиранд ё оятҳои қуръониеро, ки ошкоро ба ростӣ далолаткунандаанд, дурӯғ ҳисобиданду ба ин сабаб кофир шуданд. Адл ва ҳикмати Парвардигор барои чунин инсонҳо он будааст, ки онҳо мисли аҳли Дӯзах ҳаргиз аз он ҷудо нестанд. Ояти зер муъминонро тарғиб намудааст, ки барои барпо сохтани адолат доимо дар ҳаракат бошанд.

Сураи Моида ояти 11

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ اذْكُرُواْ نِعْمَتَ اللّهِ عَلَيْكُمْ إِذْ هَمَّ قَوْمٌ أَن يَبْسُطُواْ إِلَيْكُمْ أَيْدِيَهُمْ فَكَفَّ أَيْدِيَهُمْ عَنكُمْ وَاتَّقُواْ اللّهَ وَعَلَى اللّهِ فَلْيَتَوَكَّلِ الْمُؤْمِنُونَ

Йа айюҳа-л-лазина аманузкуру ниъматаллоҳи ъалайкум из ҳамма қавмун ай ябсуту илайкум айдияҳум фа каффа айдияҳум ъанкум. Ва-т-тақуллоҳ. Ва ъалаллоҳи фа-л ятаваккали-л-муъминун. 11.

11. Эй касоне, ки имон овардаед, неъмати Парвардигорро, ки ба шумо додааст, дар ёд доред, чун мардуме қасд карданд ки дастҳояшонро ба сӯйи шумо дароз кунанд, пас, дастҳояшонро аз шумо боздошт! Ва аз Аллоҳ битарсед ва бояд, ки муъминҳо бар Аллоҳ таваккул кунанд.

Сабаби нузули ояти мазкурро муфассирони олиқадр аз чандин ривоятҳо далел овардаанд. Баъзе аз онҳо аз Ибни Аббос (р) ривоят намуда мегӯянд, ки Расулуллоҳ (с) барои файсалаи коре ҳамроҳи саҳобагон назди яҳудиёни бани Назир рафта буданд ва зери қалъаи онҳо нишаста ба онҳо гуфтугӯ доштанд. Онҳо бо сӯиқасд хостанд санги калонеро аз фарози қалъаашон бар сари Расулуллоҳ (с) партоб кунанд. Ҳамоно, Ҷабраил (а) Расулуллоҳро аз нияти бади онҳо бохабар сохт. Расулуллоҳ (с) ҳамроҳи ёронаш дигар он ҷо нанишаста, ба Мадина пайвастанд ва он гоҳ ин ояти мазкур нозил шуд.

Баъзе аз муфассирон аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ ривоят намуда гуфтаанд, ки дар яке аз сафарҳои Расулуллоҳ (с) ва ёронаш дар ҷое барои истироҳат фуруд омаданд, ки Офтоб басо сӯзон ва ҳаво хеле тасфон буд. Ёрони Расулуллоҳ (с) аз ӯ каме дуртар ба сояи дарахте рафтанд. Расулуллоҳ (с) силоҳи худро ба дарахте овехту каме танҳо истироҳат намуд. Дар ин асно аъробие пайдо шуд, шамшери Расулуллоҳ (с)-ро ба даст гирифту ӯро аз ғилоф баркашид, барои ҳама омода шуд ва бо таҳдид ба Расулуллоҳ (с) гуфт: «Ҳоло кӣ туро аз дасти ман халос мекунад?» Расулуллоҳ (с) бо як оромӣ ва бо виқору итминон гуфт: «Аллоҳтаъоло!» Он аъробӣ ду ё се маротиба сухани худро такрор намуд. Расулуллоҳ (с) бо камоли итминон гуфт: «Аллоҳтаъоло!».

Хулоса, аз дасти аъробӣ чизе наомад, шамшерро дар ғилоф кард. Расулуллоҳ (с) ёрони худро фаро хонд ва аз он чи гузашт, онҳоро хабар дод. Онҳо диданд, ки аъробӣ паҳлӯи Расулуллоҳ (с) нишастааст. Ӯро ҷазо надоданд, зеро ӯ таслим шуда буд. Ба ҳар тақдир, ин ё он ҳодиса сабаб шуду ояти мазкур нозил гардид ва дар он Аллоҳтаъоло муъминонро нидо намуда фармуд, ки ай касоне ки имон овардаед, чун Аллоҳтаъоло шуморо аз ҳуҷуми душманоне, ки иродаи қатли шуморо карда буданд, бо фазли Худ (ин ҳам яке аз неъматҳои бузурги Аллоҳ таъоло аст), дар паноҳи худ гирифт, дасти таҷовузи онҳоро аз шумо нигоҳ дошт ва бадии онҳоро аз шумо дур сохт, инро ба ёд оварда, ба иҷрои амрҳои Парвардигор бикӯшед ва аз манъкардаҳои Ӯ парҳез намудаю аз Ӯ битарсед. Сифати муъминон ин аст, ки доимо бо боварии комил барои дафъи балоҳо ва мусибатҳо ба Аллоҳ таваккал

мекунанд. Зеро Ӯ таъоло дар ҳама кор кифоякунандаи онҳост. Оре, ин неъмати Парвардигорро саҳобагон борҳо мушоҳида намуданд ва дар ҳар асру замон ин гуна неъматҳо ба чашм мерасанд.

Дар ояти баъдӣ барои ибрат аҳволи қавме, ки онҳо аз Худо натарсида, аҳдшиканӣ намуданд ва бо ин сабаб онҳо хор шуданд, баён мешавад:

Сураи Моида ояти 12

وَلَقَدْ أَخَذَ اللّهُ مِيثَاقَ بَنِي إِسْرَائِيلَ وَبَعَثْنَا مِنهُمُ اثْنَيْ عَشَرَ نَقِيبًا وَقَالَ اللّهُ إِنِّي مَعَكُمْ لَئِنْ أَقَمْتُمُ الصَّلاَةَ وَآتَيْتُمُ الزَّكَاةَ وَآمَنتُم بِرُسُلِي وَعَزَّرْتُمُوهُمْ وَأَقْرَضْتُمُ اللّهَ قَرْضًا حَسَنًا لَّأُكَفِّرَنَّ عَنكُمْ سَيِّئَاتِكُمْ وَلأُدْخِلَنَّكُمْ جَنَّاتٍ تَجْرِي مِن تَحْتِهَا الأَنْهَارُ فَمَن كَفَرَ بَعْدَ ذَلِكَ مِنكُمْ فَقَدْ ضَلَّ سَوَاءَ السَّبِيلِ

Ва лақад ахазаллоҳу мӣсақа бани Исроила ва баъасна минҳумуснай ъашара нақӣба. Ва қолаллоҳу иннӣ маъакум. Ла ин ақамтуму-с-салата ва атайтуму-з-заката ва амантум бирусулӣ ва ъаззартумуҳум ва ақразтумуллоҳа қарзан ҳасана-л ла укаффиранна ъанкум саййиатикум ва ла удхиланнакум ҷаннатин таҷрӣ мин таҳтиҳа-л-анҳар. Фа ман кафара баъда залика минкум фақад Залла савоа-с-сабил. 12.

12. Ва ҳаройина, Аллоҳтаъоло аз бани Исроил аҳде гирифт. Ва аз онҳо дувоздаҳ саркарда муқаррар кардем. Ва Худо гуфт: «Агар намозро барпо доред ва закотро бидиҳед ва ба расулҳои Ман яқин дошта бошед ва онҳоро мадад карда бошед ва Худоро қарзи ҳасана (нек) медода бошед, Ман бо шумоям. Ҳаройина, аз шумо дур хоҳем кард гуноҳонатонро ва ҳаройина, шуморо дар боғҳое, ки аз зери онҳо ҷӯйҳо меравад, дохил хоҳем кард. Пас, касе, ки аз шумо баъд аз ин кофир шуд, пас, бе шак, роҳи ростро гум кардааст».

Аллоҳтаъоло аз оғози сура то ин ҷо ба вафои он аҳде, ки бо забони Пайғамбари худ, Муҳаммад (с), аз онҳо гирифта буд, бандаҳои муъминашро амр намуд. Онҳоро низ фармуд, ки дар ҳама кор хусусан дар шоҳидӣ додан бо адлу инсоф ба по хезанд. Неъматҳои зоҳирӣ ва ботинии худро ёдрас намуда, аз ҷумла, онҳоро ба роҳи росту ҳақ ҳидоят намуд, ки ин ҳама кори нав ва ҷои тааҷҷуб нест. Зеро дар ояти мазкур омадааст, ки аз умматҳои гузашта, яъне аз аҳли китоб (яҳуду насоро) низ аҳду паймон гирифта шуд, локин дилҳои онҳоро чунон пардаи гумроҳӣ пӯшид, ки дигар онҳо роҳи ҳидоятро гум намуда, амали солеҳ ва ғайри онро фарқ карда натавонистанд. Дар натиҷа, онҳо аҳдшиканӣ карда, ба лаънати илоҳӣ гирифтор гаштанд ва мардуди даргоҳӣ илоҳӣ шуданд. Бинобар ин, Аллоҳтаъоло зимни ояти мазкур ҳоли онҳоро баён намуда фармудааст, ки ба таҳқиқ, мо аз бани Исроил дар робита ба он чӣ, ки дар охири ҳамин оят зикр мешавад, аҳду паймони маҳкам ва муаккад (таъкидшуда) гирифта, аз байни онҳо дувоздаҳ нақиб (сардори қавм) ихтиёр намудем, то қавмҳои бани Исроил ҳамроҳи нақибҳо ба Расули Аллоҳ ва ба китоби Ӯ байъат кунанд. Ривояти дигаре аз Ибни

Аббос (р) омадааст, ки вақто Мӯсо (а) бо амри Аллоҳ баъди мавти Фиръавн ба мубориза алайҳи подшоҳони ҷабрпеша рӯй овард, аз ҳар як гурӯҳ сардоронеро (12 нафар) интихоб намуд, то онҳо раванду қувваи сарзамини Шом ва Фаластинро санҷанд. Хулоса, онҳо рафтанд. Чун санҷиш гузарониданд, диданд, ки ситамкорон басо пурқувват буда, аз нерӯи бузурге бархурдоранду ҳоло бо онҳо қуввaозмоӣ бемаъно буда, зӯри муқовимат дар баробари онҳоро надоранд. Онҳо бо худ аҳд намуданд, ки ба ғайри Мӯсо (а) ин сир аз дигарон махфӣ бимонад. Мутассифона, баъди бозгашт даҳ нафари онҳо аҳдро шикаста, ба наздикони худ ин сирро фош сохтанд. Ҳамин буд, ки ҳама дӯсту душман аз ин сир огоҳӣ ёфт, ҳамлаи бани Исроил алайҳи Фаластиниён билкул хунсо шуд. Илова бар ин дар он асно бани Исроил ба Мӯсо (а) гуфтанд: "Мо аз ин ҷо ба ҳеҷ ҷо намеравем, агар Фаластин даркорат бошад, ту худ ва Парвардигорат равед, ҷанг кунед". Ривояти дигаре вуҷуд дорад, ки он нуқабо (сардорон) маъмур буданд, ки ҳар яке кафил ва зомини сабт (гурӯҳ)-и худ бошад. Яъне аз онҳо бояд чунин байъат гиранд, ки ҳама худотарсу бо имон буда, дар он аҳде, ки бо Худо кардаанд, вафодор ва нигарони аҳволашон бошанд.

Ривояти дигаре ҳаст, ки бани Исроил, яҳудиёнро гӯянд ва Исроил номи дуввуми Яъқуб (а) аст. Ӯ (а)-ро 12 фарзанд будааст, инсонҳое, ки аз ин фарзандон пайдо шудааст, онҳоро бани Исроил мегӯянд. Аз он 12 нақиб Аллоҳтаъоло паймон гирифтааст.

Монанд ба ин, вақте ки Расулуллоҳ (с) аз ансор шаби Ақаба байъат гирифт, онҳо низ 12 нафар се нафар аз Авсиҳо ва 9 нафар аз Хазраҷиҳо буданд.

Хулоса, баъди аҳду паймон Аллоҳтаъоло дар давоми ояти мазкур ба бани Исроил гуфт: Мо бо нусрату ёрӣ ҳамроҳи шумоям ва бо иҷрои шартҳои зерин шуморо ҳимоят мекунам.

Шарти аввал ин ки агар шумо намозро, чуноне ки машрӯъ шудааст, барпо доред ва закотро бидиҳед. Мурод аз закот ин ҷо садақот аст, ки Аллоҳтаъоло бар онҳо фарз гардонида буд. Ва бидуни фарқгузорӣ ба пайғамбарҳои фиристодаи ман имон оред. Яъне он чӣ онҳо барои шумо аз мӯъҷизот оварданд, онҳоро тасдиқ кунед ва онҳоро гиромӣ дореду иззату ҳурмат кунеду ёрӣ диҳед ва онҳоро аз душманҳояшон дифоъ кунед ва ба Худо қарзи ҳасана диҳед, яъне барои талаби ризои Аллоҳтаъоло нафақа диҳед. Агар ин ҳама амалҳои зикршударо анҷом диҳед, албатта гуноҳони Шуморо нобуд созем ва барои онҳо шуморо дар хашм нагирем ва албатта шуморо дар ҷаннатҳои, ки аз зери кушку қасру дарахтони онҳо наҳро ҷorианд, дохил созем. Шахсе, ки баъди ин қадар аҳди таъкидӣ аҳдро шиканаду кофир шавад ва хилофи аҳди худ рафтор кунад, дар ҳақиқат роҳи ростеро, ки ӯро ба ҷаннат мерасонад, гум сохта аз ҳидоят ба залолат қадам ниҳодааст. Чун бани Исроил ба аҳдашон вафо накарданд, уқубате бар сарашон омад, ки онро ояти зер баён мекунад.

Сураи Моида ояти 13

فَبِمَا نَقْضِهِم مِّيثَاقَهُمْ لَعَنَّاهُمْ وَجَعَلْنَا قُلُوبَهُمْ قَاسِيَةً يُحَرِّفُونَ الْكَلِمَ عَن مَّوَاضِعِهِ وَنَسُوا حَظًّا مِّمَّا

ذُكِّرُواْ بِهِ وَلاَ تَزَالُ تَطَّلِعُ عَلَىَ خَآئِنَةٍ مِّنْهُمْ إِلاَّ قَلِيلاً مِّنْهُمُ فَاعْفُ عَنْهُمْ وَاصْفَحْ إِنَّ اللّهَ يُحِبُّ الْمُحْسِنِينَ

Фа би ма нақзиҳим-м мисақаҳум лаъаннаҳум ва ҷаъална қулубаҳум қосияҳ. Юҳаррифуна-л-калима ъам мавазиъиҳи ва насу ҳazza-м мим ма зуккиру биҳ. Ва ла тазалу татталиъу ъала хаинати-м минҳум илла қалӣла-м минҳум. Фаъфу ъанҳум васфаҳ. Инналлоҳа юҳиббу-л-муҳсинин. 13.

13. Пас, ба сабаби аҳди худро шикастан бар онҳо лаънат кардем ва дилҳои онҳоро сахт гардонидем, калимаҳоро аз ҷойҳояшон тағйир медиҳанд ва ҳиссаи нафъ гирифтанро аз он чӣ ба он панд дода шудаанд, фаромӯш карданд. Ва ҳамеша бар хиёнати онҳо огоҳ мешавӣ, магар каме аз онҳо. Пас, аз онҳо афв кун ва даргузар. Ҳаройина, Аллоҳ эҳсонкунандагонро дӯст медорад.

Баъди ин қадар аҳду паймон бани Исроил бар яҳудияти худ боқӣ монданд. Яъне аҳду паймонеро, ки бо Аллоҳ баста буданд, шикастанд, намозро чуноне, ки Худо фармуда буд, барпо надоштанд.

Бо хоҳиши худ шикаставу баста навъи намозеро ихтиёр карданд, ки хилофи фармудаи Худо буд. Онҳо на ин ки закот надоднад, балки дар иқтисодиёт чунон ҳарому ҳараҷро ҳамроҳ сохтанд ва чунон молҳои мардумро ба қонунҳои сохтаи худашон байни худ тақсим науданд, ки гуё амре аз амрҳои Аллоҳро иҷро карда истодаанд. Бо вуҷуди ин қадар гуноҳҳояшон ба ҳамаи пайғамбарони фиристодаи Аллоҳ баробар имон наоварданд, онҳоро ҳақорат доданд дар шаъни онҳо иғвоҳо ва буҳтонҳоро раво диданд, ҳатто пайғамбароне чун Закариё (а) ва Яҳё (а)-ро ба қатл расониданд, Исо (а)-ро куштем, гуфта овозаҳо пҳн сохтанд. Ҳатто бар зидди пайғамбари охируззамон бархоста, барои аз байн бурдани ӯ (с) ҳаракат карданд. На ин ки ба Аллоҳ қарзи ҳасана доданд, балке қарз доданд вале баробари ин рибохуриро дар тамоми дунё паҳн сохтанд. Акнун бо сабаби ин ва ё дигар ҷиноятҳоро содир намуданашон Аллоҳ таъоло онҳоро лаънат хонд. Яъне аз раҳмати хеш онҳоро дур сохт ва дилҳои онҳоро бо ин сабаб чунон сахт гардонид, ки дигар ба ғайри иддаи чанде дар дили онҳо панду насиҳат, нури ҳидоят таъсир набахшид ва сари қадам аз даргоҳи илоҳи рондашудани онҳо мушоҳида шуд. Зеро онҳо бо фаҳми фосидашон нисбат ба оятҳои Аллоҳтаъоло нодуруст рафтор намуданд. Онҳоро таъвил карданд ва маънову тафсири оятҳоро зидди ҳам навиштанд ва бо ин амал ки бори дигар сангдилии худро ошкор сохтанд. Ҳатто он ҳиссаеро, ки онҳоро доимо тазаккур медод, то онро хонанд, амалашон бе донистани он қабул намешуд, низ қасдан ба фаромушӣ супориданд.

Калимаи “хоинат!” ба маънои хиёнат, дурӯғ гуфтан , нофармони бадкори найранг омадааст. Яъне пайваста онҳо бо пайғамбарони илоҳи хиёнатро ба кор бурданд. Бинобар ин Аллоҳтаъоло дар давоми оят ба расули Худ (с) гуфт, ки ба ғайр аз иддаи каме аз онҳо, ки мусулмон шудаанд, дигар ба ту низ онҳо ин шеваро ба кор мебаранд ва дар давоми он низ фармуд, ки ҳоло бошад ту онҳоро авф кун ва аз онҳо дар гузар шояд, ки Алоҳтаъоло ба сабаби хубкории ту онҳоро ҳидоят кунад, зеро Аллоҳтаъоло некӯкоронро дӯст медорад.

Қатода (р) мегӯяд ин ҷузъи оят ба ояти 29-уми сураи «Тавба» мансух (аз амал манъ, беэътибор) шудааст, зеро дар ояти 29-уми сураи «Тавба» ба мубориза алайҳи беимонон Расулуллоҳ (с) маъмур гардидааст.

Сураи Моида ояти 14

وَمِنَ الَّذِينَ قَالُواْ إِنَّا نَصَارَى أَخَذْنَا مِيثَاقَهُمْ فَنَسُواْ حَظًّا مِّمَّا ذُكِّرُواْ بِهِ فَأَغْرَيْنَا بَيْنَهُمُ الْعَدَاوَةَ وَالْبَغْضَاء إِلَى يَوْمِ الْقِيَامَةِ وَسَوْفَ يُنَبِّئُهُمُ اللّهُ بِمَا كَانُواْ يَصْنَعُونَ

Ва мина-л-лазина қолу инна насора ахазна мисақаҳум фанасу ҳазза-м мим ма зуккиру биҳи фа ағрайна байнаҳуму-л-ъадавата ва-л-бағзаа ила явми-л-қийамаҳ. Ва савфа юнаббиуҳумуллоҳу би ма кану яснаъун. 14.

14. Ва аз ҷумлаи инсонҳо касоне ҳастанд, ки гуфтанд: «Мо насронием». Паймони онҳоро гирифтем, пас, он ҳисаеро ки ба он панд дода шудаанд, фаромӯш сохтанд, пас, то рӯзи қиёмат миёни фирқаҳои онҳо душманӣ ва бадбинии пинҳон барангехтем. Ва зуд аст, ки Аллоҳ онҳоро аз он чӣ мекарданд, хабар диҳад.

Дар маънои калимаи «насоро» уламои олиқадр фикри гуногун баён кардаанд. Яъне баъзе аз онҳо насоро гуфта, шахсонеро медонанд, ки дар диндорӣ ҳазрати Исо (а)-ро тобеъанд. Баъзе гуфтаанд, ки онҳо аввалин нафарҳо аз деҳаи Носиро буданд, ки тобеъи Исо (а) шуданд. Бинобар ин, онҳоро (насоро) гуфтаанд. Ривояте низ расидааст, ки вақто Исо (а) гуфт: «Кӣ моро нусрат (ёрӣ) медиҳад?» Гурӯҳе гуфтанд: «Мо туро ёрӣ медиҳем.» Аз барои ҳамин онҳоро «насоро» ном ниҳоданд.

Ба ҳар тақдир, зимни ояти мазкур омадааст, ки вақто гурӯҳе аз онҳо гуфтанд, ки мо тобеъ ва насоро (ёридиҳанда)-и ӯем, Худованд аз онҳо мисли қавмҳои гузашта аҳду паймон гирифт. Ҳарчанд дар ояти мазкур барои кадом чиз аҳду паймон зикр нашуда бошад ҳам, локин ба қавми Ибни Касир он аҳду паймон тобиъ шудан ба Расул (с) ва ёрӣ додани ӯ (с) ва ба ҳамаи пайғамбарон имон овардан буд. Аммо, чуноне ки яҳудиҳо аҳду паймонашонро шикастанд, онҳо низ шикастанд ва он бахшу андарзи бузургеро, ки ба онҳо дода шуда буд, фаромӯш сохтанд. Валлоҳу аълам. Худованд (ҷ) дар давоми оят гуфтааст, ки акнун мо то рӯзи қиёмат байни онҳо (насоро бошанд ё яҳуду насоро бошанд) душманӣ ва кина андохтаем, онҳо ба гурӯҳҳо мисли яъқубия, настурия, малкония, ё ба ибораи дигар, католик, протестант ва ғайра тақсим шуданд. Акнун байни онҳо буғзу адоват ва ихтилофи кӯркӯрона то рӯзи қиёмат насл ба насл давом дорад. Онҳо баъзеашон баъзеи дигарашонро ба куфр нисбат медиҳанд, лаънат мехонанд ва намегузоранд ки онҳо дохили ибодатхонаашон шаванд. Масалан, малкония яъқубияро кофир мегӯянду лаънат мехонанд. Гурӯҳҳои дигар низ якдигарро ба куфр нисбат медиҳанд. Тасдиқи ояти мазкур ҷангҳои таърихиест, ки байни онҳо шуда гузашт ва ин гувоҳи ҳоли онҳост. Ва ин, бе шакку шубҳа, то қиёмат давом

меёбад. Илова бо ончи баён ёфт, дар давоми оят онҳо таъкидан таҳдид шудаанд, ки ҳар он чи алайҳи Худо (ҷ) ва Расули Ӯ (с) гуфтанду карданд, Аллоҳтаъоло ба зудӣ ба онҳо хабар медиҳад, яъне онҳо ҷазои ин паймоншиканиро оҷилан дармеёбанд.

Ояти зер ба ҳар ду гурӯҳи аҳли китоб хитоб мекунад.

Сураи Моида ояти 15

يَا أَهْلَ الْكِتَابِ قَدْ جَاءكُمْ رَسُولُنَا يُبَيِّنُ لَكُمْ كَثِيراً مِّمَّا كُنتُمْ تُخْفُونَ مِنَ الْكِتَابِ وَيَعْفُو عَن كَثِيرٍ قَدْ جَاءكُم مِّنَ اللّهِ نُورٌ وَكِتَابٌ مُّبِينٌ

Йа аҳла-л-китаби қад ҷаакум расулуна юбаййину лакум касира-м мим ма кунтум тухфуна мина-л-китаби ва яъфу ъан касир. Қад ҷаакум-м миналлоҳи нуру-в ва китабу-м мубин. 15.

15. Эй аҳли Китоб, батаҳқиқ, шуморо фиристодаи Мо омад, барои шумо бисёре аз он чӣ ки аз Китоби Худо пинҳон медоштед, баён мекунад ва аз тақсироти бисёре дармегузарад. Батаҳқиқ, аз ҷониби Худо шуморо нуре ва Китоби равшан омад.

Аллоҳтаъоло зимни ояти мазкур бо таъкид яҳуду насороро хитоб намуда фармудааст, ки ай аҳли китоб, ба таҳқиқ, мо Пайғамбари худ, (Муҳаммад (с))-ро ба сӯйи ҷамиъи халқи рӯйи Замин аъам аз арабу аҷам ҳамроҳи дини ҳақ барои ҳидоят намудан фиристодем. Бо ишораи ин оят, ҳатто бо хабарҳои дар Таврот вуҷуддошта, ҳамчунин мувофиқ бо хабарҳои дар Инҷил зикршуда Аллоҳтаъоло аз аҳли яҳуд ва насоро аҳд гирифтааст, ки бояд онҳо ба пайғамбари охируззамон имон оранд. Зеро Муҳаммад (с) барои онҳо низ Пайғамбар аст. Яъне Аллоҳтаъоло фармудааст, ки ай аҳли китоб, мо пайғамбари худро ба сӯи шумо фиристодем, то бисёр чизе, ки дар китобҳои шумо (Тавроту Инҷил) мисли ояти сангсори зиногар ва достони асҳоби шанбе, ки сураташон ба бӯзина бадал шуда буд ва сифатҳои Пайғамбари охируззамон ва дигар чизҳое, ки шумо онҳоро аз мардум пинҳон доштед, дарҷ гардида аст, барои шумо ошкоро хабар диҳад ва аз дигар амрҳое, ки ҳоло барои инсоният баёни онҳо фоидае нест, афв намояд (даргузарад).

Аз ин ҷумла чунин истифода мешавад, ки аҳли китоб бисёр ҳақиқатҳоро, ки дар китобҳои осмонӣ дарҷ шудаанд, барои манфиъати хеш аз мардум пӯшида доштаанд. Пӯшида доштани ҳақиқати тавҳид (яктопарастӣ) ва покии пайғамбарон аз нисбатдиҳиҳои нораво, ҳукми ҳаром будани рибо, шароб ва амсоли он аз ҳамин шуморанд. Вале аз зикри баъзе ҳукмҳое, ки ба умматҳои пеш вобаста буд ва дар айни ҳол барои тарбияи ахлоқии мардуми кунунӣ таъсир надошт, аз зикри онҳо сарфи назар шуд.

Сипас Аллоҳтаъоло дар ҷумлаи охири ояти мазкур ба бузург ва бо азамат будани Қуръони карим, ки барои тарбияи мардум, як василаи муҳим буда, барои ҳидояти онҳо таъсири амиқ дорад, ишора намуда фармудааст, ки дар ҳақиқат, аз

тарафи Аллоҳтаъоло нур ва китоби ошкоро барои шумо омадааст. Муфассирони олиқадр мурод аз нур ҳазрати Муҳаммад (с)-ро ва аз китоб Қуръони каримро ва баъзе аз онҳо мурод аз нур Ислом ё Қуръонро донистанд. Ба ҳар тақдир, он чи ки Муҳаммад (с) барои мардум овардааст, нурест, ки касе пайи он равад, он нур ӯро ба Ҷаннат ҳидоят мекунад. Инро касоне медонанд, ки имони ҳақиқӣ насиби онҳост. Яъне шахсоне, ки Исломро қабул кардаанд ва аз зулмоти ҷоҳилият ба нури имон ҳидоят ёфтаанд ва бо имону ихлоси тамом Қуръонро тиловат мекунанду мефаҳманд, донистаанд, ки Қуръон китобест, ки дар ҳақиқат барои ҳидояти мардум аз Офтоб ҳам равшантар аст.

Вазифаи ин китоби олиқадрро ояти зер баён мекунад.

Сураи Моида ояти 16

يَهْدِي بِهِ اللَّهُ مَنِ اتَّبَعَ رِضْوَانَهُ سُبُلَ السَّلَامِ وَيُخْرِجُهُم مِّنَ الظُّلُمَاتِ إِلَى النُّورِ بِإِذْنِهِ وَيَهْدِيهِمْ إِلَىٰ صِرَاطٍ مُّسْتَقِيمٍ

Яҳдӣ биҳиллаҳу мани-т табаъа ризванаҳу субула-с-салами ва юхриҷуҳум-м мина-з-зулумати ила-н-нури би изниҳи ва яҳдӣҳим ила сироти-м мустақим. 16.

16. Ва Аллоҳ бо ин нур ба сӯйи роҳҳои наҷот касеро, ки пайравии хушнудии Ӯро мекунад, роҳ менамояд ва онҳоро ба иродаи Худ аз торикиҳо ба сӯйи рӯшноӣ берун меорад ва онҳоро ба сӯйи роҳи рост ҳидоят мекунад.

Валлоҳу аълам, ояти мазкур давоми ояти қаблӣ буда, Аллоҳтаъоло аз он нур (аз он китоб), яъне аз Қуръони карим дар он хабар додааст, ки Худованд ба сабаби он нур (китоб)-и равшан касонеро, ки аз он ризои Худоро меҷӯянд, ба роҳи наҷот ҳидоят мекунад. Аммо яҳуду насоро равшании ваҳйи илоҳиро аз даст дода, дар торикиҳои ҳавои нафс ва дар торикиҳои фикрҳои пароканда саргардону дар чоҳи хилофу шиқоқ афтодаву саргардонанд. Агар хоҳанд, роҳсипори роҳи ризои Аллоҳ шаванд, пайравӣ ба Пайғамбари охируззамон ва Қуръон кунанд. Ба ҳамин васила роҳи наҷотро хоҳанд ёфт ва хушбахти дунё ва охират хоҳанд шуд.

Давоми ояти мазкур ин маъноро таъкид намуда фармудааст, ки касоне, ки роҳи ризои Парвардигорро пайравӣ мекунанд ва он амалеро, ки назди Аллоҳ писанд аст, иҷро мекунанд, ба сӯйи роҳи наҷот қадам задаанд, ки он роҳ онҳоро ба доруссалом яъне ба Ҷаннат роҳнамоӣ мекунад.

Оре! Аллоҳ таъоло чунин шахсонро бо иродаи Худ тавфиқ медиҳад ва онҳоро аз торикиҳои куфру ширк, шакку нифоқ ва фисқу фуҷур ба сӯйи нури Ислом берун мебарад ва ба сӯйи роҳи рост, ки роҳи Ҷаннат аст, ҳидояташон мекунад.

Хулоса, ба ғайри дини Исломи нишондоди Қуръон дигар ҳамаи динҳо агарчи номҳои зебо дошта бошанд ҳам, зулмот (торикӣ) буда, итоъаткунандаву пайрави онҳо гумроҳ шудаанд.

Ягона нуре, ки ишонро ба роҳи рост ҳидоят мекунад, ин дини Ислом ва Қуръон аст. Сабаби нузули ояти мазкурро аз Икрима (р) муфассирони олиқадр

чунин ривоят кардаанд: Гурӯҳе аз яҳудиён назди Расулуллоҳ (с) омада, аз ӯ (с) ҳукми раҷм (сангсори зинокор)-ро пурсиданд. Расулуллоҳ (с) ба онҳо фармуд: “Олимтарини шумо ҳоло кист?” Онҳо ба сӯйи Ибни Суриё ишорат намуданд. Расулуллоҳ (с) ба Ибни Суриё гуфт: “Ба Худованде, ки Тавротро ба Мӯсо (а) нозил кардааст ва кӯҳи Турро болои сари аҷдоди шумо бардошт ва аз онҳо паймонҳое гирифт, савганд хӯред, ки ҳақиқатро пинҳон намекунед. Ҳоло ман иддаъо дорам бигӯед, ки ҳукми ояти «Раҷм» дар Таврот ҳаст! Оё ман рост нагуфтам?” Ибни Суриё аз савгандҳои ҷиддии Расулуллоҳ (с) ба ларза даромад ва аз тарси азоб, ҳақиқатро баён намуда гуфт: “Дар воқеъ, чун амали зино дар байни қавми мо ривоҷ гирифт, ояти раҷмро канор гузоштем ва дар ивази он зинокоронро ба ҷои сангсор 100 тозиёна зада, сарашонро тарошидем. Чун назди Расулуллоҳ(с) дар он асно зиногари яҳудиеро оварда буданд, баъди мурофиъа ва тадқиқу таҳқиқ ӯ(с) мувофиқи ояти Таврот ба сангсор кардани вай ҳукм намуд” ва ҳамоно ояти мазкур низ нозил шуд.

Сураи Моида ояти 17

لَّقَدْ كَفَرَ الَّذِينَ قَآلُواْ إِنَّ اللّهَ هُوَ الْمَسِيحُ ابْنُ مَرْيَمَ قُلْ فَمَن يَمْلِكُ مِنَ اللّهِ شَيْئًا إِنْ أَرَادَ أَن يُهْلِكَ الْمَسِيحَ ابْنَ مَرْيَمَ وَأُمَّهُ وَمَن فِي الأَرْضِ جَمِيعًا وَلِلّهِ مُلْكُ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضِ وَمَا بَيْنَهُمَا يَخْلُقُ مَا يَشَاء وَاللّهُ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ

*Ла қад кафара-л-лазина қолу инналлоҳа ҳува-л Масӣҳубну Марям. Қул фамай ямлику миналлоҳи шай-ан ин арода ай юҳлика-л Масӣҳабна Маряма ва уммаҳу ва ман фи-л-арзи ҷамиъа. Ва лиллаъҳи мулку-с-самавати ва-л-арзи ва ма байнаҳума. Яхлуқу маъ яшаъ. Валлоҳу ъала кулли шай-ин қадир. 17.*

17. Батаҳқиқ, касоне ки гуфтанд: «Албатта, Аллоҳ ҳамон Масеҳ-писари Марям аст», кофир шуданд. (Ба онҳо) бигӯ: «Пас, кист, ки аз иродаи Аллоҳ чизеро молик бошад? Агар бихоҳад, Исо-писари Марямро ва модарашро ва ононеро, ки дар заминанд, ҳамаро як ҷо ҳалок кунад. «Ва аз они Худост подшоҳии осмонҳо ва Замин ва он чӣ дар миёни онҳост. Меофарад он чиро мехоҳад. Ва Аллоҳ бар ҳар чиз тавоност».

Аллоҳ таъоло зимни ояти мазкур аз ҳад гузаштани насороро хабар дода, фармудааст, ки дар ҳақиқат, касоне, ки аз ҳад гузашта, Исо писари Марям (а)-ро, ки ӯ бандаи Худо ва расулу махлуқи Ӯст, Худо гуфтанд, (ҳол он ки Аллоҳтаъоло чунин Зотест, ки аз ҷамъи сифатҳои махлуқотӣ пок аст), ошкоро кофир шуданд. Зеро аз Худо мункир шудаанд.

Дар ҷумлаи баъдӣ бори дигар Аллоҳтаъоло аз қудрати беинтиҳои худ хабар дода фармудааст, ки ай Муҳаммад (с) барои онҳо бигӯ, ки ай насоро, шумо дурӯғгӯй ҳастед! Агар Худо бихоҳад, ки Исои Масеҳ (а) писари Марям (а) ва модарашро, хулоса, ҳар он чи ки дар рӯи Замин аст, ҷумлагӣ ҳамаро ба ҳалокат

расонад, оё касе, ё чизе қодир ҳаст, ки Ҳақтаъолоро аз ин иродааш гардонад ё муқобала кунад, ё лоақал худро дифоъ кунад? Возеҳ ва равшан аст, ки ҳеҷ кас қодир нест, иродаи Аллоҳтаъолоро манъ кунад. Натиҷа он аст, ки ба ҷуз Зоти ягона дигар холиқу маъбуд ва Худои дигару барҳаққе нест. Чуноне ки насоро мепиндоранд, агар Исо (а) Худо мебуд, бояд қудратеро дар ихтиёр медошт, ки лоақал модари худро, ки назди вай (а) беҳтарин шахс буд, аз марг наҷот медод ва он ҳилаву найранге, ки душманҳо алайҳи ӯ (а) раво диданд, аз худ дур месохт. Ҳол он ки ба пиндори насоро Исо (а)-ро дар дор овехта, ба қатл расониданд. Агар ӯ (а) Худо мебуд, чаро ин ҳамлаи ҳалоккунандаро аз худ дур насохт? На! Исо (а) Худо нест, балки бандаи Худост, мисли ҷамъи махлуқот фаношаванда аст. Ҳар чизе ки фаношаванда бошад ва худро аз ҳалоку марг дифоъ карда натавонад, чи хел Худо шуда метавонистааст? Бояд мардум хусусан, насоро аз офариниши Исо (а) тааҷҷуб накунанд, зеро Худованд дар давоми ояти мазкур фармудааст, ки мар Худорост фармонравоии осмонҳо ва Замин ва ҳар он чи ки байни ин ду ҳаст. Яъне ҳама аз они Худост, ҳар чи бихоҳад ва ҳар гуна махлуқе бихоҳад, меофарад. Хоҳад инсонро бе падару модар, хоҳад бе модар, хоҳад бе падар, хоҳад аз падару модар меофарад. Ин ҳама далолат бар он аст, ки қудрати Аллоҳтаъоло ниҳоят комил аст.

Дар ояти зер баъзе даъвоҳои ботили насоро зикру рад мешаванд:

Сураи Моида ояти 18

وَقَالَتِ الْيَهُودُ وَالنَّصَارَى نَحْنُ أَبْنَاء اللّهِ وَأَحِبَّاؤُهُ قُلْ فَلِمَ يُعَذِّبُكُم بِذُنُوبِكُم بَلْ أَنتُم بَشَرٌ مِّمَّنْ خَلَقَ يَغْفِرُ لِمَن يَشَاء وَيُعَذِّبُ مَن يَشَاء وَلِلّهِ مُلْكُ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضِ وَمَا بَيْنَهُمَا وَإِلَيْهِ الْمَصِيرُ

Ва қолати-л-яҳуду ва-н-насоро наҳну абнауллоҳи ва аҳиббауҳ. Қул фа лима юъаззибукум би зунубикум. Бал антум башару-м мим ман халақ. Яғфиру лима-й яшау ва юъаззибу ма-й яшаъ. Ва лиллаҳи мулку-с-самавати ва-л-арзи ва ма байнаҳума ва илайҳи-л-масир. 18.

18. Ва яҳуду насоро гуфтанд: «Мо писарони Худоем ва дӯстони Ӯем». Бигӯ: «Пас чаро шуморо ба сабаби гуноҳҳоятон азоб мекунад? Балки шумо инсон ҳастед, аз ҷинси махлуқот. Меомурзад ҳар киро хоҳад ва азоб мекунад ҳар киро хоҳад. Ва мар Худорост подшоҳии осмонҳо ва Замин ва он чи дар миёни онҳо бошад ва бозгашти ҳамаи мавҷудот ба сӯйи Ӯст».

Сабаби нузули ояти мазкурро бо ривояти Ибни Аббос (р) муфассирони олиқадр чунин гуфтаанд: "Нӯъмон ибни Азоа, Бахрий ибни Амр, Шос ибни Адӣ назди Расулуллоҳ (с) омаданд. Ба он ҳазрат гуфтугӯ оростанд. Расулуллоҳ (с) онҳоро ба сӯйи Худои азза ва ҷалла ва имон даъват намуду онҳоро аз азоби Аллоҳтаъоло бим дод. Вале онҳо гуфтанд:" Ай Муҳаммад! Ту Моро аз чӣ чиз метарсонӣ? Оё намедонӣ, ки мо писарони Худо ва дӯстони ваем? "Яъне яҳудиён Узайр (а)-ро писари Худо меҳисобиданд ва бо мурури замон худашонро низ писарони Худо ҳисобиданд. Насоро чун иддао намуданд, ки Исо (а) писари

Худост, худро низ ба писарони Худо будан нисбат доданд. Ҳамоно буд, ки ояти мазкур ба Расулуллоҳ (с) нозил шуд Аллоҳ таъолодар ин оят даъвои онҳоро ботил сохта, ба гуфти шумо Расули худ (с) хабар додаст, ки чун яҳуду насоро гӯянд, ки мо писарони Худо ва дӯстони Худоем, ба онҳо бигӯ, ки бигзор дуруст бошад, локин дӯст дӯстро азоб намекунад, пас чаро Худованд шуморо дар баробари гуноҳҳоятон ба куштану дар ин дунё масх (дигаргун шудани сурат) ва дар охират ба оташи дӯзах, ки бо пиндори шумо аниқ асту шумо низ ба чунин азоби илоҳӣ муътарифед, азоб мекунад? Охир дӯст дӯстро азоб намекунад-ку? Ҳол он ки дар таърихи шумо омадааст, ки дар ҳамин дунё гирифтори як силсила ҷазоҳои илоҳӣ қарор гирифтаед! Маълум мешавад, ки иддаои шумо ботил ва худи шумо дурӯғгӯй ҳастед. Шумо аз дигарон чӣ бартарӣ доред, шумо низ мисли дигар махлуқи Парвардигор инсони оддӣ ҳастед, шумо чӣ гуна фарзандони Худо ҳастед, ки Худованд аз чунин сифатҳое, ки шумо мегӯед, пок аст!? Шумо бояд бидонед, ки Худованд ҳокими тамоми махлуқоти Худ аст. Касеро ки хоҳад, шоиста бинад, афв мекунад ва ҳар касеро, ки хоҳад ба адли Худ ба ҷазо маҳкумаш месозад. Ин дар ихтиёри яҳуду насоро нест. Зеро подшоҳии ҳамаи осмонҳо ва Замин ва он чи, ки дар байни ин ду ҳаст, фақат ба ихтиёри Аллоҳтаъолост ва бозгашти тамоми махлуқот дар охир ба сӯйи Ӯст.

Сураи Моида ояти 19

يَا أَهْلَ الْكِتَابِ قَدْ جَاءكُمْ رَسُولُنَا يُبَيِّنُ لَكُمْ عَلَى فَتْرَةٍ مِّنَ الرُّسُلِ أَن تَقُولُواْ مَا جَاءنَا مِن بَشِيرٍ وَلاَ نَذِيرٍ فَقَدْ جَاءكُم بَشِيرٌ وَنَذِيرٌ وَاللّهُ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ

Йа аҳла-л-китаби қад ҷаакум расулуна юбаййину лакум ъала фатрати-м мина-р-русули ан тақулу ма ҷаана мин башири-в ва ла назир. Фақад ҷаакум баширу-в ва назир. Валлоҳу ъала кулли шай-ин қадир. 19.

19. Эй аҳли Китоб! Батаҳқиқ, фиристодаи Мо дар ҳолати фатрат (наомадани пайғамбарон) шуморо омад, ҳақро барои шумо баён мекунад, то нагӯед, ки ҳеҷ муждадиҳандае ва бимдиҳандае ба мо наёмад. Пас, батаҳқиқ, шуморо муждадиҳанда ва бимдиҳанда омадааст. Ва Аллоҳ бар ҳама чиз тавоност.

Дар миқдори гузаштани замон байни милоди Исо (а) ва Муҳаммад (с) ихтилофҳо вуҷуд доранд. Лекин мувофиқи саҳеҳтарини ривоятҳо, чуноне ки Ибни Аббос (р) ривоят мекунад, 569 сол будааст. Замонеро ки дар он пайғамбаре набошад, онро «замони фатарот» ва ё «фитрат» меноманд. Он маънои холӣ ё аз замони пайғамбаре дур монданро ифода мекунад. Шахсоне, ки дар он замон ҳаёт ба сар бурдаанду даъвати пайғамбарии Исо (а) ба онҳо нарасид, аҳли фитрат ном доданд. Ҳоло бошад чун Муҳаммад (с) бо сифати пайғамбарӣ аз тарафи Аллоҳтаъоло барои даъвати тамоми мардум фиристода шуд, ва ӯ (с) хабари дини исломро ба онҳо расонид, дигар узре барои онҳо боқӣ намонд. Яъне масъулияти ба дини Ислом пурра амал намудан, сарфи назар аз он ки он шахс аҳли фитрат

аст ё ғайри он, бар зиммаи ҳар инсон гузошта шудааст. Бинобар ин, Аллоҳтаъоло зимни ояти мазкур аҳли китобро нидо намудааст, ки ай аҳли китоб, ба таҳқиқ, ба сӯйи шумо пайғамбари мо Муҳаммад (с) барои он омадааст, ки шумо бар асари муддатҳои тулонӣ аз даъвати пайғамбарон дур монданатон бар ихтилофҳо дучор шуда ҳақиқатро пинҳон намудед, ҳақиқати Худошиносиро барои шумо фаҳмонад ва дурустии аҳкому қонунҳои шаръро барои шумо баён намояд. Ин барои он аст, ки шумо дар рӯзи қиёмат даъво карда нагӯед, ки барои мо ҳеҷ муждадиҳанда ва бимдиҳандае наомадааст. Ҳоло ки шумо ба Пайғамбари охируззамон итоат накардаед, пас яқин бидонед, ки дар ҳақиқат роҳи узрхоҳии шумо дар он рӯз аз ҳар тараф баста мешавад. Зеро Муҳаммад (с) барои ҳушдори шумо муждадиҳанда ва бимдиҳанда буд, муъминонро башорат ва кофиронро бим дод.

Дар давоми ояти мазкур омадааст: «Ва Аллоҳ бар ҳама чи тавоност». Оре! Ибни Ҷарир ин ҷузъи оятро чунин тафсир кардааст: "Аллоҳтаъоло барои ҷазо додани шахсоне, ки гунаҳгоранд ва ба савоб додани шахсоне, ки итоаткоранд, қодир аст. Аз камоли қудрати Ӯ таъолост, ки ҳазрати Муҳаммад (с)-ро бо ин камолот ва ба сифати пайғамбарӣ фиристод, то муъминонро дар роҳи ҳақ устувор ва нофармонбардоронро дар гумроҳӣ нагунсор гардонад."

Ояти зер аз инкору гарданкашии яҳуд хабар медиҳад:

Сураи Моида ояти 20

وَإِذْ قَالَ مُوسَى لِقَوْمِهِ يَا قَوْمِ اذْكُرُواْ نِعْمَةَ اللّهِ عَلَيْكُمْ إِذْ جَعَلَ فِيكُمْ أَنبِيَاء وَجَعَلَكُم مُّلُوكًا وَآتَاكُم مَّا لَمْ يُؤْتِ أَحَدًا مِّن الْعَالَمِينَ

Ва из қола Муса ли қавмиҳи йа қавмизкуру ниъматаллоҳи ъалайкум из ҷаъала фӣкум анбийаа ва ҷаъалакум-м мулука-в ва атакум-м ма лам юъти аҳада-м мина-л ъаламин. 20.

20. Ва чун Мӯсо ба қавми худ гуфт: «Эй қавми ман, неъматҳои Аллоҳро ба ёд оред, чун дар миёни шумо пайғамбаронро пайдо кард ва шуморо подшоҳон гардонид ва ба шумо он чӣ (муъҷизаҳо)-ро дод, ки ҳеҷ касеро аз оламиён надодааст!

Аллоҳтаъоло зимни ин оят пайғамбари охирини худ Муҳаммад (с)-ро тасаллӣ дода, хитоб кардааст, ки агар яҳудиён бо ту ва дини ту хилоф кунанд, нороҳат мабош, зеро одати деринаи онҳо ин аст, ки бо пайғамбарони Худо доимо хилоф мекарданд, аҳднома мебастанд ва он аҳдро мешикастанд. Ҳатто бо Мӯсо (а), ки пайғамбарашон буд, хилоф карданд. Замоне буд, ки бани Исроил ғулому зери зулму истибдоди Фиръавну Қибтиён қарор доштанд. Аллоҳтаъоло Мӯсо (а)-ро барои наҷоти онҳо ба сифати пайғамбар фиристод, онҳо бо роҳбарии ӯ (а) соҳибихтиёр шуданд. Ба онҳо неъматҳои рангоранг аз қабили «ману салво» дод ва ҳатто дар охир ба замини Муқаддас дохил шуданашонро ирода намуд. Дар ин байн дар саҳрои Сино абр болои онҳо соягӣ мекард. Санге ҳамроҳи онҳо буд, ки

ҳар ҷо, ки мерафтанд барои онҳо аз он чашмаҳои об ҷорӣ мешуд. Хулоса, нисбат ба юнониён ва қибтиён дар замони худ шарифтарин мардум буданд ва дигар имтиёзоти илоҳӣ барои онҳо фаровон вуҷуд дошт. Барои тасдиқи ин суханҳо Аллоҳтаъоло дар ин оят аз пайғамбари Худ, Мусо (а), ба пайғамбари охири Худ, Муҳаммад (с), он таърихро хабар додааст. Дар ҳақиқат, Аллоҳтаъоло барои онҳо неъматҳои бисёре дода буд. Аз он ҷумла, Аллоҳтаъоло барои иршоди онҳо аз байнашон пайғамбарони бисёреро фиристод. Агар як пайғамбаре аз байн мерафт, пайғамбари дигаре аз авлоди Иброҳим (а) ба миёни онҳо меомаду онҳоро ба сӯйи худошиносӣ мехонд ва аз азоби илоҳӣ онҳоро бим медод, то ин ки пайғамбарӣ бо омадани Исо (а) дар бани Исроил ба охир расид.Чун Мӯсо (а) бани Исроилро аз зери зулми Фиръавн наҷот дод, яъне Фиръавну тарафдоронаш ба ҳалокат расиданд, онҳо аз ғуломӣ озод шуданд, баъзе аз онҳоро ҳатто подшоҳ сохт. Ё ҳамаи онҳоро ба ин маъно подшоҳ сохт, ки онҳо соҳиби хона, соҳиби зан, соҳиби маркабу хизматгор шуданд.

Хулоса, дар замони худ ба онҳо Худованд чунон фараҳмандиҳо ато фармуд ва чунон ашрофи мардум гардонида буд, ки ба ҳеҷ кас аз атрофиёни онҳо надода буд. Барои таъйиди ин мазмун ривояте шудааст, ки марде аз Абдуллоҳ ибни Умар ва аз Ибни Ос (р) пурсид, ки магар мо аз фуқарои муҳоҷирин нестем? Абдуллоҳ гуфт: "Оё зан дорӣ, ки назди вай қарор ва ором гирӣ?" Мард посух дод: "Оре!" Гуфт: "Оё ҷойи зист дорӣ, то дар он сукунат кунӣ?" Мард гуфт: "Оре!" Гуфт: "Пас ту аз гурӯҳи бойҳо ҳастӣ!" Он мард гуфт: "Хидматгоре низ дорам." Абдуллоҳ гуфт: "Набошад ту дар ҳисоби подшоҳон ҳастӣ."

Чун Мӯсо (а) неъматҳои бузурги Аллоҳтаъолоро ба қавми худ як-як ёдрас намуд, пас барои шукргузорӣ бори дигар фармудаи Аллоҳро ба онҳо ёдрас кард:

Сураи Моида ояти 21

يَا قَوْمِ ادْخُلُوا الأَرْضَ المقَدَّسَةَ الَّتِي كَتَبَ اللّهُ لَكُمْ وَلاَ تَرْتَدُّوا عَلَى أَدْبَارِكُمْ فَتَنقَلِبُوا خَاسِرِينَ

Йақавми-д-хулу-л-арза-л-муқаддасата-л лати катабаллоҳу лакум ва ла тартадду ъала адбарикум фа танқалибу хосирин. 21.

21. Эй қавми ман, ба Замини поккардашуда, он замине, ки Худо барои шумо онро муқаррар сохтааст, дароед ва ба ҳамон роҳе ки омадаед, боз магардед, ки зиёнкор мегардед!».

Аллоҳ таъоло дар ин оят аз Мӯсо (а) хабар медиҳад, ки ӯ (а) ба қавми худ гуфт, ки эй қавми ман, бо фармони Худо барои шумо иҷозат шуд, ки ба замини Муқаддас дароед. Замини Муқаддас чунон заминест, ки Аллоҳтаъоло ба падари шумо Иброҳим (а) ва барои шахсони боимон, ки баъди ӯ (а) меоянд ваъда додааст. Ҳоло бошад, шумо аз ҷиҳоди фӣ сабилиллоҳ натарсед, аз фармони ман рӯйи гардонида, ба қафо, ба ҳаёти ғуломие, ки доштед, барнагардед! Агар ба фармони ман гӯш надиҳед, хайри дунё ва охиратро аз даст медиҳед ва зиёнкор мешавед. Дар тафсири калимаи «Замини муқаддас» маконҳои бисёреро эзоҳ додаанд.

Лекин саҳеҳтарини маъно мурод аз «Замини муқаддас» Байтулмақдис аст. Яъне Аллоҳтаъоло чунин сарзаминро дар илми азалии хеш тақдиру маскани қавмҳои накӯкоре, ки дар он замон пайрави Мусо (а) буданд, гардонида буд. Зеро онҳо дар он замон накӯкору беҳтарин мардуми давру замони худ буданд. Чун онҳо баъди Мӯсо (а) даст ба фасодкорӣ заданд, Худованд бо василаи бандагони шоистааш онҳоро аз он сарзамин хориҷ намуд. Ҳоло бошад авлоди онҳо дар макру ҳила табоҳкортарин мардуми рӯйи заминанд. Ҳаргиз шоиста нест, ки онҳо дар он ҷойи муқаддас ҳозир бошанд, бар сари онҳо чӣ бало меояд, онро Худо медонад.

Сураи Моида ояти 22

قَالُوا يَا مُوسَى إِنَّ فِيهَا قَوْمًا جَبَّارِينَ وَإِنَّا لَن نَّدْخُلَهَا حَتَّىَ يَخْرُجُواْ مِنْهَا فَإِن يَخْرُجُواْ مِنْهَا فَإِنَّا دَاخِلُونَ

Қолу йа Муса инна фиҳа қавман ҷаббаърина ва инна лан-н надхулаҳа ҳатта яхруҷу минҳа фа ий яхруҷу минҳа фа инна дахилун. 22.

22. Гуфтанд: «Эй Мӯсо, ба дурустӣ ки дар он Замин гурӯҳеанд зӯроварон, мо он ҷо ҳаргиз дохил нашавем, то он ки онҳо аз он ҷо берун раванд. Пас, агар онҳо аз он ҷо берун шаванд, пас, мо дарояндагонем!».

Яҳудиёне, ки худро пайравии Мӯсо (а) меҳисобиданд, бори дигар баъди маслиҳати Мӯсо (а) яҳудияти худро ошкор сохтанд. Яъне онҳо ба Мӯсо (а) гуфтанд, ки эй Мӯсо, оё медонӣ дар Фаластин як қавми зӯроваре (қабилаи амолиқа) маскунанд ва онҳо қоматбаланд буда пайкарҳои тануманд доранд, мо ба онҳо муқовимат карда наметавонем. Ҳар чи онҳо бихоҳанд, мардумро ба он маҷбур месозанд, мо ҳаргиз бо ҷанг дохили он ҷо намешавем, зеро мо бо онҳо тоқати ҷангро надорем. Агар онҳо бидуни ҷанг аз он сарзамин хориҷ шаванд, мо ба онҷо дохил хоҳем шуд. Аммо…

Сураи Моида ояти 23

قَالَ رَجُلاَنِ مِنَ الَّذِينَ يَخَافُونَ أَنْعَمَ اللّهُ عَلَيْهِمَا ادْخُلُواْ عَلَيْهِمُ الْبَابَ فَإِذَا دَخَلْتُمُوهُ فَإِنَّكُمْ غَالِبُونَ وَعَلَى اللّهِ فَتَوَكَّلُواْ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ

Қола раҷулани мина-*л*-*лазина* яхофуна анъамаллоҳу ъалайҳимадхулу ъалайҳиму-*л* баба фа иза дахалтумуҳу фа иннакум ғолибун. Ва ъалаллоҳи фатаваккалу ин кунтумм муъминин. 23.

23. Ду марде аз онҳо, ки Худотарс буданд, Аллоҳ дар онҳо ҳидоятро инъом карда буд, ба онҳо гуфтанд: «Аз роҳи дарвоза дароед, пас чун даромадед, ҳамоно шумо ғолиб ҳастед ва агар муъмин ҳастед, ба Аллоҳ таваккул кунед».

Вақте ки бани Исроил аз тоъати Аллоҳ ва аз фармони Мӯсо (а) сар кашиданд, ду марде, ки Аллоҳтаъоло неъмати бузургашро барои онҳо инъом карда буд, яъне онҳо аз ҷумлаи шахсоне буданд, ки аз оқибати бади иҷро накардани амри Аллоҳ хабар доштанд ва аз иқоби Ӯ таъоло метарсиданд, ба ёрии Мусо (а) шитофта, он қавмро ба иҷрои амри Мӯсо (а) ҳорис кунонда гуфтанд, ки эй қавм, мо ба шумо бо имону ихлос мегӯем, ки аз ҳар роҳи бероҳа дохили шаҳр нашавед, балки ба Худо таваккал кунед ва аз дарвозаҳои шаҳр алайҳи ситамгарони Амолиқа ворид шавед, ба он ваъдаҳое, ки Аллоҳ барои муъминоне, ки доимо ба Аллоҳтаъоло таваккал мекунанд додааст, мерасед ва қатъан пирӯз хоҳед шуд!

Акнун чанд сухан дар бораи таърихи он ду мард. Бо ривояти Ибни Аббос (р) ва Муҷоҳид ва Икрима ва дигарҳо он ду мард Юшаъ ибни Нун ва Колиб ибни Юфано буданд, ки Мӯсо (а) онҳоро қаблан барои омӯхтани вазъияти Фаластин (бо ҳамроҳии 10 нафари дигар, ки онҳоро дувоздаҳнафара мегӯянд) фиристода буд. Онҳоро Нуқабо низ мегӯянд). Дар ҳақиқат, онҳо фармони Мӯсо (а)-ро ба ҷо оварда, ба замини муқаддас рафтанд, шароиту вазъияти он қавми қавиҷуссаро аз наздик омӯхтанд. Онҳое, ки имони ростин доштанд, аз бузургҷуссагии онҳо хавф набурданд, балки қавми худро алайҳи онҳо тезониданд. Ҳатто ба онҳо гуфтанд, ки агар ба Аллоҳ имон дошта бошед, дар ин кор ба Ӯ таваккал кунед, пирӯз мешавед. Аммо суханҳои ин гуна шахсони барӯманди босадоқат ба бани Исроил таъсире накард. Лекин чӣ илоҷ яҳуд яҳуд аст, онҳо ба ҷойи иҷрои амр ба Мӯсо (а) Гуфтанд:

Сураи Моида ояти 24

قَالُواْ يَا مُوسَى إِنَّا لَن نَّدْخُلَهَا أَبَدًا مَّا دَامُواْ فِيهَا فَاذْهَبْ أَنتَ وَرَبُّكَ فَقَاتِلا إِنَّا هَاهُنَا قَاعِدُونَ

Қолу йа Муса инна лан-н-надхулаҳа абада-м ма даму фӣҳа. Фазҳаб анта ва Раббука фа қотила инна ҳаҳуна қоъидун. 24.

24. Гуфтанд: «Эй Мӯсо, (бидон, ки) модоме ки ҷабборон дар он ҷо ҳастанд, мо ҳаргиз он ҷо надароем! Пас, ту ва Парвардигорат биравед ва ҷанг кунед, ба дурустӣ ки мо ин ҷо нишастагонем!»

Бани Исроил, хоҳ аз рӯи тарсончакиашон бошад ё аз рӯйи гарданкашӣ, ба ҳар тақдир ҷасорат намуда, дар посух ба Мӯсо (а) гуфтанд, ки мо ҳаргиз, то даме ки он бузургҷуссаҳо дар он ҷо ҳастанд, дохили он шаҳр намешавем. Агар ҷиҳод даркор бошад, худат ҳамроҳи Парвардигорат рафта ба амолиқиёни бузургҷусса биҷангед. Мо бошем аз ҷойи худ наҷунбида менишинем!

Хулоса, бо ин ё дигар баҳонаҳо онҳо аз ҷиҳоди муқаддас рӯй гардонида, аз ворид шудан ба Замини муқаддас рӯй тофта, хостанд ба Миср бозгарданд.

Ривояте шудааст, ки Мӯсо (а) ва Ҳорун (а) онҳоро бисёр насиҳат доданд ва он ду марде, ки зикрашон дар ояти қаблӣ гузашт, Юшаъ ибни Нун ва Колиб ибни

Юфано назди онҳо ҷома дариданд ва онҳоро бисёр ба ин кори пешгирифтаашон маломат карданад, аммо фоидае набахшид. Тааҷҷуб аз рафтори бани Исроил дар ин аст, ки онҳо ба Мӯсо (а) гуфтанд, ки ту ва Парвардигори ту. Оё Парвардигори Мӯсо (а) Парвардигори онҳо набуд? Онҳо ҳатто аз ақидаи саҳеҳи худ ҳам рӯй гардониданд. Лекин асҳоби Расулуллоҳ (с) ин хел набуданд. Ба таърихи ғазои Бадр рӯй меорем. Чун Расулуллоҳ (с) бо асҳоби худ дар ин хусус машварат ороста гуфтанд: "Ҳоло ғазо ҳатмист, чӣ бояд кард?" Яке аз онҳо Миқдод ибни Амр (р) ба намояндагӣ аз ҷониби ҳамаи онҳо аз ҷойи худ бархост ва гуфт: "Ба Худо савганд, мо мисли бани Исроил нестем, ки бигӯем «Рав ту ва Парвардигорат биҷангед, мо ҳамин ҷо нишастагонем» (ояти 24-уми ҳамин сура), балки мо ҳама дар атрофи ту алайҳи онҳо меҷангем." Дигар ёрон сухани Миқдодро шуниданду тасдиқ намуданд ва барои ҷиҳод омодагии худро эълом намуданд.

Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) мегӯяд: "Дар он асно дидам, ки чеҳраи муборaки Расулуллоҳ (с) шукуфт ва аз шунидани ин гуна суханҳо бисёр хурсанд шуд."

Бозмегардем ба давоми эзоҳи ояти мазкур. Вақте ки бани Исроил гуфтанд, ки мо намеҷангем ва ин ҷо менишинем, барои Мӯсо (а) ба ғайр аз дуъо ва илтиҷо назди Парвардигор, чуноне ки ояти зер мефармояд, дигар чорае намонд.

Сураи Моида ояти 25

قَالَ رَبِّ إِنِّي لا أَمْلِكُ إِلاَّ نَفْسِي وَأَخِي فَافْرُقْ بَيْنَنَا وَبَيْنَ الْقَوْمِ الْفَاسِقِينَ

Қола Рабби инни ла амлику илла нафси ва ахи. Фафруқ байнана ва байна-л-қавми-л-фасиқин. 25.

25. Гуфт (Мӯсо): «Эй Парвардигори ман, молик нестам, магар нафси худро ва бародари худро, пас, миёни мо ва миёни гурӯҳи гунаҳгор ҷудоӣ андоз».

Мӯсо (а) фармони илоҳиро, ки бояд ба Замини муқаддас ҳамроҳи бани Исроил дохил шаванд бо роҳҳои гуногун ба онҳо фаҳмонид ва аз онҳо талаб намуд, ки бояд ин фармони олӣ иҷро шавад, аммо бани Исроил боз ба роҳи яҳудияти худ рафтанд. Яъне Худованд зимни ояти мазкур аз ҳоли Мӯсо (а) хабар медиҳад, ки бо он одобе, ки Пайғамбар Мӯсо (а) дошт, дуъо намуда гуфт, ки эй Парвардигори ман, дар роҳи ёрӣ додани динат ҷуз ихтиёри худ ва бародарам Ҳорун дигар касеро надорам. Ту хуб медонӣ ва шоҳид ҳастӣ, ки қавми ман аз фармони ман сар печидаанд, пас миёни мо ва қавми мо ҷудоӣ бияндоз ва ба он ҷазое, ки онҳо мекашанд, моро шарик магардон, зеро онҳо қавми фосиқанд. Хулоса, Мӯсо (а) барои ҳидояти он қавм ва иҷроиши фармони олӣ аз онҳо талаб намуд, то он ҷо ки тоқат дошт, талош кард. Ӯ худ танҳо монда бошад ҳам дар роҳи имондорӣ дилшикаста нашуд, балки то охир устувор монд. Аллоҳтаъоло дуъои ӯро қабул фармуд, ва ҳукми онҳоро дар ояти зер баён намуд. Ин аст дарси ақидавӣ барои шахсоне, ки дар роҳи имондорӣ танҳо мемонанд.

Сураи Моида ояти 26

قَالَ فَإِنَّهَا مُحَرَّمَةٌ عَلَيْهِمْ أَرْبَعِينَ سَنَةً يَتِيهُونَ فِي الأَرْضِ فَلاَ تَأْسَ عَلَى الْقَوْمِ الْفَاسِقِينَ

Қола фаиннаҳа муҳарраматун ъалайҳим. Арбаъина саната-й ятиҳуна фи-л-арз. Фа ла тааса ъала-л-қавми-л фасиқин. 26.

26. (Аллоҳ) гуфт: «Ҳаройина, бар онҳо чиҳил сол вуруд ба он сарзаминро ҳаром карда шудааст, дар Замин саргардон мешаванд. Пас, бар гурӯҳи гунаҳгор андӯҳнок мабош».

Чун он гурӯҳҳои саркаш яҳудиён аз итоати Мӯсо (а) баромаданд, яъне аз ҷиҳоди алайҳи ситамгарон канор истоданд ва ба Замини муқаддас надаромаданд, Аллоҳ таъоло барои дилкӯбии онҳо дар ин оят ба Мӯсо (а) фармуд, ки акнун муддати 40 сол даромадан ба он сарзамини муқаддас барои онҳо ҳаром гардонида шуд ва дар рӯи Замин онҳо ҳайрону саргардон мемонанд. Дар охири оят Аллоҳтаъоло барои тасаллии Мӯсо (а), фармудааст, ки ай Мӯсо (а), онҳо қавми фосиқанд. Аз он ҷӣ ба онҳо ҳукм карда шуд, ғамгин мабош, зеро онҳо сазоворанд, ки дар ҳаққи онҳо чунин ҷазо ҷорӣ карда шавад. Бо ривояти Саъид ибни Ҷубайр чунин омадааст, ки он қавм дар ин муддат дар як тарафи саҳрои Сино дар мавзеъи бо номи «Тиҳ» дар 270 фарсах дур аз Миср зиндагӣ доштанд. Онҳо дар ин майдон ҳайрону саргардон ба ҳар тараф мерафтанд, вале ҳеҷ набуд, ки аз он хориҷ шаванд. Онҳо тӯли ин 40 сол ҳар рӯз бомдодон ба роҳ мебаромаданд. Ҳеҷ вақт оромӣ надоштанд, гӯё атрофи онҳо ҳисоре буд, ки даруни он то бегоҳ давр мезананд. Агар сафар ҳам мекарданд, медиданд, ки ба ҷои аввалаашон баргаштаанд. Аммо Мӯсо (а) ва Ҳорун (а) аз ин гуна ҳайронӣ халос буданд ва вазифаи пайғамбарии худро идома медоданд.

Хулоса, бо ривояти Ибни Аббос (р), Мӯсо (а) ва Ҳорун (а) ва касоне, ки умрашон аз 40 гузашта буд, дар ин муддати 40 сол дар саҳрои Тиҳ аз даромадан ба Замини муқаддас бенасиб ҳама даргузаштанд. Юшаъ ибни Нун, ки баъди Мӯсо (а) роҳбарии он қавмро ба ӯҳда дошт, авлоди боқимондаи онҳоро ба ҷиҳоду дохил шудан ба замини муқаддас фаро хонд ва бо истифода аз он дарсҳое, ки назди Мӯсо (а) хонда буд, бо ёрии Худованд Фаластинро фатҳ намуд.

Қиссаҳои Қуръонӣ фақат барои ёдоварӣ, ё барои тасаллӣ набуда, балки аз онҳо ибрат бояд гирифт. Дар воқеъ, мусулмонони ҳамасри Расулуллоҳ (с) айнан дар ғазои Бадр, чуноне ки дар эзоҳи ояти 24-ум дар ин хусус сухан рафт, садоқати худро исбот намуданд. Яъне, вақто ки мусулмонон дар ғазои Бадр бо мушрикони Макка рӯ ба рӯ омаданд, дар ҳақиқат адади мусулмонон нисбати мушрикҳо хеле кам буд. Ин камии мусулмонон сабаб шуд, ки ба ғайрати мушрикҳо боз ғайрат зам шавад. Дар он шароит дар дили мусалмонҳо як навъ хавф ҳам пайдо шавад. Аз эҳтимол дур набуд, ки Пайғамбар (с) инро ҳам андеша карда бошанд. Аммо асҳоби кором аз худ ғайрат нишон дода, ба Расулуллоҳ (с) гуфтанд, ки шумо ҳамроҳи Парвардигор алайҳи онҳо биҷангед, мо ҳам ҳамроҳ дар паҳлӯи шумо алайҳи онҳо меҷангем. Дар ҳақиқат, байни асҳоби Мӯсо (а), ки худро дӯстону, наъузанбиллоҳ, фарзандони Худо метарошиданд ва асҳоби Пайғамбари охируззамон фарқ аз Замин то осмон аст.

Дар оятҳои зер саргузашти ду писари Одам (а) баён мешавад, ки рафторашон ба кирдори яҳудиҳо монанд буд.

Сураи Моида ояти 27

وَاتْلُ عَلَيْهِمْ نَبَأَ ابْنَيْ آدَمَ بِالْحَقِّ إِذْ قَرَّبَا قُرْبَانًا فَتُقُبِّلَ مِن أَحَدِهِمَا وَلَمْ يُتَقَبَّلْ مِنَ الآخَرِ قَالَ لَأَقْتُلَنَّكَ قَالَ إِنَّمَا يَتَقَبَّلُ اللّهُ مِنَ الْمُتَّقِينَ

Ватлу ъалайҳим набаабнай Адама би-л-ҳаққи из қарраба қурбанан фа туқуббила мин аҳадиҳима ва лам ютақаббал мина-л-ахари қола ла ақтуланнака қола иннама ятақаббалуллоҳу мина-л-муттақин. 27.

27. Ва хабари ду писари Одамро бар онҳо ба ростӣ бихон, чун қурбонӣ карданд қурбониеро, пас, аз яке аз ин ду қабул карда шуд ва аз дигаре қабул карда нашуд. Гуфт: «Ҳаройина, туро бикушам!». Гуфт: «Ҷуз ин нест, ки Аллоҳ (курбониро)аз парҳезгорон қабул мекунад».

Агар чанде дар ояти мазкур зикри номи ду писари Одам (а) наомада бошад, ҳам лекин дар аксари тафсирҳо номи Қобил ва Ҳобилро зикр намуданд. Қурбонӣ ибодат, ё кореро гӯянд, ки бо василаи он инсон мехоҳад ба Худо наздик шавад. Хоҳ забҳи ҳайвоне бошад, ё тақдими садақоте. Аллоҳтаъоло зимни ояти мазкур Пайғамбари худ, Муҳаммад (с)-ро амр намудааст, ки ай Пайғамбари мо, ба ростӣ бар ин қавме, ки ботинаш пур аз кинаву ҳасад аст, саргузашти ду писари Одам (а)-ро, ки аз рӯйи ҳасад якеи онҳо ба мақсад нарасида саргардони дунё ва охират шуд, қисса куну ба онҳо оқибати ҳасадро хабар деҳ!

Назди ҷумҳури муфассирон, аз он ҷумла Саддӣ аз Ибни Молик ва дар охир аз Ибни Масъуд ва аз дигар асҳоби Расулуллоҳ (с) низ ривоят кардаанд, ки ҳамсари Одам (а), яъне Момо Ҳавво одатан ҳар бор ду фарзанд таваллуд мекард, албатта, онҳо дуто буданд: яке писар ва дигаре духтар. Мувофиқи шариати он давр духтари аз шиками аввал таваллудшударо ба писаре, ки аз шиками баъдӣ таваллуд мешуд, издивоҷ кунонида, ва духтари шиками баъдиро ба писари шиками аввал ба занӣ медоданд. Яъне бояд, ки хоҳари Қобил ба Ҳобил ва хоҳари Ҳобил ба Қобил дода мешуд. Қобил кишоварз буд ва Ҳобил чорводор. Хоҳари Қобил нисбат ба хоҳари Ҳобил хушсурат буд. Ҳобил талаб намуд, ки хоҳари Қобилро ба занӣ гирад. Қобил бошад гуфт, ки не, ин хоҳари ман аст, ҳамроҳи ман таваллуд шудааст, ӯ аз хоҳари ту хушрӯйтар аст, ман нисбат ба ту калонам, бояд ман ӯро издивоҷ кунам. Хоҳиши падарашон, Одам (а), он буд, ки ӯро ба Ҳобил ҳамсарӣ кунад. Дар ин сурат ҳам Қобил розӣ нашуд. Қисса кӯтоҳ, Одам (а) он дуро фармуд, ки ҳоло байни шумо низоъ пайдо шуд, пас бояд, шумо назди Худованд қурбонӣ кунед. Қурбонии касе аз шумо қабул шавад, он духтари зебо аз они вай бошад. Ривоят шудааст, ки қурбонии Қобил дастае аз хӯшаҳои пасттарини гандум буд, зеро шуғли ӯ кишоварзӣ буд ва қурбонии Ҳобил беҳтарин гӯсфанде буд, зеро ӯ чорводор буд. Чуноне ки Авфӣ аз Ибни Аббос (р) ривоят кардааст, дар он замон мискине набуд, то қурбонии худро бар он мискинҳо сарф кунанд. Чун ҳарду

нишаста буданд, гуфтанд, ки агар мо қурбонӣ кунему Аллоҳ розӣ бошад, оташеро мефиристад ва онро мехӯрад. Агар розӣ набошад, оташ онро боқӣ мегузорад. Дар ин асно оташе аз осмон фуруд омад, гӯсфандро хӯрд, аммо дастаи хӯшаҳои гандум ҳамчунон боқӣ монданд, яъне қурбонии Ҳобил пазируфта шуд ва онро ба Биҳишт боло бурд. Аммо қурбонии Қобил мавриди қабул қарор нагирифт.

Боз ҳасади Қобил ба Ҳобил зиёдтар шуд. Писари Одам (а) ба бародари худ гуфт, ки ту ба назди мардум меравӣ ва онҳо бохабар хоҳанд шуд, ки ту қурбонӣ кардӣ ва он қурбонӣ аз ту қабул шудаасту аз ман не? Қасам ба Аллоҳ, нашавад, ки мардум ба сӯйи ман чунон нигоҳ кунанд, ту аз ман беҳтар бошӣ. Акнун ман туро ҳатман ин ҷо мекушам. Бародараш ба ӯ гуфт: Барои чӣ? Гуноҳи ман чист? Ӯ гуфт: Чунки қурбонӣ аз ту қабул шуду аз ман не. Бародараш гуфт: Худованд қурбонии худотарсеро, ки амалашро холис барои Ӯ анҷом медиҳад, мепазирад, инҷо айби ман чӣ? Хулоса, баъди ин ҳодиса, ҳасадаш боло гирифту бештар шуд.

Ояти зер қиссаро давом медиҳад.

Сураи Моида ояти 28

لَئِن بَسَطتَ إِلَيَّ يَدَكَ لِتَقْتُلَنِي مَا أَنَاْ بِبَاسِطٍ يَدِيَ إِلَيْكَ لَأَقْتُلَكَ إِنِّي أَخَافُ اللّهَ رَبَّ الْعَالَمِينَ

*Ла ин басатта илайя ядака ли тақтулани ма ана би басити-й ядия илайка ли ақтулак. Инни ахофуллоҳа Рабба-л-ъаламин. 28.*

28. (Бародари хурдӣ гуфт:) «Агар ба сӯйи ман дасти худро дароз кунӣ, то маро бикушӣ, ман дасти худро ба сӯйи ту, то туро бикушам, дарозкунанда нестам. Ҳаройина, аз Аллоҳ, ки Парвардигори оламиён аст, метарсам.

Мувофиқи раъйи Имом Замахшарӣ Ҳобил нисбат ба Қобил зӯртар буд, лекин ба Қобил гуфт: "Ман аз Худо тарсида қатли бародари худро ҳараҷ медонам. Агар барои куштани ман дастдарозӣ кунӣ, ман ин амали номашрӯъро намекунам, инро бояд донӣ, ки ман аз ту наметарсам ва дар қувват аз ту оҷиз ҳам нестам, балки аз Худо метарсам, зеро Ӯ таъоло, Парвардигори тамоми оламҳост. Оре, шахсе, ки аз Худо метарсад, ба содир кардани гуноҳ, ба хусус ба гуноҳи кабира иқдом намекунад". (тафсири «Кашшоф»,1/485).

Зимни ин оят Аюби Сахтиёнӣ мегӯяд: "Аввалин касе, ки ба мазмуни ояти мазкур амал намуд, Усмон ибни Аффон (р) буд". Замоне ки дар давраи хилофати Усмон (р) фитна оғоз шуд, Саъд ибни Абиваққос (р) гуфтаанд, ки дар хусуси ин ҳодиса Расулуллоҳ (с) чӣ гуфтанд, ман наздашон ҳозир будам ва ман дар ин шоҳидам. Номбурда мегӯяд, ки Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Ҳамоно ҳодисае ба зуди рӯй хоҳад дод. Дар он шахси нишаста беҳтар аст аз шахси истода ва шахси истода беҳтар аст аз шахси раванда ва шахси раванда беҳтар аст аз шахси шитобанда". Гуфтам: Ё Расулаллоҳ, агар ман дар хонам нишаста бошаму шахсе дар сурати муҳоҷим қасди ҷони ман кунад чӣ? Фармуданд: "Дар он сурат монанди фарзанди Одам (а) Ҳобил бош!"

Баъзе аз муфассирон бо истифода аз мазмуни ин ҳадиси шариф ва ояти мазкур, тарки дифоъ аз нафс (ҷон)-и худро авло (беҳтар) донистаанд. Аммо мувофиқи қавли саҳеҳ, бо иттифоқи ҷумҳури уламо дифоъ аз худ дар чунин ҳолатҳо низ воҷиб аст. Чуноне ки дар сураи «Бақара», ояти 251 зикр шуд, агар Худованд баъзе аз мардумро бо баъзеашон дафъ накунад, фасод рӯйи оламро фаро мегирад. Бо ин мазмун дифоъ аз худ низ наҳӣ аз мункар асту воҷиб. Аммо фаромӯш набояд кард, ки ин маънои онро надорад, ки тарафайн барои резонидани хуни ҳамдигар ҳорис бошанд, чуноне ки дар "Саҳеҳайн", дар ҳадиси Расулуллоҳ (с) омадааст, ин ҳукми дигар дорад: "Изо тавағҷаҳа муслимони би сайфайҳимо фал қотилу вал мақтулу фин-нори" ҳар вақто ду мусалмон бо кордҳои худ барои куштани ҳамдигар рӯ ба рӯ шаванд, яке дигареро кушад, ҳардуяшон дохили нор мешаванд. Асҳоб гуфтанд: Ё Расулаллоҳ: Қотил-ку дохили нор мешавад, аммо мақтул (кушташуда) чаро дохили нор шавад? Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Кушташуда ҳам барои резонидани хуни кушандааш ҳорис буд."

Хулоса, ҳар амал вобаста ба ният аст. Давоми қиссаро бо ҳам бихонем:

Сураи Моида ояти 29

إِنِّي أُرِيدُ أَن تَبُوءَ بِإِثْمِي وَإِثْمِكَ فَتَكُونَ مِنْ أَصْحَابِ النَّارِ وَذَٰلِكَ جَزَاءُ الظَّالِمِينَ

Инни урӣду ан табуа би исми ва исмика фа такуна мин асҳаби-н-нар. Ва залика ҷазиу-з-золимин. 29.

29. Ҳаройина, мехоҳам, ки (ҳам) уқубати гуноҳи манро ва ҳам уқубати гуноҳи худро бибарӣ, пас, ту аз аҳли Дӯзах бошӣ. Ва ин аст ҷазои ситамгарон».

Ҳобил суханашро идома дода, ба бародари худ, Қобил, гуфт: «Ҳоло ки ту аз Худо натарсида, ба қатли ман тасмим гирифтаӣ, бидон ки вуболи куштани маро бар дӯши худ гирифтанӣ ҳастӣ. Маълумат бод, ки албатта, гуноҳи куштани маро мегирӣ ва он гуноҳҳое, ки пеш аз куштани ман муртакиб шудаю қурбонии ту қабул нашуд ва гуноҳи он буғзу ҳасаде, ки ба ман доштӣ ва гуноҳи он нофармоние, ки ба волидайнамон намудӣ, хоҳи нахоҳӣ мебардорӣ! Инро бояд донӣ, ки бо анҷом додани чунин гуноҳҳо ту аз аҳли Дӯзах ҳастӣ. Зеро Дӯзах барои сазову ҷазои чунин ситамгорон аст.»

Афсӯс, насиҳатҳои Ҳобил ба Қобил мақбул науфтод, зеро шахсе, ки рафтораш доимо нодуруст бошад, чунин насиҳатҳо ба ӯ таъсир намекунад. Қобил, ки ба насиҳатҳои бародари худ гӯш фаро надоду тобеъи ҳавои нафси худ шуд, кореро анҷом дод, ки ояти зер онро баён мекунад:

Сураи Моида ояти 30

فَطَوَّعَتْ لَهُ نَفْسُهُ قَتْلَ أَخِيهِ فَقَتَلَهُ فَأَصْبَحَ مِنَ الْخَاسِرِينَ

Фа тавваъат лаҳу нафсуҳу қатла ахӣҳи фа қаталаҳу фа асбаҳа мина-л-хосирӣн. 30.

30. Пас, нафси ӯ куштани бародарашро, дар назараш осон нишон дод, пас, ӯро бикушт, пас, аз зиёнгарон гашт.

Зимни ояти мазкур бо кадом асбоб Қобил Ҳобилро кушт ишорае нашудааст, локин ривоятҳо бисёр аст. Гурӯҳе мегӯянд бо оҳане, ки дар даст дошт, ӯро кушт, гурӯҳе мегӯянд сарашро бо санг майда кард. Хулоса, бо васвоси шайтон куштани бародараш дар назари ӯ бисёр осон менамуд. Бо ҳавои нафси аммораи худ дода шуду бародари худро ба қатл расонид. Давоми ояти мазкур фармудааст, ки бо иртикоби ин кори гуноҳ Қобил аз ҷумлаи зиёнгарон ҳисобида шуд. Зеро ӯ аввалин шахсест, ки суннати саййиа(бад)-ро дар рӯйи олам байни фарзандони Одам (а) одат кунонид. Оре! Ошкоро дар дунё зиён диданаш он аст, ки бародари худ, қувваю бозуи худ, ёвар ва насиҳатгари худро аз даст дод. Дар охират бошад, чуноне ки Имом Аҳмад аз Аъмаш ва дар охир аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят мекунад, ин аст, ки ҳар инсоне, дар дунё зулман кушта мешавад, ҳиссае аз он гуноҳ мисли гуноҳи кушанда ба фарзанди Одам (а) (Қобил) ва шайтон низ мерасад. Зеро ӯ аввалин шахсест, ки куштани инсонро аз сӯйи инсон бо васвасаи шайтон одат кунонид.

Аллоҳ таъоло баъди ҷиноят оҷиз будани қотилро дар ояти зер нишон дода, ба ӯ дарси ҳасратро омӯхт.

Сураи Моида ояти 31

فَبَعَثَ اللّٰهُ غُرَابًا يَبْحَثُ فِي الأَرْضِ لِيُرِيَهُ كَيْفَ يُوَارِي سَوْءةَ أَخِيهِ قَالَ يَا وَيْلَتَا أَعَجَزْتُ أَنْ أَكُونَ مِثْلَ هَـٰذَا الْغُرَابِ فَأُوَارِيَ سَوْءةَ أَخِي فَأَصْبَحَ مِنَ النَّادِمِينَ

Фа баъасаллоҳу ғуроба-йябҳасу фи-л-арзи ли юрияҳу кайфа ювари сав-ата ахиҳ. Қола йа вайлата а-ъаҷазту ан акуна мисла ҳаза-л-ғуроби фа увария сав-ата ахӣ. Фа асбаҳа минан-н-надимин. 31.

31. Пас, Аллоҳ зоғеро, ки заминро мекофт, то ба ӯ нишон диҳад, ки чӣ гуна ҷасади бародари худро бипӯшад, фиристод. Гуфт: «Эй вой бар ман, оё аз он (ҳам) оҷиз шудам, аз он ки монанди ин зоғ бошам». Пас, бипӯшид ҷасади бародари худро, пас аз ҷумлаи пушаймоншудагон гашт.

Аз мазмуни ояти мазкур чунин маълум мешавад, ки чун фарзанди Одам (а) бародари худро ба қатл расонид, то ҳол ки расми гӯр кофтану дафни майит набуд, чӣ кор карданашро надонист. Ҳатто дар хаёлаш наомад, ки мурдаро бояд гӯронад. Доир ба ин ривояти бисёр аст. Яке аз онҳо муфассир Саддӣ (р) бо исноде, ки ба саҳобагон (р) мерасонад гуфтааст, ки чун Ҳобил маргро чашид, Қобил ӯро ба саҳро партофт ва чи хел дафн кардани ӯро надонист. Дар ҳамин асно барои таълими ӯ Аллоҳ таъоло ду зоғе, ки бо ҳам бародар буданд, назди ӯ фиристод ва

онҳо бо ҳам ҷангиданд, яке дигареро кушту гӯре кофт ва ҷасади бародари мурдаи худро ба он андохту болои ӯро бо хок пӯшид. Вақто ки Қобил ин ҳолатро дид, ба худаш нафраташ омада гуфт: «Эй вой (нобудӣ) бар ман бод! Оё ман ин қадар оҷиз ҳастам, ки ҳатто монанди ин ду зоғ ҷасади бародари худро таги хок карда натавонам?»

Хулоса, вақто ки ақли худро ҳатто баробари як парранда надид, ин мояи таассуфи ӯ шуду басо пушаймон гардид ва бо афсӯсу андӯҳу надомати чандон ҷасади бародари худро ба хок супорид. Чун Одам (а) марги писари худро шунид, бо ривояти Солим ибни Абиҷаъд муддати 100 сол андӯҳ гирифту ҳеҷ нахандид.

Сураи Моида ояти 32

مِنْ أَجْلِ ذَلِكَ كَتَبْنَا عَلَى بَنِي إِسْرَائِيلَ أَنَّهُ مَن قَتَلَ نَفْسًا بِغَيْرِ نَفْسٍ أَوْ فَسَادٍ فِي الأَرْضِ فَكَأَنَّمَا قَتَلَ النَّاسَ جَمِيعًا وَمَنْ أَحْيَاهَا فَكَأَنَّمَا أَحْيَا النَّاسَ جَمِيعًا وَلَقَدْ جَاءتْهُمْ رُسُلُنَا بِالبَيِّنَاتِ ثُمَّ إِنَّ كَثِيراً مِّنْهُم بَعْدَ ذَلِكَ فِي الأَرْضِ لَمُسْرِفُونَ

Мин аҷли залика катабна ъала бани Исроила аннаҳу ман қатала нафсан би ғайри нафсин ав фасадин фи-л-арзи фа ка аннама қатала-н-наса ҷамиъа-в ва ман аҳйаҳа фа ка аннама аҳя-н-наса ҷамиъа. Ва лақад ҷаатҳум русулуна би-л-баййинати сумма инна касира-м минҳум баъда залика фи-л-арзи ла мусрифун. 32.

32. Аз барои ҳамин барои бани Исроил навишта кардем, ба дурустӣ ки шахсе касеро ба ғайри иваз ва ба ғайри фасод дар рӯйи Замин бикушад, пас, ҳамчунон аст, ки ҳама мардумро кушта бошад. Ва ҳар касе сабаби зиндагии касе шуд, пас ҳамчунон бошад, ки ҳама мардумро зинда сохта бошад. Ва ҳаройина, ба сӯйи бани Исроил фиристодагони Мо бо нишонаҳои равшан омаданд, боз ҳам бисёре аз онҳо дар рӯйи Замин таҷовузкунандагонанд.

Баъди баёни ҳикояи яке аз саҳифаҳои фоҷеъабори китоби сарнавишти инсон, ки он дар таърих, кушта шудани аввалин инсон аз тарафи инсон боқӣ мемонад, Аллоҳ таъоло дар ояти мазкур хулосаи он қисса ва ҷазои қотилро барои инсонҳое, ки баъд меоянду даст ба чунин кор мезананду дар охир пушаймон мешаванд, иброз намуда, фармудааст, ки сабаби он ҳодисае, ки байни ду фарзанди Одам (а) гузашт, амале буд аз шумори кори фасод. Яъне қасдан кушта шудани инсони бегуноҳ аз сӯйи инсон бо ҳамин оғоз ёфт. Барои пеши роҳи чунин фасодро гирифтан мо барои бани Исроил ҳамчун шариъат ҳукм намудем, ки ҳар инсоне инсони дигарро бе ивази ҳеҷ кору ҳеҷ чиз ба қатл расонад, яъне бе он, ки мақтул дар аввал касеро кушта бошаду бар ӯ қасос лозим шуда бошад, ё бе он, ки ӯ дар рӯйи Замин фасод мисли роҳзанӣ, ё зино карда бошад, ё амале карда бошад, ки мувофиқи шариъат ҳукми ӯ қатл бошад, яъне шахсеро зулману қасдан кушад, гӯё ҳамаи мардуми рӯи заминро кушта аст.

Муфассир Муҷоҳид гуфтааст: "Касе, ки билфарз тамоми мардуми рӯйи заминро кушад, Аллоҳтаъоло ҷазои чунин шахсро Ҷаҳаннам қарор дода, бар ӯ хашм гирифта, ӯро лаънат карда азоби бузургеро барояш омода сохтааст. Агар як муъминро қасдану зулман кушад ҳам, ҷазои ӯ ҳамин андоза хоҳад буд."

Дар давоми оят баракси он чи гузашт, Аллоҳ таъоло фармудааст, ки шахсе барои бақо ва ҳаёти шахсе сабаб шавад, яъне шахсе шахси дигарро агар қатлаш воҷиб шуда бошад, аз хуни ӯ даргузарад ё аз ғарқ шудан ё аз сӯхтан, хулоса аз вартаи нобудӣ ӯро нигоҳ дорад, подоши вай чунон калон аст, ки гӯё ҳамаи мардумро наҷот додааст. Шайх Саъди дар ин мазмун фармудааст:

Бани Одам аъзои як пайкаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор…

***(Саъдӣ)***

Вақто ки душманон хостанд Расулалоҳ (с) ва асҳобашонро аз байн баранд. Аллоҳтаъоло дар ҷумлаи охири ояти мазкур бо тасаллӣ хабар додаст, ки ҳарчи қадар мо барои бани Исроил дар ин хусус бо таъкиди дилкӯбкунанда хабар дода, барои онҳо ҳатто фарз гардонидем, ки даст ба чунин гуноҳи бузург назананд, мутаассифона бисёре аз онҳо дар рӯйи Замин тундравӣ намуда дар резонидани хуни мардум бисёр исрор намуданд ва аз гуноҳи бузург будани чунин кори нангин ҳеҷ парво накарданд. Ҳатто дар куштору хунрезӣ ба расиданд, ки баъзе пайғамбаронро, ки бо муъҷизаҳои ошкоро омада буданд, онҳоро низ куштанд.

Хулоса, ҳукми ояти мазкур агарчи ом бошад ҳам, локин тахсиси бани Исроил дар ин ҷо баҳри он аст, ки онҳо аввалин қавме ҳастанд, ки ваъиди илоҳӣ дар мавриди қатли нафс бар онҳо нозил шудааст. Зеро бо ҳукми Таврот онҳо амал накарданд. Дар ояти зер Аллоҳ таъоло ҷазои роҳзанҳоро баён мекунад.

Сураи Моида ояти 33

إِنَّمَا جَزَاءُ الَّذِينَ يُحَارِبُونَ اللَّهَ وَرَسُولَهُ وَيَسْعَوْنَ فِي الأَرْضِ فَسَادًا أَن يُقَتَّلُواْ أَوْ يُصَلَّبُواْ أَوْ تُقَطَّعَ أَيْدِيهِمْ وَأَرْجُلُهُم مِّنْ خِلافٍ أَوْ يُنفَوْاْ مِنَ الأَرْضِ ذَلِكَ لَهُمْ خِزْيٌ فِي الدُّنْيَا وَلَهُمْ فِي الآخِرَةِ عَذَابٌ عَظِيمٌ

Иннама ҷазиу-л-лазина юҳарибуналлоҳа ва расулаҳу ва ясъавна фи-л-арзи фасадан ай юқатталу ав юсаллабу ав туқаттаъа айдӣҳим ва арҷулуҳум-м мин хилафин ав юнфав мина-л-арз. залика лаҳум хизюн фи-д-дунйа ва лаҳум фи-л ахирати ъазабун Ъазим. 33.

33. Ҷуз ин нест ҷазои касоне ки бо Аллоҳ ва ба расули Ӯ ҷанг мекунанд ва дар Замин бо қасди фасод мешитобанд, он гоҳ (дастгир шуданд) кушта шаванд ё ба дор овехта шаванд, ё дастҳояшон ва пойҳояшонро аз хилофи якдигар бурида шавад, ё (онҳоро) аз Замин (ватан) дур карда шавад, ин барои онҳо дар дунё расвоист ва дар охират азоби бузург барои онҳост.

Сабаби нузули ояти мазкурро бо ривояти Ибни Ҷарир ва Язид ибни аби Ҳабиб ва дигарон чунин ихроҷ кардаанд, ки Абдулмалик ибни Марвон мактубе ба Анас Ибни Молик (р) навишта, аз ӯ ҳукми ояти мазкурро пурсидаанд, ки зери ҳукми ояти мазкур кадом тоифа дохил аст ё кадом гурӯҳ сабаби нозил шудани ин оят гардидааст? Анас (р) дар ҷавоб ба ӯ навишт, ки ин оят дар шаъни гурӯҳе аз қабилаи Уранийине, ки аз Ислом рӯй гардонда муртад шуда, шутурбонҳоро ба қатл расониданду шутурҳоро бо амволашон ба яғмо бурданд, нозил шудааст. Ба ҳар тақдир, валлоҳу аълам, мазмуни ояти мазкур ҷазои шахсонеро, ки дар рӯйи замин даст ба фасодкорӣ мезананд, яъне муқобили шариъати фармудаи Аллоҳ таъоло ва муқобили дину пайғамбару дӯстони Ӯ таъоло мубориза мебаранду меҷанганд, ё муфсиди фил арз шуда роҳзанӣ намуда, хуни мардуми бегуноҳро мерезанд, баён мекунад. Ҷазои чунин шахсонро матраҳ месозад, ки онҳоро дастгир намуда кушта, ё барои ибрати дигарон бар дор овехта, ва ё дастҳо ва пойҳои онҳоро хилофи якдигар, яъне дасти росту пойи чапашон ё бар акси ин бурида шавад. Ё ин ки чунин боғиҳоро аз шаҳри худ ба дигар макон бадарға карда шавад, то ин ки як умр натиҷаи расвогии худро чашанд. Ин аст ҷазои чунин расвоҳо дар ин дунё ва боз барои онҳо дар охират азоби бузург, яъне оташи ҷаҳаннамро Аллоҳ таъоло омода сохтааст.

Хулоса, Қуръони карим дар ин масъала дари иҷтиҳодро кушода, имкониятро фароҳам оварда, барои уламое, ки ба дараҷаи иҷтиҳод расидаанд, имконият додаст, ки онҳо дар ин масъала баҳс кунанд ва фикрҳои худро гӯянд.

Ихтиёри олимони мазҳаби ҳанафӣ, шофиъӣ ва ҳанбалиҳо дар ҳалли ин масъала мувофиқи ихтиёри Ибни Аббос (р) аст, ки ҷинояти ин гуна роҳзанҳоро аниқ намуда, мувофиқи ҷинояти содир кардаашон чора дида шавад. Яъне ҷазои гурӯҳи роҳзанҳое, ки мусаллаҳанд, чун дастгир карда шаванд, чаҳор навъ аст:

1. Агар роҳзанӣ намуда, инсонеро ба қатл расонида бошанд, чун дастгир шуданд, бе қайду шарт онҳо кушта мешаванд.

2. Агар инсонеро куштаю молу мулки ӯро гирифта бошанд, чун ба даст афтоданд, онҳоро аввалан кушта, баъдан ба дор зада мешаванд.

3. Агар инсонро накушанд, локин молҳояшро ғораткунанд, дар ин сурат ба буридани дасти рост ва пойи чап ё баракс ҷазо мегиранд.

4. Агар таҳдиди шадид кунанд, локин то ҳол на инсонеро куштаанду на молеро гирифтаанд, дар чунин сурат ҷазои онҳо аз ватанашон бадарға кардан аст.

Ин аст ҷазои чунин шахсони расвошудаи харобкор дар ин дунё. Аммо чунин шахсони ҷиноятпеша бо ин гуна ҷазои дунявӣ халос намешаванд, зеро давоми ояти мазкур фармудааст, ки аз ин ҳам ҷазои сахти доимӣ дар охират барои онҳо омода шудааст ва ору номуси охират нисбат ба дунё ба маротиб зиёд аст. Агар тоифае қувату аслиҳа пайдо карда, ба роҳзанӣ машғул шуда, чуноне ки гузашт, даст ба ғорату куштори мардуми бегуноҳ зананд, мувофиқи шариъати Ислом фикри баъзеи уламо ин аст, ки подшоҳ мефармояд то онҳоро дастгир кунанд. Чун ба даст зинда афтоданд, ҷинояти онҳоро исбот намуда, назди ҷамъият маълумот медиҳанд ва дар назди онҳо ҳукми онҳоро қироат намуда, баъдан чора мебинанд.

Баъзе уламо гуфтаанд, ки чунин ҷинояткоронро зинда дар дор зада мешавад ва ба онҳо ҳар замон найза халонда, бо зарби чунин азобҳо рӯйи Замин ва мардумро аз ин гуна маразҳо пок кунонида мешавад, то сулҳу адолати давлатдорӣ барқарор ва мардум дар ҳимояи чунин подшоҳи одил дар амну ороми зиндагӣ кунанд.

Анкун мухтасаран қиссаи қабилаи Уранийин бо иттифоқи аксари уламо (р) мисли Абӯ Довуд, Тирмизӣ, Насоӣ ва Ибни Мурдавия ва дар охир аз Анас ибни Молик (р) чунин омадааст, ки гурӯҳи 7-8 нафарае аз қабилаи Уранийин аз Баҳрайн, назди Расуллулоҳ (с) омада, Исломи худро зоҳир сохта, аз он беморие, ки ба ишками онҳо сироят карда буд, шикоят намуданд. Рангҳои онҳо зард шудаву шикамҳои онҳо варамида буд. Расуллулоҳ (с) онҳоро ба хориҷи мадина ба он ҷойе, ки шутурҳои барои садақот ҷудо шуда нигоҳ дошта мешуданд ва нигаҳбон доштанд, фиристод, то барои муолиҷаи худ аз пешобу аз шири он шутурҳо бинӯшанду сиҳат ёбанд. Дар ҳақиқат, чуноне ки Расуллулоҳ (с) фармуда буд, ба он ҷо рафтанд ва дастури гирифтаро иҷро намуданд, рангҳояшон барқарор шуд ва варами шикамашон нест шуд. Бадбахтона, баъди сиҳат ёфтан онҳо аз Ислом рӯй гардонда муртад шуданд. Яъне онҳо нигаҳбонҳои шутуронро куштанд ва ҳамаи шутурҳоро ба яғмо бурданд. Локин корашон барор накард. Расуллулоҳ (с) аз ин ҳодисаи нангин хабар ёфт ва дар пайи онҳо одам фиристод. Онҳо ҳангоми расидан ба наздики ватани худ дастгир шуданд. Онҳоро ба назди Расуллулоҳ (с) ҳозир намуданд, ҳамаи онҳо «муфсиди фил арз» фасодкор дар замин шинохта шуданд. Расуллулоҳ (с) барои ин гуна носипосони кӯрнамак ҷазои олӣ таъин фармуд. Расуллулоҳ (с) фармуд дасту пояшонро ба хилофи якдигар (дасти росту пойи чап ва дасти чапу пойи рост) бориданд, аз чашмҳо бенасиб шуданд ва ба регистони тасфон то дами фавт партоб шуданд.

Боз ривоятҳои дигаре бо ин мазмун вуҷуд дорад. Ба ҳар тақдир, ингуна ҷинояткорҳо, чуноне ки ояти зер мефармояд, танҳо бо як роҳ метавонанд худро наҷот диҳанд.

Сураи Моида ояти 34

إِلاَّ الَّذِينَ تَابُواْ مِن قَبْلِ أَن تَقْدِرُواْ عَلَيْهِمْ فَاعْلَمُواْ أَنَّ اللّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ

Илла-л-лазина табу мин қабли ан тақдиру ъалайҳим фаъламу анналлоҳа Ғафуру-р-Раҳим. 34.

34. Магар касоне, ки пеш аз он ки бар онҳо қодир шавед, тавба карданд. Пас, бидонед, ки Аллоҳ омурзандаву меҳрубон аст.

Аллоҳ таъоло бо меҳрубонии Худ роҳи наҷоти чунин тоифаи фасодкор дар заминро дар ин ояти мазкур баён намуда, бо истисно фармудааст, ки агар онҳо пеш аз он, ки дастгир шаванд, сари инсоф омада, аз корҳои худ пушаймон шаванд, нодуруст будани касбу кори худро фаҳманд ва ба қонунҳои Ислом рағбат кунанд, аз чунин ҷазои олӣ дар оғӯши Ислом дар амон мемонанд. Яъне аз он

ҳудудҳои қатъие, ки Ислом дар ҳаққи онҳо муайян кардааст, ба ҷуз ҳаққи мардум аз ҳаққуллоҳ халос мешаванд ва ба ҳеҷ банди муҷозоте, ки дар ояти қаблӣ муайян шуда буд, гирифтор намешаванд. Зеро Аллоҳ таъоло дар давоми ояти мазкур бо таъкид фармудааст, ки ай мардум, донед, ки Аллоҳ таъоло бисёр омурзандаву бисёр раҳмхори бандагони Худ аст. Яъне тавбаи бандагони Худро, хусусан тавбаи роҳзанҳои пушаймоншуда ва ба айбҳои худ иқроршударо мебахшад ва бо раҳмати Худ онҳоро барои он гуноҳҳои содиркардаашон азоб намекунад.

Дар қатори дигар ҳукмҳои шаръӣ чунин қонуни ҷазодиҳӣ барои фасодкорон дар замин дар асри Расуллулоҳ (с) ба ҳукми иҷро даромад. Ҳама мардум худро дар фазои озодӣ ҳис мекарданд. Ҳатто дар чӯлҳои бе карон гӯсфандони худро мечаронданд. Ба ғайри ҳуҷуми гург дигар аз ҳеҷ чиз хавфе надоштанд. Ҳатто аз Санъо ба Ҳазаралмавт ба танҳоӣ шахсе сафар мекард ва аз ҳеҷ чиз бим надошт. Ҳол он ки пеш аз Ислом бисёр бо машаққатҳо сафар мекарданд. Ин аст натиҷаи заҳмати давлатдороне, ки дар сояи ҳукми Аллоҳ таъоло зиндагӣ мекунанд.

Ногуфта намонад, ки роҳзанҳое, ки пеш аз дастгиршуданашон тавба намуданд, агар касеро кушта бошанд, валии мақтул даъво кунад, онҳоро ҳоким қисос мекунад, агар молеро талаф дода бошад, зомин мешавад, зеро ин ҳаққи банда аст. Агар соҳиби мол авф кунаду дар гузарад, маъоф мешавад. Албатта, ҳамаи инҳо таҳти ҳукми ҳокими диёр бояд амалӣ шаванд. Маълум шуд, ки одамкушӣ, роҳзанӣ ва дигар ҷиноятҳои ба ин монанд нишонаи шахсонест, ки онҳо аз Худо наметарсанд.

Акнун ояти зер тарси Худоро ба онҳо бо ваъзу насиҳат панд медиҳад.

Сураи Моида ояти 35

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ اتَّقُواْ اللّهَ وَابْتَغُواْ إِلَيهِ الْوَسِيلَةَ وَجَاهِدُواْ فِي سَبِيلِهِ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ

Йа айюҳа-л-лазина аману-т-тақуллоҳа вабтағу илайҳи-л-васӣлата ва ҷаҳиду фӣ сабӣлиҳи лаъаллакум туфлиҳун. 35.

35. Эй касоне ки имон овардаед, аз Худо битарсед ва ба сӯйи Ӯ васила (наздикӣ) биҷӯед ва дар роҳи Ӯ набард кунед, то шояд шумо растагор шавед.

Баъди маълумоти ҷазо ва уқубати шахсони ҷинояткор дар оятҳои қаблӣ Аллоҳ таъоло дар ояти мазкур ба касоне, ки соҳиби имонанд, нидо намуда, фармудааст, ки ай шахсоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед! Маълум аст, ки тарс аз Худо мисли тарс аз мор, каждум, гург, шер ва ғайра нест, ки кас дар фирор шавад, балки инсон бояд чунон битарсад, ки аз хушнудӣ, ризо ва раҳмати Парвардигор дур наяфтад. Аз барои ҳамин Аллоҳ таъоло дар давоми оят гуфтааст, ки барои ба Парвардигор қариб шудан васила биҷӯед! Яъне аз нохушнудиҳо ва дур шудан аз даргоҳи илоҳӣ бояд инсон битарсад ва роҳи наздик шуданро бо васила биҷӯяд. Зеро таҷрибаҳо нишон додаанд, ки то дар инсон ҳисси Худотарсӣ, яъне тақво набошад, ҳеҷ қонуну созмон роҳи бадкории ӯро гирифта наметавонад. Дар айни ҳол инсоне, ки Худотарс аст, агар ҳеҷ кас ӯро назорат

накунад ҳам, на дар зоҳир ва на дар ботин, кори бадро намекунад. Маънои василаро муфассирони олиқадр чунин шарҳ додаанд: Иҷрои он тоъату ибодате, ки бо воситаи он инсони амалкунанда ба Худо наздик мешавад васила (дастовез) мегӯянд ва ин гуна васила дуруст аст. Ногуфта намонад, ки дар ҷоиз будани таваccул ба инсони зинда ба маъное, ки аз ӯ талаби дуъо бошад, чуноне ки Умар (р) ҳангоми истисқо (талаби борон) ба ҳазрати Аббос (р), амуи Расуллулоҳ (с) васила ҷуст, ҳеҷ шакке нест. Аз инсони мурда васила ҷустан бидъат аст, ҳеҷ як салафи солеҳ чунин василаро анҷом надодааст. Абӯязиди Бастомӣ гуфтааст: васила ҷӯстани махлуқ ба махлуқ монанди наҷот пурсидани зиндонӣ аз зиндонии монанди худ аст. Имом Абӯҳанифа ҳам васила ҷустан ба яке аз бандагон ё қасам додани Худо ба ҳаққи яке аз махлуқоти Ӯ-ро ноҷоиз донистаанд.

Дар оятҳои қаблӣ гузашт, ки инсонҳое ҳастанд, ки бо фасодкории худ алайҳи Худо ва Расули Ӯ (с) дар рӯйи Замин меҷанганд, аммо дар ҷузъи охири ояти мазкур бар акси он омадааст, ки ай мусалмонон, шумо барои наздик шудан ба Парвардигор ба тарафдории Худо ва пайғамбари Ӯ қуввати худро сафарбар сохта, барои баланд бардоштани калимаи ҳақ алайҳи касоне, ки дину ойинашон мавриди қабули Ҳаққтаъоло нест, бо молу ҷону забонҳо ҷиҳод кунед, то шояд шумо растагор шавед.

Хулоса, тақво тарс аз Худо, иҷрои амалҳои солеҳ, ҷиҳод фи сабилиллоҳ ва амсоли ингуна амалҳо барои инсон роҳи растагорист.

Акнун чанд ҳадисе зери мазмуни ояти мазкур дар хусуси калимаи «васила»: Сӯфиёни Саврӣ аз Талҳа ва дар охир из Ибни Аббос (р) ривоят кардааст, ки васила ба маънои қарибӣ ҷустан ба Парвардигор аст. Муҷоҳид гуфтааст: «Васила» иҷрои он амалҳоест, ки Худо аз он хушнуд аст ва банда тавассути онҳо ба Ӯ қарибӣ меҷӯяд. Маънои дигари «васила» олитарин мақом дар Ҷаннат аст. Ба ин маъно дар «Саҳеҳ»-и Муслим аз ҳадиси Каъб ибни Алқама ва дар охир аз Умар ибни Ос (р) омадааст, ки номбурда гуфтааст: Ман аз Расулуллоҳ (с) шунидам, ки чунин фармудаанд: "Ҳар вақто бонги азонро аз муаззин шунидед, он чи ӯ мегӯяд, мисли ӯ бигӯед, баъд аз он бар ман салавот фиристед, агар шахсе бар ман салавот фиристад, Аллоҳтаъоло бар ӯ 10 салавот мефиристад, баъдан аз Аллоҳ таъоло барои ман «васила»-ро пурсед, зеро «васила» манзилест дар Ҷаннат ба ғайри як банда бар дигар кас онро дода намешавад, умед мекунам, ки он банда ман бошам. Шахсе, ки барои ман василаро пурсад, шафоъати ман ӯро мерасад."

Сураи Моида ояти 36

إِنَّ الَّذِينَ كَفَرُواْ لَوْ أَنَّ لَهُم مَّا فِي الأَرْضِ جَمِيعًا وَمِثْلَهُ مَعَهُ لِيَفْتَدُواْ بِهِ مِنْ عَذَابِ يَوْمِ الْقِيَامَةِ مَا تُقُبِّلَ مِنْهُمْ وَلَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ

Инна-л-лазина кафару лав анна лаҳумм ма фи-л арзи ҷамиъа-в ва мислаҳу маъаҳу ли яфтаду биҳӣ мин ъазаби явми-л-қийаъмати ма туқуббила минҳум ва лаҳум ъазабун алим. 36.

36. Ҳаройина, касоне ки кофир шуданд, агар онҳо ҳамаи он чӣ дар Замин аст ва монанди он ҳамроҳи ӯ бошад, ки онро ивази худ диҳанд, то аз азоби рӯзи қиёмат наҷот ёбанд, ҳаргиз аз онҳо қабул карда намешавад ва барои онҳо азоби аламдиҳанда омода аст.

Сураи Моида ояти 37

يُرِيدُونَ أَن يَخْرُجُواْ مِنَ النَّارِ وَمَا هُم بِخَارِجِينَ مِنْهَا وَلَهُمْ عَذَابٌ مُّقِيمٌ

Юрӣдуна ай-яхруҷу мина-н-нари ва ма ҳум би хориҷина минҳа. Ва лаҳум ъазабу-м муқим. 37.

37. (Онҳо) мехоҳанд, ки аз Дӯзах берун оянд, вале онҳо аз он беруноянддагон нестанд ва азоби доимӣ барои онҳост.

Аллоҳ таъоло дар ин ду оят аз азобу мақоме, ки барои аҳли куффор дар рӯзи Қиёмат омода сохтааст, хабар додаст. Дар ҳақиқат, касоне, ки кофир шудаанд, чун он азоби аламнокеро, ки барои онҳо омода шудааст, мебинанду мефаҳманд, ки ин гуна азоб барои онҳост ва пай мебаранд, ки дар ин ҷо пора, ё дигар васоит ба кор намеравад, «во вайлато, во ҳасрато, ба ёрии мо шитобед» гӯён ба тавалло оғоз намоянд ҳам фоидае барои онҳо нест. Фарзан чуноне дар дунё, дар рӯйи Замин молу мулку хазинаҳои онро дар ихтиёр доштанд, дар он ҷо низ дар ихтиёрашон дошта бошанду боз чандон баробари дигар афзун ҳам бошад ва онҳоро дар ивази наҷоти нафсашон диҳанд, то аз азоби рӯзи Қиёмат наҷот ёбанд, аз онҳо қабул нахоҳад шуд. Фақат ва фақат барои онҳо азоби дарднок насиб асту халос. Аз он мақом мехоҳанд хориҷ шаванд, локин ҳаргиз берун карда намешаванд. Барои онҳо азоб доимист. Чунин мазмун, иншоаллоҳ, дар ояти 108-уми сураи «Ҳуд» бори дигар хоҳад омад.

Зимни оятҳои мазкур ҳадисеро Ҳаммод ибни Салама аз Собит ва аз Анас ибни Молик (р) ривоят кардаанд, ки Расулуллоҳ (с) чунин гуфтаанд: "Мардеро аз аҳли Ҷаҳаннам оварда ба ӯ гуфта мешавад, ки ай писари Одам, бошишгоҳи худро чӣ гуна ёфтӣ?" Пас ӯ мегӯяд: "Бадтарин макон ёфтам." Пас ба ӯ гуфта мешавад: "Оё ба пурии рӯйи Замин барои халосии нафси худ аз тилло (дар ихтиёрат бошад) медиҳӣ?" (Расулуллоҳ (с) гуфтанд, ки) ӯ мегӯяд: "Оре! Ай Парвардигори ман. Пас Худованд мегӯяд дурӯғ мегӯйӣ, мо аз ин камтарро аз ту пурсида будем, иҷро накардӣ. Пас амр карда мешавад, ки ӯро ба нор баред." (ба ривояти Муслим ва Насоӣ).

Дар оятҳои қаблӣ ҷазои шахсоне, ки ошкоро молу мулки мардумро бо роҳзаниву зӯроварӣ мерабуданд, баёну таъин шуд. Акнун дунболи он, дар ояти зер, ҷазо ва ҳукми шахсоне, ки молу мулки мардумро пинҳонӣ (бо дуздӣ) мерабоянд, матраҳ мешавад.

Сураи Моида ояти 38

وَالسَّارِقُ وَالسَّارِقَةُ فَاقْطَعُواْ أَيْدِيَهُمَا جَزَاء بِمَا كَسَبَا نَكَالاً مِّنَ اللّهِ وَاللّهُ عَزِيزٌ حَكِيمٌ

Ва-с-сариқу ва-с-сариқату фақтаъу айдияҳума ҷазаан би ма касаба накала-м миналлоҳ. Валлоҳу Ъазизун ҳаким. 38.

38. Ва марде ва ё зане дуздӣ кунад, пас, дастҳои онҳоро (ҷазои он чи ба амал овардаанд) бибуред! Ин аз ҷониби Аллоҳ азобест ибратангез ва Аллоҳ ғолибу доност.

Аллоҳ таъоло зимни ояти мазкур ҳукм намуда фармудааст, ки дасти марди дузд ё зани дуздро бибуред. Дар ояти мазкур решаи матлаб баён шуд, аммо дасти дуздро аз куҷо буридан ва миқдори моли дуздидашуда наомадааст. Локин шарҳи он дар китобҳои аҳодис ва фиқҳ баён шудааст. Бо иттифоқи уламо, дузд хоҳ зан бошад хоҳ мард, агар миқдори 10 тангаро дуздӣ кунаду бо шоҳидии ду шоҳид дуздии ӯ исбот шавад, дасти ӯ аз бандаш бурида мешавад. Ин гуна ҷазо барои дузд панд ва барои дигарон ибрат аст. Дар ҷумлаи охир фармудааст, ки Худованд азизу ҳаким аст! Оре! Худованд вақто ки ҳадди чизеро муайян кунад, Ӯ чунон ғолибаст, ки ба Ӯ ҳеҷ кас муъораза ё чуну чаро карда наметавонад. Ӯ таъоло барои бандагони Худ дар амру наҳй ва шариъати муайянкардаи худ бисёр бо ҳикмат аст.

Абӯбакр ибни Шайба ва дар охир аз Ибни Аббос (р) ривоят кардаанд, ки нархи миҷан (сипар) дар асри Расулуллоҳ (с) 1 динор ё 10 танга буд. Бинобар ин, Расулуллоҳ (с) фармудаанд, ки дасти дуздро аз миқдоре, ки аз нархи сипар кам аст, набуред! Уламои Ҳанафӣ ин ҳадисро далел намуда, миқдори дуздие, ки ба сабаби он дасти дуздро бурида мешавад, ба 10 танга (баробар) муқаррар кардаанд.

Ояти зер ба шахсони дузде, ки аз кардаҳои худ пушаймон шудаанд, роҳи бозгашт ба сӯйи тавбаро нишон медиҳад.

Сураи Моида ояти 39

فَمَن تَابَ مِن بَعْدِ ظُلْمِهِ وَأَصْلَحَ فَإِنَّ اللّهَ يَتُوبُ عَلَيْهِ إِنَّ اللّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ

Фа ман таба мин баъди зулмиҳи ва аслаҳа фа инналлоҳа ятубу ъалайҳ. Инналлоҳа Ғафуру-р-Раҳим. 39.

39. Пас, ҳар касе ки баъди зулми худ тавба кунад ва кори худро ба салоҳ орад, пас, ҳаройина, Аллоҳ ба раҳмати Худ бар вай боз мегардад, ҳаройина, Аллоҳ омурзандаву меҳрубон аст.

Шахсоне, ки гуноҳе содир менамоянд, бояд дар ҳол ба сӯйи тавба шитобанд! Ояти мазкур (агарчи шахси дуздро панд диҳад ҳам), тарзи тавбаро баён намуда валлоҳу аълам, ба таври умум фармудааст, ки шахсе, ки аз зулми (дуздӣ) кардааш хоҳ пеш аз буридани дасти ӯ ё баъд пушаймон шавад ва амали солеҳ кунад ва назди Парвардигор аз ин гуноҳи кабира тавба намоед, Худованд ваъда намудааст,

ки тавбаи вайро қабул мефармояд. Зеро Худованд омурзандаи гуноҳҳои банда буда барои ӯ меҳрубон аст. Агар моли руздидааш наздаш ҳозир бошад, ба соҳибаш бармегардонад. Агар нест карда бошад, қиматашро медиҳад.

Сабаби нузули ояти мазкурро муфассирон бо ривояти ҳадисҳои гуногун баён кардаанд, ки ҳамаи онҳо ҳаммаъно ва қобили қабуланд. Ҳоло яке аз онҳоро баён мекунем: Бо ривояти Ибни Ҷарир аз Абӯкурайб ва дар охир аз Абдуллоҳ ибни Амр чунин омадааст, ки дар асри Расулуллоҳ (с) зане дар ҳолати зиннати гарданеро дуздиданаш, дастгир шуд. Соҳибони он назди Расулуллоҳ (с) шикоят овард. Расулуллоҳ (с) фармуд, то дасти рости ӯро буриданд. Зани мазкур гуфт: "Оё барои ман роҳи тавба ҳаст?" Расулуллоҳ (с) фармуданд: "Ту имрӯз аз хатои худ мисли рӯзе, ки аз модар таваллуд шудӣ, пок ҳастӣ."

Албатта, он тавбае мавриди қабул аст, ки изтирорӣ набошад, балки ихтиёр бошад, зеро тавбаи изтирорӣ он аст, ки чун муҷрим худро назди ҳоким мебинад, тавба мекунад ва инчунин тавба арзише надорад.

Ривояти дигареро овардаанд, ки дар Мадинаи мунаввара зане дуздӣ кард ва дастгир шуд. Хешу табори ӯ бо умеди он, ки шояд Расулуллоҳ аз гуноҳаш гузарад, бо ҳам маслиҳат оростанд. Яъне андеша намуданд, ки агар дасти ӯ бурида шавад, ин ор ба авлоди мо як умр боқӣ мемонад. Мувофиқи маслиҳати худ Усома бини Зайд (р)-ро, ки назди Расулуллоҳ (с) соҳиби эҳтиром буд, восита сохтанд. Вақто Зайд (р) дар ин хусус сухан оғоз намуд, Расулуллоҳ (с) бисёр дар ғазаб омад, баъди адо намудани намоз бо он ҷамъияте, ки дар масҷид нишаста буданд, хутба хонда гуфт: "Ай мардум, шуморо чӣ шудааст, ки ҳатто дар ҳадде, ки Аллоҳ таъоло барои шахси дузд муайян намудааст, худро назди ман восита месозед? Ба Худо қасам, агар Фотима духтари Муҳаммад дуздӣ кунад дасташро мебурам. Қавмҳое, ки пеш аз шумо ҳалок шуданд, одаташон он буд, ки агар ҳадде барои одами оддӣ лозим мебуд, болои ӯ ҳаддро ҷорӣ месохтанд, агар шахси ҷинояткор бо обрӯ мебуд, аз иҷрои ҳадд (ҷазои шаръӣ) алайҳи ӯ чашм мепӯшиданд."

Ояти зер бо таври умум мукофот ва ҷазои ҳарду дунёро зикр мекунад.

Сураи Моида ояти 40

أَلَمْ تَعْلَمْ أَنَّ اللّهَ لَهُ مُلْكُ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضِ يُعَذِّبُ مَن يَشَاء وَيَغْفِرُ لِمَن يَشَاء وَاللّهُ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ

Алам таълам анналлоҳа лаҳу мулку-с-самавати ва-л-арзи юъаззибу ма-й яшау ва яғфиру ли ма-й яшаъ. Валлоҳу ъала кулли шай-ин Қадир. 40.

40. Оё надонистаӣ, ки ҳаройина, подшоҳии осмонҳо ва Замин аз они Худост? Азоб мекунад ҳар киро хоҳад ва меомурзад ҳар киро хоҳад! Ва Аллоҳ бар ҳама чиз тавоност.

Ба дунболи ҳукми тавбаи сориқ (дузд) Аллоҳтаъоло рӯйи суханро ба Пайғамбари бузурги Ислом намуда, фармудааст, ки ай Муҳаммад (с), (ё ай

мухотаб), оё надонистӣ, ки тасарруфи ҳамаи осмонҳо ва Замин дар ихтиёри Худованд аст ва ҳар гуна салоҳ бидонад, дар онҳо тасарруф мекунад? Ин гуна саволро тақририӣ гӯянд. Яъне он маънои «инро медонӣ, ё онро донистӣ?» аст. Яъне инҷо таъаҷҷуб нест, вақто ки Худованд чунин сифати бузург дорад, Ӯ таъоло, бе шакку шубҳа, метавонад касеро хоҳад, мувофиқи гуноҳҳояш бо адли худ азоб кунад ва касеро шоиста бинаду дар раҳмати Худ гирад, мувофиқи ваъдаи Худ гуноҳҳояшро омурзад. Зеро Худованд бар ҳама кор қодир аст. Аз ояти зер хулоса мешавад, ки қозии исломӣ ҳақ дорад бо шариъати хос барои муҷрими ғайри Исломӣ қазоват кунад.

Сураи Моида ояти 41

يَا أَيُّهَا الرَّسُولُ لاَ يَحْزُنكَ الَّذِينَ يُسَارِعُونَ فِي الْكُفْرِ مِنَ الَّذِينَ قَالُواْ آمَنَّا بِأَفْوَاهِهِمْ وَلَمْ تُؤْمِن قُلُوبُهُمْ وَمِنَ الَّذِينَ هِادُواْ سَمَّاعُونَ لِلْكَذِبِ سَمَّاعُونَ لِقَوْمٍ آخَرِينَ لَمْ يَأْتُوكَ يُحَرِّفُونَ الْكَلِمَ مِن بَعْدِ مَوَاضِعِهِ يَقُولُونَ إِنْ أُوتِيتُمْ هَـذَا فَخُذُوهُ وَإِن لَّمْ تُؤْتَوْهُ فَاحْذَرُواْ وَمَن يُرِدِ اللّهُ فِتْنَتَهُ فَلَن تَمْلِكَ لَهُ مِنَ اللّهِ شَيْئًا أُوْلَـئِكَ الَّذِينَ لَمْ يُرِدِ اللّهُ أَن يُطَهِّرَ قُلُوبَهُمْ لَهُمْ فِي الدُّنْيَا خِزْيٌ وَلَهُمْ فِي الآخِرَةِ عَذَابٌ عَظِيمٌ

Йа айюҳа-р-расулу ла яҳзунка-л-лазина юсариъуна фи-л-куфри мина-л-лазина қолу аманна би афваҳиҳим ва лам туъмин қулубуҳум. Ва мина-л-лазина ҳаду саммаъуна лил казиби саммаъуна ли қавмин ахарина лам яътук. Юҳаррифуна-л-калима мин баъди мавазиъиҳ. Яқулуна ин утитум ҳаза фа хузуҳу ва ил лам туътавҳу фаҳзару. Ва ма-й юридиллаҳу фитнатаҳу фа лан тамлика лаҳу миналлоҳи шай-а. Улиика-л-лазина лам юридиллаҳу ай ютаҳҳира қулубаҳум. Лаҳум фи-д-дунйа хизю-в ва лаҳум фи-л-ахирати ъазабун ъазим. 41.

41. Эй Пайғамбар, касоне ки дар куфр мешитобанд ва касоне ки бо даҳони хеш гуфтанд: «Имон овардем» ва ҳол он ки дилҳои онҳо имон наёвардааст, туро андӯҳгин накунад. Ва аз қавми яҳуд низ сухани дурӯғ (таҳрифшуда)-ро шунавандагон, (ҷосус)-анд, барои қавми дигаре ки то ҳол назди ту наомадаанд, калимаҳоро баъди субути онҳо дар мавзиъашон табдил медиҳанду мегӯянд: «Агар шуморо ин ҳукм (-и таҳрифшуда) дода шавад, пас, онро қабул кунед ва агар онро дода нашавад, пас ҳазар кунед!». Ва ҳар киро Худо гумроҳияшро ирода карда бошад, пас, ҳаргиз аз Худо чизе (аз ҳидоят барои онҳо) натавонӣ. Онҳо он мардумеанд, ки Аллоҳ нахостааст дилҳои онҳоро пок гардонад. Ва барои онҳо дар дунё расвоӣ ва дар охират азоби бузург омода аст.

Сабаби нозил шудани ояти мазкурро муфассирони олиқадр гуногун ривоят кардаанд. Аз он ҷумла Имом Аҳмад ва Абӯдовуд аз Ибни Аббос (р) чунин ривоят кардаанд, ки ояти мазкур дар шаъни ду тоифа яҳудиҳое нозил шудааст, ки дар ҷоҳилият бо ҳамдигар ҷангу душманӣ доштанд. Дар охир онҳо бо ҳам сулҳ намуданд ва қарор доданд, ки шахсе агар аз қабилаи заъифҳо аз дасти қабилаи

зӯровар кушта шавад, хунбаҳои ӯ 50 васақ (30 соъ) аст. Агар касе аз зӯроварон бо дасти заъифон кушта шавад, дияти ӯ 100 васақ (60 соъ) аст. Ин ноадолатӣ солҳои тӯлонӣ (то пайғамбар таъин шудани Расулуллоҳ (с)) идома дошт.

Хулоса, чун Расулуллоҳ (с) мабъус шуданд, воқеан шахсе аз тарафи тоифаи обрӯманд бо дасти шахси оддӣ кушта шуд, қабилаи номдор аз қабилаи беном талаб намуд, ки дар ивази хуни табори худ ба онҳо 100 васақ хунбаҳо фиристанд. Қабилаи оддӣ дар ҷавоб гуфтанд: оё ду қабилае, ки диншон як бошад, насабашон як бошад, дар як шаҳр зиндагонӣ дошта бошанд (баробар ҳуқуқ нестанд)? Чаро хунбаҳои як нафари мо нисфи хунбаҳои шахси шумо бошад? Дар сурате ба шумо ду баробар хунбаҳо медодем, ки мо аз шумо метарсидем. Акнун Муҳаммад ном инсон бо сифати шахси одил омадааст. Мо хоҳиши шуморо ҳоло иҷро намекунем. Наздик буд, ки баъди чунин моҷаро байнашон хунрезӣ оғоз шавад. Тарафайн розӣ шуданд то Расулуллоҳ (с) байнашон ҳукм кунад. Мутаассифона, онҳо бо мақсаде, ки фаҳманд Расулуллоҳ (с) дар ин қазия чӣ ҳукм мекунад, шахсонеро ба назди Расулуллоҳ (с) фиристоданд, ки онҳо мунофиқ буданд. Дар ҳамин асно ояти мазкур аз ибтидо то ибораи (фил куфр) нозил шуд. Баъзе аз муфассирон сабаби нузули ояти мазкурро дигар ҳодиса медонанд. Дар ривояти дигаре аз Имом Аҳмад ва дар охир аз Барро ибни Озиб чунин омадааст, ки аз назди Расулуллоҳ (с) яҳудие гузашт, ки рӯйи ӯ сиёҳкардашуда ва дурразадашуда буд. Расулуллоҳ (с) ҳамроҳони ӯро пеши худ хонд ва гуфт: "Оё ҳадди зиноро дар китобатон чунин ёфтед?" Онҳо гуфтанд: Оре! Сипас Расулуллоҳ (с) олимтарини онҳоро ба назди худ хонд ва ӯро чунин қасам дод: Туро ба он Зоте, ки Тавротро ба Мӯсо (а) нозил кардааст, қасам медиҳам, ки оё ҳукм ва ҳадди (ҷазои шаръӣ) зинокунандаро дар китобатон чунин ёфтед? Ӯ дар ҷавоб гуфт: "На! Валлоҳи, агар маро чунин қасам намедодед, ман шуморо дурӯғ гуфта оре мегуфтам. Яъне мо дар китоби худ ҷазои зинокорро сангсор ёфтем. Вақто ки зинокорӣ ривоҷ ёфт ва ин ба обрӯйи мо бетаъсир намемонд, аз ҳамин хотир чун ин афродро сари анҷоми ин гуна ҷиноят медоштем, аз ӯ чашм мепӯшидем. Агар шахсони оддиро дар ин ҷиноят дастгир мекардем, ҳадди (ҷазои) зинокориро бар ӯ ҷорӣ месохтем. Пас бо машварат як ҳаддеро муайян намудем, ки бар шарифу оддӣ як аст, яъне рӯйсиёҳкунӣ ва тозиёна заданро барои онҳо ҳамчу ҳадд қарор додем."

Чун Расулуллоҳ (с) дар он асно бар марду зани зинокунанда сазои раҷм(сангсор)-ро ҷорӣ сохтанд, гуфтанд: Ай бор илоҳо, дар ҳақиқат ман аввалин шахсе ҳастам, ки амри туро (дар дунё) зинда намудам баъд аз он ки ӯро миронида буданд. Мувофиқи ин ривоят аз ибтидои оят то (ҳозо фахузуҳу) нозил шуд.

Ривояти дигареро тақрибан бо ҳамин маъно Имом Бағавӣ чунин баён кардааст, ки яке аз яҳудиён, ки аз қабилаи Хайбар буд ва соҳиби хона буду зани бо никоҳи шаръӣ дошт, бо зани яҳудияи шавҳардори он қабила, зино кард. Агарчи ҳукм ва ҷазои чунин шахсон дар Таврот сангсор омада бошад ҳам, аз сабабе ки онҳо дар байни қавмашон шахсони олимартаба ҳисоб мешуданд, қадру қимати онҳо монеи сангсории онҳо гардид. Ба ҳар тақдир, бояд онҳоро навъе аз ҷазо дода шавад. Бинобар ин, сарони он бо ҳам машварат намуда, ба хулосае омаданд, ки гӯё дар китоби касе, ки дар Ясриб (Мадина) аст, яъне Муҳаммад (с), барои зинокорон ҳукми сангсор нест ва бо задани тозиёна кифоя мекунад. Бо ин мақсад

маслиҳат доданд, ки чанд яҳудиеро аз бани Қурайза, ки онҳо бо ӯ (с) сулҳ бастаанд, назди ӯ (с) фиристед, то андешаи Муҳаммад (с) дар ин бора маълум шавад. Хулоса, чанд нафаре аз мунофиқони ҷосусро назди Расулуллоҳ (с) фиристоданд ва таъкид ҳам карданд, ки агар ҳукм ба дарра задан кунад, қабул фармоянд ва агар ҳукм ба сангсор кунад, қабул насозанд. Чун онҳо ба назди Расулуллоҳ (с) омаданд ва аз ин масъала пурсон шуданд, Расулуллоҳ (с) дар ҷавоб гуфт: "Оё шумо ба ҳукму файсалаи ман розӣ мешавед?" Онҳо гуфтанд: "Оре!" Дар ин асно Ҷабраил (а) оятеро овард, ки дар он ҳукми зинокор сангсор аст. Чун Расулуллоҳ (с) ба онҳо ҳукми Аллоҳоро қироат намуд, онҳо ҳатто аз иқрори худ бозгаштанд. Расулуллоҳ (с) аз онҳо пурсид: "Ибни Суриё, ки байни шумо зиндагӣ дорад, чӣ гуна шахс аст?" Онҳо гуфтанд: Дар саросари гетӣ мисли ӯ донишманде дар шариъати Мӯсо нест. Расулуллоҳ (с) ӯро ба назди худ хонд ва ӯро қасами вазнин дода пурсид: "Сазои зинокор дар Таврот чист?" Ӯ ва ёронаш саъю кӯшиши балиғ намуданд, то ҷумлаи «зинокорро сангсор кунед»-ро пинҳон кунанд, вале Абдуллоҳ Ибни Салом, ки онҷо ҳозир буд, найранги онҳоро нақши бар об сохта, парда аз рӯйи найранги онҳо бардошт. Ибни Суриё, ки боэътимодтарини онҳо буд, хоҳам нохоҳам, иқрор намуд, ки дар ҳақиқат ҷумлае, ки ба сангсори зинокорҳо далолат мекунад, дар Таврот ҳаст, мо онро бо ихтиёри худ аз амал боз доштем. Қасами вазнине, ки Расулуллоҳ (с) Ибни Суриёро дод ин буд: "Ба он Зоте, ки барои наҷоти бани Исроил байни баҳр роҳ кушод ва порчаи абреро мусаххар сохт, то болои онҳо соягӣ кунад ва шуморо аз оли Фиръавн наҷот дод, барои шумо аз осмон таъоми Манн ва Салворо фиристод, дар Таврот дар шаъни зинокорҳо чӣ гуна ҷазо аз тарафи Аллоҳ таъоло ёфтед?" Дигар ривоятҳо низ вуҷуд дорад.

Хулоса, Аллоҳ таъоло дар ояти мазкур барои тасаллӣ пайғамбари худро фармудааст, ки рафтори касоне, ки фурсатро ғанимат шуморида, ба ҳар баҳона дар куфр болои куфри худ мешитобанд ва бо ҳам мусобиқа мекунанд, туро андӯҳгин насозад. Зеро имон тоифае, ки дорои чунин одатанду ба забон мегӯянд, ки мо имон овардаем имони онҳо дар даҳонашон забонӣ буда ба дилашон нарасидааст. Онҳо мунофиқу дурӯянд.

Дар давоми ояти мазкур Аллоҳ таъоло ҳабиби Худ (с)-ро бори дигар тасаллӣ дода, фармудааст, ки аз яҳудиён, ба хусус аз яҳудиёни бани Қурайза, ки алҳол бо ту сулҳу паймон доранду даст ба чунин корҳо мезананд, андӯҳгин мабош. Зеро онҳо чунин нафаронеанд, ки аз рӯйи кибру инод, буғзу адоват ва аз рӯйи ба Ислом душмани сарсахт буданашон, ба яҳудиёни Хайбар гӯш фаро медиҳанд. То ҳол назди ту ба ғайри ҷосусонашон дигарҳо наомадаанду ҳамроҳи ту нанишастаанд ва сухани туро нашунидаанд.

Дар давоми оят Аллоҳ таъоло мефармояд, ки агар иродаи Аллоҳ таъоло барои шахсе куфр бошад, на ту ва на ҳеҷ кас ӯро аз ин роҳи бадбахтӣ гардонида наметавонад. Барои онҳое, ки дар дунё алайҳи китобҳои Аллоҳ таъоло ва Пайғамбари Ислом рафтори бадро раво дидаанд, ҳам дар ин дунё ва ҳам дар охират хорӣ пешбинӣ шудааст. Онҳо бо дохил шудан дар Ҷаҳаннам азоб мешаванду дар он доимо мемонанд. Аз мазмуни ояти мазкур чунин маълум мешавад, ки Расулуллоҳ (с) барои дар куфр шитобидани онҳо бисёр андӯҳгин буд. Бо нозил шудани ояти мазкур тасаллие барои Расулуллоҳ (с) ва сабукие барои ӯ

(с) расид ва маълум шуд, ки хайбариҳо ва бани Қурайза ба ҳидоят мушарраф нестанд. Бинобар ин, Расулуллоҳ (с) аз наҷот ёфтани онҳо умеди худро қатъ намуд.

Ояти зер сифати шахсони номбурдаро таъкидан давом медиҳад.

Сураи Моида ояти 42

سَمَّاعُونَ لِلْكَذِبِ أَكَّالُونَ لِلسُّحْتِ فَإِن جَآؤُوكَ فَاحْكُم بَيْنَهُم أَوْ أَعْرِضْ عَنْهُمْ وَإِن تُعْرِضْ عَنْهُمْ فَلَن يَضُرُّوكَ شَيْئًا وَإِنْ حَكَمْتَ فَاحْكُم بَيْنَهُمْ بِالْقِسْطِ إِنَّ اللّهَ يُحِبُّ الْمُقْسِطِينَ

Саммаъуна *лил* казиби аккалуна *ли*-с-сухт. Фа ин ҷаука фаҳкум байнаҳум ав аъриз ъанҳум ва ин туъриз ъанҳум фа *ла*-й язуррука шай-а. Ва ин ҳакамта фаҳкум байнаҳум би-*л*-қист. Инналлоҳа юҳиббу-*л*-муқситин. 42.

42. (Онҳо) Бисёр шунавандагони сухани дурӯғанд, бисёр хӯрандагони ҳароманд. Пас, агар назди ту биёянд, пас миёни онҳо ҳукм кун ё аз онҳо эъроз кун! Ва агар аз онҳо эъроз кунӣ, пас, туро ҳеҷ зиёне нарасонанд ва агар файсала кунӣ, пас, миёни онҳо бо адлу инсоф файсала кун. Ҳаройина, Аллоҳ инсофкунандагонро дӯст медорад.

Дар ояти қаблӣ сифати яҳудиёнро баён карда буд, ки онҳо бисёр шунаванда ва пазирои суханҳои дурӯғини сарони худ ҳастанд. Дар ин оят ҳам сифати аввали онҳоро баён намуда, таъкидан фармудааст, ки онҳо бо шунидани суханҳои дурӯғ бисёр хушҳол ҳам ҳастанд, яъне ҳоли яҳудиён ин аст, ки осонакак ба забони худ мегӯянд, ки имон овардаем ва бо гуфтани ин сухан кифоя мекунанд. ҳол он ки дар дилашон имон надоранд. Онҳо фаросат накардаанд, ки агар дар ҷамъияте имону Ислом набошад, дурӯғ гуфтан авҷ мегирад ва ҳарчи шунаванд, дурӯғ мебарояд, барои сухани рост дигар ҷой намемонад. Одати дигари чунин тоифа он аст, ки ҳаромхӯр ҳастанд. Яъне моли ҳарому ноҳақ ва пора мехӯранд. Ин одати деринаи онҳост. Акнун, вақто ки чунин тоифа назди ту барои файсалаи ҳукме оянд, ихтиёр дорӣ, хоҳӣ, чуноне ки Парвардигорат амр намудааст, ҳукму доварӣ кунӣ, агар нахоҳӣ, метавонӣ аз онҳо рӯй гардонда, ба корҳояшон дахолат накунӣ. Зеро аз доварии ту онҳо тобиъи ҳақ нахоҳанд шуд, балки пайи хоҳиши худ хоҳанд рафт. Агар салоҳи кор он бошад, ки аз онҳо рӯй гардонию доварӣ накунӣ, онҳо ба ту зиёне расонида наметавонанд. Агар хоҳӣ ки байни онҳо доварӣ намоӣ, чуноне ки Худованд фармудааст, ҳатман бояд роҳи адолатро пеш гирӣ, зеро Аллоҳ таъоло дар ҳама кор шахси адолатпешаро дӯст медорад. Дар шарҳи ҷузъи ояти мазкур байни муфассирон ихтилофи назар вуҷуд дорад. Баъзе мӯътақид бар онанд, ки агар давлат исломӣ бошад ва дар он қабилаҳои ғайри Исломӣ ҳам сукунат дошта бошанд, бо ҳукми ояти 49-уми ҳамин сура ихтиёр доштани ҳокимҳо мансух аст. Яъне дар он Аллоҳ таъоло фармудааст, ки «Дар миёни онон бар ҳасби он чи Аллоҳ таъоло нозил кардааст, ҳукм кун». Ҳоким бояд ки мувофиқи шариъати исломӣ ҳукм кунад, ба шарте ки як тараф мусалмон бошад. Агар ҳарду тараф ғайри мусалмон бошанду қазияеро барои доварӣ назди ӯ оранд, ҳокими мусалмонҳоро ихтиёр аст, шароитро ба назар гирифта, агар онҳо розӣ бошанд, мувофиқи

шариъати исломӣ ҳукм мекунад, хоҳад ҳалли қазияро ба додхоҳу қонуни худашон ҳавола сохта, онҳоро бармегардонад.

Дар ояти зер ингуна рафтори яҳудиҳо инкор мешавад.

Сураи Моида ояти 43

وَكَيْفَ يُحَكِّمُونَكَ وَعِندَهُمُ التَّوْرَاةُ فِيهَا حُكْمُ اللّهِ ثُمَّ يَتَوَلَّوْنَ مِن بَعْدِ ذَلِكَ وَمَا أُوْلَئِكَ بِالْمُؤْمِنِينَ

Ва кайфа юҳаккимунака ва ъиндаҳуму-т-Тавроту фӣҳа ҳукмуллоҳи сумма ятаваллавна мин баъди залик. Ва ма улиика би-л муъминин. 43.

43. Ва чӣ гуна ҳакам (довар) мегардонанд туро? Ҳол он ки Таврот назди онҳо аст, ки дар он ҳукми Худост. Боз баъд аз ин аз довариии ту рӯй мегардонанд ва онҳо муъмин нестанд.

Таъаҷҷуб аз ҳоли яҳудиҳои қабилаи Хайбар, ки онҳо чи гуна ту (Муҳаммад (с))-ро довар мегардонанду аз ҳукми ту розӣ мешаванд, ҳол он ки назди онҳо Таврот вуҷуд дорад ва дар он ҳукми Худо барои ҳоҷати онҳо ҳаст. Ба он амал намекунанду туро довар мегиранд? Чӣ, магар бо хоҳиши онҳо хилофи Худо ҳукм мекунӣ, ки онҳо назди ту омаданд? Шигифтангез он аст, ки вақто ту ҳукм кунию ҳукми ту мувофиқи ҳукми Таврот бошад, чаро онҳо рӯй гардонида, нодонии худро зоҳир сохта қабул намекунанд? Хулоса, чи гуна метавонад шахсе ба Таврот амал накунаду оятҳои ӯро тағйир диҳад ва ё ҳукми туро мухолифат кунаду гӯяд, ки ман муъминам? Дар тафсири «Ат-таҳсил лиъулумил танзил», с.178, ҷ.1-ум овардааст, ки имони чунин шахсон ботил аст. Онҳо усулан имон надоранд, вагарна ба ҳукмҳои Аллоҳ таъоло, ки дар Тавроту Қуръон вобаста ба ҷазои зинокорҳо ҳукм якхел, яъне сангсор кардан аст, бозӣ намекарданд.

Дар ояти зер Аллоҳ таъоло Тавротро сифати накӯ карда, онро нур ва зиё хондааст.

Сураи Моида ояти 44

إِنَّا أَنزَلْنَا التَّوْرَاةَ فِيهَا هُدًى وَنُورٌ يَحْكُمُ بِهَا النَّبِيُّونَ الَّذِينَ أَسْلَمُواْ لِلَّذِينَ هَادُواْ وَالرَّبَّانِيُّونَ وَالأَحْبَارُ بِمَا اسْتُحْفِظُواْ مِن كِتَابِ اللّهِ وَكَانُواْ عَلَيْهِ شُهَدَاء فَلاَ تَخْشَوُاْ النَّاسَ وَاخْشَوْنِ وَلاَ تَشْتَرُواْ بِآيَاتِي ثَمَنًا قَلِيلاً وَمَن لَّمْ يَحْكُم بِمَا أَنزَلَ اللّهُ فَأُوْلَئِكَ هُمُ الْكَافِرُونَ

Инна анзална-т-Таврота фиҳа ҳуда-в ва нур. Яҳкуму биҳа-н-набийййуна-л-лазина асламу лил лазина ҳаду ва-р-раббанийййуна ва-л-аҳбару би ма-с-туҳфизу мин китабиллаҳи ва кану ъалайҳи шуҳадаа. Фа ла тахшаву-н-наса вахшавни ва ла таштару би айати саманан қалила. Ва ма-л- лам яҳкум би ма анзалаллоҳу фа улаика ҳуму-л кафирун. 44.

44. Ҳаройина, Мо Тавротро фурӯ фиристодем, дар он ҳидоят ва нур аст, пайғамбароне ки таслими ҳукми Худоанд, барои онҳое ки яҳуданд, ба он ҳукм мекарданд ва ҳамчунин худопарастон ва уламо ба он чӣ аз Китоби Аллоҳ нигаҳбон гардонида шудаанд ва бар он гувоҳон буданд, ҳукм мекарданд. Пас, аз мардум матарсед, аз Ман битарсед ва ба оятҳои Ман баҳои андакро махаред! Ва ҳар кӣ мувофиқи он чӣ Аллоҳ фурӯ фиристод, ҳукм накунад, пас он гурӯҳ кофиранд.

Таврот ҳам китоби илоҳӣ буда, ӯро низ Аллоҳ таъоло нозил намуд. Он дар замони худ барои танзими ҳаёти инсонҳо ҳамчу як дастурамали лозим ба кор мерафт. Таврот шубҳаҳои инсонҳоро мезудуд, ҳидояту саодати ду дунёро таъмин менамуд ва ҳамчун нур дар торикиҳои ҷаҳл барои инсонҳо ба кор мерафт. Таврот фақат одобу ахлоқ ё барои маҷмӯан барпо сохтани баъзе маросимҳои динӣ набуд. Бинобар ин, ҳеҷ набошад яҳудиён бояд ҳукуматашонро дар асри Расулуллоҳ (с) ба он мувофиқ месохтанд. Зеро анбиёи бани Исроил (а), ки пайрави Таврот ва муъмину таслими фармони Аллоҳтаъоло буданд, барои ҳидояти бани Исроил аз рӯий ҳамин китоби осмонӣ ҳукму доварӣ мекарданд. На онҳо ҳукми Тавротро тағйир медоданд ва на аз ҳукми ӯ мебаромаданд. Ҳамчунин олимҳои раббонӣ ва шахсони дар илми фиқҳ мумтоз, ки ба нигоҳ доштани Таврот амр шуда буданд, онҳо низ барои бани Исроил аз рӯйи он доварӣ мекарданд. Онҳо то як ҳарфи ӯ тағйиру табдил нашавад, доимо мулозиму муроқиб буданд. Онҳо худашон мувофиқи таълимоти Таврот умр ба сар бурданд. Мардумро мувофиқи аҳкоми он тарбия менамуданду таълим медоданд, то рафтору гуфтор ва кирдорашон ба он мутобиқу мувофиқ бошад. Ҳоло яҳудиёни асри Расулуллоҳ (с), ба хусус ба хайбариҳо ва қурайзагиҳо чӣ шуд, ки дар шаъни дузд ё зинокор ва ғайра мувофиқи ҳукми Таврот амал намекунанд? Ё агар назди Расулуллоҳ (с) оянду ҳукмеро шунаванд, ки мувофиқи Таврот аст, чаро рӯй мегардонанд?

Дар давоми ояти мазкур Аллоҳтаъоло бани Исроилро бо хитоб фармудааст, ки ай уламои яҳуд, аз изҳори ҳақиқат, хусусан аз изҳори сифатҳои Муҳаммад (с) ва ҳукми сангсори зинокорҳо ва дигар аҳокме, ки дар Таврот омадааст, агарчи мувофиқи майлу хоҳиши мардум набошад ҳам, натарсед, онро пинҳон накунед, балки айнан он ҳамаро фаҳмонед. Аз ман битарсед ва ҳақиқате, ки дар Таврот ҳаст, ба мардум бигӯеду, ҳақиқатро ошкор намоед! Оятҳои моро ба пули андак, яъне ба хотири пора, ё ба хотири чоҳу ҷалол, ё барои ҳосили неъмати дунё бадал накунеду нафурӯшед. Зеро шахсе, ки қозӣ ё ҳоким аст, агар байни ду додхоҳ мувофиқи он чи Худо нозил кардааст, ҳукм накунад, ва ба ҳукми Аллоҳ мункир шавад кофир аст. Дар тафсири «Ал-Баҳр» бо ривояти Абу Ҳайён омадааст, ки агарчи аз зоҳири оят хитоб барои як тоифаи яҳуд зоҳир шавад ҳам, локин ҳукми ин оят оммаи яҳуд ва ғайри онҳоро низ дар назар дорад. Ҳар ояте, ки дар шаъни куффор нозил шуда бошад, мӯъминони гуннаҳкорро низ дар бар мегирад.

Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуааст, ки касе он ҳукмеро, ки Аллоҳтаъоло нозил кардааст, мункир шаваду бо он ҳукм накунад, қатъиян кофир шудааст. Аммо касе, ки ба ҳукмҳои нозилкардаи Аллоҳтаъоло имон дорад, онҳоро эътироф мекунанд, локин мувофиқи он ҳукм намекунад, ё золим аст ва ё фосиқ.

Дар ояти зер ҳукми қисос дар Таврот чи хел аст, баён мешавад.

Сураи Моида ояти 45

وَكَتَبْنَا عَلَيْهِمْ فِيهَا أَنَّ النَّفْسَ بِالنَّفْسِ وَالْعَيْنَ بِالْعَيْنِ وَالأَنفَ بِالأَنفِ وَالأُذُنَ بِالأُذُنِ وَالسِّنَّ بِالسِّنِّ وَالْجُرُوحَ قِصَاصٌ فَمَن تَصَدَّقَ بِهِ فَهُوَ كَفَّارَةٌ لَّهُ وَمَن لَّمْ يَحْكُم بِمَا أنزَلَ اللّهُ فَأُوْلَئِكَ هُمُ الظَّالِمُونَ

Ва катабна ъалайҳим фиҳа анна-н- нафса би-н-нафси ва-л-ъайна би-л-ъайни ва-л анфа би-л-анфи ва-л-узуна би-л-узуни ва-с-синна би-с-синни ва-л-ҷуруҳа қисос. Фа ман тасаддақа биҳӣ фа ҳува каффарату-л лаҳ. Ва ма-л лам яҳкум би ма анзалаллоҳу фа улаика ҳуму-з-золимун. 45.

45. Ва фарз гардонидем бар онҳо (яҳудиён) дар он Китоб (Таврот), ки ҳаройина шахс ба ивази шахс аст ва чашм ивази чашм аст, бинӣ ивази бинӣ ва гӯш ивази гӯш ва дандон ивази дандон ва ивази захмҳо мисли он қасос аст. Пас, шахсе афв кунад, пас ин афв вайро каффорат аст. Ва касоне ки мувофиқи он чи Аллоҳ фурӯ фиристодааст, ҳукм накунанд, пас онҳо гуруҳи ситамкоранд.

Чуноне ки аз эзоҳи оятҳои гузашта маълум шуд, яҳудиҳо ҷазои зинокоронро мувофиқи Таврот ҳукм накарданду таҳти ваъиди шадид гирифтор шуданд. Ояти мазкур ҳам барои хилофкориашон дили онҳоро кӯбида бори дигар сарзанишашон мекунад, ки мо дар Таврот оятеро фиристода, иҷрои онро барои бани Исроил фарз гардонида будем, яъне шахсе мисли худро кушад, бояд ӯро ивази кушташуда қасос карда шавад. Онҳо бошанд ба ин ҳам амал накарда, қасдан ба ин ҳукм хилоф намуданд. Яъне агар шахсе аз қабилаиназириҳо бо дасти яке аз қурайзагиҳо кушта мешуд, чуноне ки дар муқаддимаи ояти 41 гузашт, бо ҳукми Таврот қисос мегирифтанд, зеро онҳо дар он асно номдорони қаламрави худ ҳисоб мешуданд. Аммо қурайзагиҳо, дар обрӯ ба назириҳо баробар набуданд, агар назирие қурайзиро мекушт, ба Таврот мухолифат намуда, ба ҷойи қасос дият (қиммат)-ро медоданд. Ҳамчунин дар Таврот Аллоҳтаъоло ҳукми қисоси чашмро дар ивази чашм, биниро дар ивази бинӣ, гӯшро дар ивази гӯш, дандонро дар ивази дандон ва бо ҳамин тартиб дигар захмҳо ба ивази ҳаммонанди Худ ҳукм карда буд. Локин шахси зулмдида аз гуноҳи золим даргузараду авф кунад, ваъдаи Худованд аст, ки Худои аза ва ҷалла аз гуноҳҳои ӯ дар мегузараду ӯро афв мекунад.

Дар қисми охири ояти мазкур омадааст, ки касе мувофиқи он чи Худованд нозил кардааст, ҳукм накунад, пас ӯ золим буда ситами бузургеро анҷом додааст. Ногуфта намонад, ки агарчи сиёқи ояти мазкур хабаре аз ҳукмҳои дар Таврот нозилшуда бошад ҳам, аммо аз ҳадисҳои воридшуда маълум мешавад, ки ингуна ҳукм, чуноне ки дар ривоятҳо омадааст, бе ягон қайду шарт ва бе тағйиру табдил дар шариъати Ислом ҳам қабул карда шудааст. Масалан, Алӣ ибни Абиталҳа бо ривояти Ибни Ҷарир ва Ибни Абиҳотам мегӯяд, ки Ибни Аббос (р) дар ин масъала гуфтанд: «Агар инсон инсонеро қасдан кушад, ӯро кушта мешавад. Агар чашмеро кӯр кунад, чашмашро кӯр карда мешавад. Агар биниеро нобуд созад,

бинии ӯ бурида мешавад. Агар дандони касеро кашад, дандонашро кашида мешавад, агар захме расонида бошад, ӯро мисли он захмин карда мешавад. Дар чунин қисосгирӣ марду зани мусалмон бо ҳам баробаранд, ба он шарте ки ин гуна амалҳо дар нест кардани нафс (инсон) ё модуни нафс (боз доштани аъзо ё нест кардани он) қасдан бошад. Агар қасдан набошад, ҳукми дигар дорад». (Ибни Касир, ҷ. 2, саҳ. 65).

Мувофиқ бо амри Аллоҳтаъоло ҳукм накардан дар ояти қаблӣ ҳукм ба куфр шуд , бо ишораи ин оят сифати золимӣ ҳам ба онҳо ҳамроҳ гардид. Дар ояти зер бошад, дар васфи пайғамбаре, ки баъди Таврот омадаасту ӯ низ соҳиби китоб аст, сухан меравад.

Сураи Моида ояти 46

وَقَفَّيْنَا عَلَى آثَارِهِم بِعَيسَى ابْنِ مَرْيَمَ مُصَدِّقًا لِّمَا بَيْنَ يَدَيْهِ مِنَ التَّوْرَاةِ وَآتَيْنَاهُ الإِنجِيلَ فِيهِ هُدًى وَنُورٌ وَمُصَدِّقًا لِّمَا بَيْنَ يَدَيْهِ مِنَ التَّوْرَاةِ وَهُدًى وَمَوْعِظَةً لِّلْمُتَّقِينَ

Ва қаффайна ъала асариҳим би Ъисабни Маряма мусаддиқа-*л ли* ма байна ядайҳи мина-т-Тавроҳ. Ва атайнаҳу-*л*-Инҷӣла фиҳи ҳуда-в ва нуру-в ва мусаддиқа-*л ли* ма байна ядайҳи мина-т-Тавроти ва ҳудав ва мавъизата-*л лил* муттақин. 46.

46. Ва пас аз он, (баъди пайғамбарони пешин) Исо писари Марямро фиристодем, ки он чӣ, ки пеши ӯ Таврот аст, бовардорандаи ӯ буд. Ва ӯро Инҷил додем, ки дар он ҳидоят ва равшанӣ аст ва тасдиққунандаи он чӣ аз Таврот буд, ки пеши вай аст ва барои Худотарсон ҳидоят ва панд аст.

Баъди оятҳое, ки ба Таврот ишора доштанд, Аллоҳтаъоло ба китоби дигаре, ки номи он Инҷил аст ишора намуда фармудааст, ки пас аз пайғамбарон (думболи онҳо) барои бани Исроил Исо писари Марямро чун идомадиҳандаи кори пайғамбарони қаблӣ, дар ҳоле ки ӯ (а) ба Таврот имон дошту ба он муъмин буд, фиристодем. Бо истисноии баъзе ҳукмҳои Таврот дигар ҳама ҳукмкардаҳои ӯ (а) доимо ба Таврот мувофиқ меомад. Ҳатто Тавротро асоси дину даъвати худ қарор дода буд. Нишонаҳои Исо (а), чуноне ки Таврот хабар дода буд, комилан ба ӯ (а) мувофиқ меомад.

Худованд дар давоми ояти мазкур фармудааст, ки китоби Инҷилро ба Исо (а) ато намуда, дар ихтиёраш гузоштем, ки вай мисли Таврот ҳидояту нур буд. На танҳо Исо (а) тасдиққунандаи Таврот буд, боз Инҷил ҳам, ки китоби осмонист, Тавротро тасдиққунанда буд. Инҷил ҳам монанди Таврот, барои бани Исроил ва барои парҳезгорон мояи ҳидояту панду андарз буд. Оре! Парҳезгорон шахсонеанд, ки доимо дар ҷустуҷӯи роҳи ҳақиқат ва омодаи пазириши сухани ҳақ мебошанд. Ногуфта намонад, ки чаро Худованд дар Қуръони маҷид Тавротро дар ояти 44-ум ва Инҷилро дар ояти таҳти назар, яъне ояти 46-ум ва Қуръонро дар ояти 15-уми ҳамин сура, «нур» гуфтааст? Валлоҳу аълам, ин барои он аст, ки тамоми мавҷудоти ҷаҳон барои идомаи ҳаёти худ ба нур (равшанӣ) шадидан

муҳтоҷанд. Агар нур набошад, тамоми намуди инержиҳо, нерӯҳо, ҳаракатҳо, зебоиҳо суқут мекунанд ва марг ҳамаҷоро ишғол мекунад. Яъне, амал бо онҳо агар амал ба таълимоти китобҳои осмонӣ, бахусус дастуроти китоби охир ва пайғамбари охир набошад, дар ҷомеъа ҳама арзишҳои инсонӣ, чи фардӣ бошанд чи иҷтимоӣ, рӯ ба хомӯшӣ меорнад. Масалан, дар ҷомеъаҳои моддигарой аз баъзе одатҳои ҳамида номашон мондаасту амал ба онҳо нест шудаанд. Ба ҷойи онҳо аксашон дар амал аст. Масалан, бо адл ҳукм кардан, доимо сухани рост гуфтан, аҳли ҳақро дӯст доштану ҳимоя кардан, дар ҳама кор бо олимҳое, ки исломро аз зербинои он мефаҳманд, машаварт кардан чандон боқӣ намондааст.

Хулоса, ҳазрати Исо (а) бо забони худ Тавротро тасдиқ дошт ва китобе ки ба ӯ (а) дода шуда буд, яъне Инҷил ҳам Тавротро дуруст мепиндошт. Алҳамдулиллоҳ, имрӯз мо, бо вуҷуде ки Қуръонро мепазирему маҳз ба он таслиму побанди аҳкоми он ҳастем, тасдиқи онро дорем, ки ҳар китобе, ки осмонӣ бошад, ба он имон дорем ва боварӣ дорем, ки вай аз назди Аллоҳ таъолост. (тафсири. Кобулӣ)

Нозил кардани Инҷил барои чӣ буд, ояти зер баён мекунад.

Сураи Моида ояти 47

وَلْيَحْكُمْ أَهْلُ الإِنْجِيلِ بِمَا أَنزَلَ اللّهُ فِيهِ وَمَن لَّمْ يَحْكُم بِمَا أَنزَلَ اللّهُ فَأُوْلَئِكَ هُمُ الْفَاسِقُونَ

Ва-л яҳкум аҳлул Инҷӣли би ма анзалаллоҳу фиҳ. Ва ма-л лам яҳкум би ма анзалаллоҳу фа улаика ҳуму-л-фасиқун. 47.

47. Ва бояд аҳли Инҷил ба он чи Худо дар вай фурӯ фиристодааст, ҳукм кунанд. Ва касоне, ки ба он чи Худо фурӯ фиристодааст, ҳукм намекунанд, пас, онҳо фосиқ (бадкор)-анд.

Аллоҳ таъоло зимни ояти мазкур мисли аҳли Таврот аҳли Инҷилро низ фармудааст, ки бояд аҳли Инҷил ҳам дар замони худ ба ҷамиъиончи дар Инҷил аст, имон оранд ва ҳар кореро, ки онҳо ба вай амр шудаанд, барпо доранд. Аз он ҷумла, ба башорати омадани Пайғамбари охируззамон (с) низ имон оранд. Ҳамчунин агар ӯ (с)-ро дарёфтанд, мувофиқи он ҳукме, ки дар Инҷил омадааст, ҳукм кунанд ва аз ӯ итоат кунанд. Таъкиди ин гуфтаҳо дар ояти 68-уми ҳамин сура чунин омадааст, ки эй Муҳаммад (с) ба онҳо бигӯ, ки ай аҳли Китоб шумо, то ин ки аҳкоми Таврот ва Инҷилро, ки аз тарафи Парвардигор барои шумо фурӯ омадааст барпо надоред, ҳеҷ чиз нестед.

Дар сураи «Аъроф», ояти 157-ум низ омадааст, ки онон аз рӯйи сидқ пайғамбареро пайравӣ кунанд, ки ёфтанд сифаташро навишташуда назди худ дар Таврот ва Инҷил ва ӯ мефармояд онҳоро ба кори писандида ва манъ мекунад онҳоро аз корҳои нописандида.

Дар охир фармудааст, ки он гурӯҳе, ки имон овардаанд, ононанд растагорон.

Дар охири ояти мазкур омадааст, ки шахсоне, ки мувофиқи ҳукми Аллоҳ фиристода ҳукм намекунад ӯ фосиқанд. Яъне чунин шахс ба сӯйи ботилҳо моил, тарккунандаи роҳи ҳақ, ба сифати Ҳаққтаъоло кофир, дар ҳукмҳои худ золим, дар

феълҳои худ фосиқ ва аз доираи тоъати Ҳаққтаъоло хориҷ аст. Дастури илоҳӣ барои масеҳиён он буд, ки бо сабаби рағбати зиёд доштан ба дунё, ё аз бими мардум набояд ҳукмҳои Инҷилро тарк созанд. Оре! Ба Инҷил пеш аз биъсати Муҳаммад (с) ҳукм кардан ҳаққ буд. Аммо пайравони Инҷил дар чандин ҷойи китоби худ қаблан хондаву дидаанд, ки онҳо маъмуранд баъд аз омадани Муҳаммад (с) ва нозил шудани Қуръон бояд, албатта, аз ӯ (с) пайравӣ кунанд. Зеро Қуръон ба ғайри он бахшҳое, ки Инҷил дораду мухолифи Қуръон нестанд, дигар ҳама ҳукмҳои вайро мансух (аз амал манъ) намуд. Зеро то Қиёмат Қуръон мукаммал боқӣ мемонад.

Ояти зер дар шаъни Ислом аст, ки аз тарафи Аллоҳ таъоло барои инсонҳо интихоб шудааст. Дор он Худованд ба Пайғамбари худ хитоб намудааст:

Сураи Моида ояти 48

وَأَنزَلْنَا إِلَيْكَ الْكِتَابَ بِالْحَقِّ مُصَدِّقًا لِّمَا بَيْنَ يَدَيْهِ مِنَ الْكِتَابِ وَمُهَيْمِنًا عَلَيْهِ فَاحْكُم بَيْنَهُم بِمَا أَنزَلَ اللّهُ وَلاَ تَتَّبِعْ أَهْوَاءهُمْ عَمَّا جَاءكَ مِنَ الْحَقِّ لِكُلٍّ جَعَلْنَا مِنكُمْ شِرْعَةً وَمِنْهَاجًا وَلَوْ شَاء اللّهُ لَجَعَلَكُمْ أُمَّةً وَاحِدَةً وَلَكِن لِّيَبْلُوَكُمْ فِي مَا آتَاكُم فَاسْتَبِقُوا الخَيْرَاتِ إِلَى الله مَرْجِعُكُمْ جَمِيعًا فَيُنَبِّئُكُم بِمَا كُنتُمْ فِيهِ تَخْتَلِفُونَ

Ва анзална илайка-л-китаба би-л-ҳаққи мусаддиқа-л ли ма байна ядайҳи мина-л-китаби ва муҳайминан ъалайҳ. Фаҳкум байнаҳум би ма анзалаллоҳ. Ва ла та-т-табиъ аҳвааҳум ъамма ҷаака мина-л-ҳаққ. Ли куллин ҷаъална минкум ширъата-в ва минҳаҷа. Ва лав шааллоҳу ла ҷаъалакум уммата-в ваҳидата-в ва лаки-л ли яблувакум фи ма атакум. Фастабиқу-л-хайрот. Илаллоҳи марҷиъукум ҷамӣъан фа юнаббиукум би ма кунтум фӣҳи тахталифун. 48.

48. Ва ба ростӣ ба сӯйи ту Китобро фурӯ фиристодем, он чӣ аз Китобе ки пеш аз вай буд, боваридоранда ва нозиру нигаҳбон бар вай аст, пас, миёни онҳо бо он чӣ Аллоҳ фурӯ фиристодааст, ҳукм кун ва аз он чи ки ба ту аз ҳукми рост омад, онро вогузашта хоҳиши онҳоро пайравӣ макун. Барои ҳар гурӯҳе аз шумо шариъате ва роҳе муқаррар сохтаем. Ва агар Аллоҳ мехост, шуморо як уммат мегардонид, валекин хост, ки шуморо дар он чӣ ба шумо додааст, биёзмояд, пас, ба сӯйи некӯкорӣ шитоб кунед. Бозгашти шумо ҳама як ҷо ба сӯйи Аллоҳ аст, пас, шуморо ба он чӣ дар он ихтилоф мекардед, хабар диҳад.

Баъди баёни сифати Таврот ва Инҷил, ки дар оятҳои қаблӣ гузашт, дар ин оят ба зикри Қуръони Азим, ки онро Аллоҳ таъоло бар банда ва Расули Худ фиристодааст, шурӯъ намуда, бо хитоб ба Расули Худ гуфтааст, ки мо ин китоб, яъне Қуръонро ба ростие, ки дар вай ҳеҷ шакке нест, аз назди Худ ба сӯйи ту фиристодем. Ва ҳама он китобҳоеро, ки ба пайғамбарони қаблӣ нозил шуда буд, тасдиқ дорад. Зеро дар онҳо чунин омада буд, ки ба зудӣ аз назди Аллоҳ таъоло китоби дигаре барои бандаи Худ, Муҳаммад (с), нозил мешавад. Дар ҳақиқат ҳам, чуноне, ки китобҳои қаблӣ мужда расониданд, Қуръон нозил шуд. Китобҳои

пешин дарбаргирандаи даъват ба сӯйи ягонагии Аллоҳ таъоло, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар буданд, Қуръон ҳам идомадиҳандаи ин барнома аст. Ҳамчун нозиру амин, шоҳидӣ бар он медиҳад, ки китобҳои нозилшудаи қаблӣ дар замони худ саҳеҳу дуруст буданд. Ҳоло Қуръон собит месозад, ки баъзе амонатҳои илоҳие, ки дар онҳо буданд, дар Қуръони карим бе ягон табдилу таҳриф мансух нашуда, маҳфузанд. Аммо баъзе чизҳои фаръие, ки махсуси он рӯзгор буд ва барои он замон муҳим буданд, Қуръон онҳоро мансух гардонида, он ҳақиқатҳои нотамомеро, ки дар онҳо буданд, комил сохта, таълимоти илоҳӣ будани онҳоро тасдиқ намуд.

Хулоса, Қуръон китоби охири илоҳӣ, фишурда ва хулосаи тамоми китобҳои қаблӣ буда, то охир боқӣ мемонад. Башар ба нозил шудани китоби дигаре мӯҳтоҷ нест.

Қуръон китобҳои қаблиро баҳои ҳақиқӣ медиҳад. Ҳар ҳукме агар аз китобҳои қаблӣ пайдо шавад, Қуръон ҳаками он аст. Агар доварӣ кунад, қабул ва агар радд кунад, мансух аст. Ихтилофҳои дар онҳо пайдошударо фақат Қуръон ҳал мекунад.

Бинобар ин дар давоми ин оят Аллоҳтаъоло Пайғамбари Худро амр намудааст, ки ту байни мардум, хоҳ арабанду хоҳ аҷам, мувофиқи он ҳукмҳое, ки анбиёи қаблӣ ҳукм мекарданд ва онҳоро дар шариъати ту низ қарор додему мансух нашудаанд ва Худованд дар Қуръон барои ту онҳоро нозил кардааст, ҳукм кун! Ҷумҳури уламо иттифоқ бар он доранд, ки ҷузъи ояти 43-уми ҳамин сура, ки мувофиқи он Расулуллоҳ (с) байни мардуми аҳли китоб ба ҳукм кардан ё накардан мухайяр буд, бо ин ҷузъи оят мансух (аз ҳукм манъ) шудааст.

Дар давоми ояти мазкур Аллоҳ таъоло Расули Худ (с)-ро наҳи намудааст, ки зинҳор ба зинҳор агар ҳавою ҳавас ва хоҳишоти аҳли китоб мухолифи Қуръон бошанд, пайрави хоҳишҳои онҳо мабош. Дар ривояте омадааст, ки як гурӯҳ яҳудиҳо назди Расулуллоҳ (с) омада машварат ороста гуфтанд: "Биёед, баъзе ҳукмҳоро, аз он ҷумла сангсори зинокорҳо ва монанди онро, (ки дар Таврот онҳоро тағйир дода буданд) аз Қуръон ҳам бекор эълом кунем ва баъзе маслиҳатҳое, ки мо дорем, агар қабул кунӣ, мо ба ту имон меорем. Дар ҳол, Аллоҳ таъоло ба Расули Худ гуфт, ки пайрави хоҳишоти мардум нашав, ҳукми Аллоҳро дар амал ҷорӣ соз! Маълум мешавад, ки дини Ислом барои ҳама халқҳо, барои ҳама замонҳо ва макони салоҳият дошта, дини оламшумул аст.

Агар билфарз, барои хотири қавми ҷоҳил ягон хоҳиши онҳо ба инобат гирифта шавад, фардо боз қавми дигар хоҳишу талаботи дигаре барои дигаргун кардани ҳукми дигаре мурочиъаткунон меоянд. Ислом, ки дини мукаммал асту болои динҳо нозиру довар аст, намегузорад, ки ҳукме мухолифи он бошад, ё онро роиҷ донад. Яъне агар хоҳишоти мардум мухолифи Қуръон бошанду ба инобат гирифта шаванд, дар чунин сурат Қуръон сифати худро гум сохта, мисли Таврот, ё Инҷил бозичаи дасти мардуму мухолифон мегардад. Аз ҳамин ҷиҳат, Аллоҳ таъоло дар ҷумлаҳои зер ҳақиқатро баён кардааст, ки мувофиқи урфу одати ҳар уммат (халқ) шариъате ва роҳу равише дар замони худ қарор додаем.

Яъне барои пайравони Таврот, Инҷил ва Қуръон шариъат (барнома)-е муайян аст. Масалан, барои яҳудиҳо роҳу шариъате муайян шудааст, барои насоро ҳам ва барои аҳли Қуръон низ.

Баъзе чизҳо дар он шариъатҳо ҳалол ва баъзеро ҳаром ҳукм карда шуд, то ин ки итоъаткунандаро аз ёғӣ дониста шавад.

Хулоса, дине, ки ғайри тавҳидӣ (яктопарастӣ) бошад, назди Аллоҳ таъоло қабул нест. Шариъати Пайғамбарон дар аҳком бо ҳам тафовут дошта бошанд ҳам, локин дар асли эътиқоду ихлос, яъне Аллоҳро якка донистан, ба ҷамъи пайғамбарон имон овардан, ба омадани рӯзи Қиёмат ва ҷазою ё подош дар он рӯз якканд. Агар Аллоҳ мехост, аз аввал ҳамаи мардумро як уммат, уммат карда як дин, як шариъате, ки ҳеҷ гоҳ мансух намешуд, қарор медод.

Локин мардуми гуногун ва шариъати гуногунро пайдо кард. Ҳикмат дар чист ва барои чӣ ин хел шуд? Агарчанде ба ин саволҳо ояти зер ҷавоб диҳад ҳам, локин мухтасаран ҷавоб ин аст, ки Ӯ таъоло барои он чунин кард, ки бандагонро имтиҳон кунад, итоъаткунандаҳо ва шахсоне, ки пойбанди ин ё он шариъатанд, оё ба шариъати баъдӣ итоат мекунанд ё не. Агар итоат мекунанд, онҳоро савоб дода шавад ва агар осӣ мешаванд, онҳоро ҷазо дода шавад. Аз он ҷумла имтиҳони бузург барои мардуми кураи Замин омадани шариъати Муҳаммад (с) аст, ки он ҷамиъи шариъатҳои қаблиро мансух (аз амал манъ) намудааст. Оё мардум ба он амал мекунанд, ё аз он чашм мепӯшанд?

Маълум мешавад, ки касе ба ин шариъати охирин амал кунад, гӯё ба ҷамиъи шариъатҳои қаблӣ амал кардааст. Модоме ки чунин аст, Аллоҳ таъоло мефармояд, ки барои анҷоми корҳои хуб, ба сӯйи тоъати Парвардигор шитобед ва аз ҳамдигар пешгузарӣ кунед, зеро бозгашти ҳамаи шумо ба сӯйи Худост. Чун шумо ҳама ба сӯи Аллоҳ боз мегардед, ба шумо дар бораи он чизҳое, ки байни худ, (аҳли ҳаққ ва аҳли ботил) ихтилоф доштед, хабари дуруст медиҳад ва аз ҳамдигар бо гурӯҳҳо ҷудо месозад.

Ояти зер таъкиди оятҳои қаблӣ буда, дар он фармудааст.

Сураи Моида ояти 49

وَأَنِ احْكُم بَيْنَهُم بِمَا أَنزَلَ اللّهُ وَلاَ تَتَّبِعْ أَهْوَاءهُمْ وَاحْذَرْهُمْ أَن يَفْتِنُوكَ عَن بَعْضِ مَا أَنزَلَ اللّهُ إِلَيْكَ
فَإِن تَوَلَّوْاْ فَاعْلَمْ أَنَّمَا يُرِيدُ اللّهُ أَن يُصِيبَهُم بِبَعْضِ ذُنُوبِهِمْ وَإِنَّ كَثِيراً مِّنَ النَّاسِ لَفَاسِقُونَ

Ва аниҳкум байнаҳум би ма анзалаллоҳу ва ла та-т-табиъ аҳвааҳум ваҳзарҳум ай яфтинука ъан баъзи ма анзалаллоҳу илайк. Фа ин таваллав фаълам аннама юрӣдуллоҳу ай юсӣбаҳум би баъзи зунубиҳим. Ва инна касӣра-м мина-н-наси ла фасиқун. 49.

49. Ва фармуд, ки миёни онҳо мувофиқи он чӣ Аллоҳ фурӯ фиристодааст, ҳукм кун ва хоҳишоти онҳоро пайравӣ макун ва аз онҳо ҳазар кун ки (мабодо) аз баъзе он чӣ Аллоҳ ба сӯйи ту нозил гардонидааст, туро фиреб диҳанд! Пас, агар

рӯй гардонанд, бидон, ки албатта, Аллоҳ, мехоҳад, ки онҳоро ба сазои гуноҳҳояшон бирасонад. Ва ҳаройина, бисёрии аз мардум фармонбардор нестанд.

Сабаби нузули ояти мазкурро бо ривояте аз Ибни Аббос (р) чунин гуфтаанд, ки Каъб ибни Асад, Абдуллоҳ ибни Суриё ва Шос ибни Қайси яҳудӣ бо ҳамдигар маслиҳат ороста гуфтанд, ки биёед назди Муҳаммад меравем, то битавонем ӯро аз динаш бозгардонем. Онҳо назди Расулуллоҳ (с) омаданду гуфтанд: "Ай Муҳаммад! Ту медонӣ, ки мо донишмандони яҳуд ва ашрофу роҳбарони онҳо ҳастем, агар мо аз ту пайравӣ кунем, тамоми яҳудиён аз мо пайравӣ мекунанд. Пешниҳоди мо ба ту ин аст, ки миёни мо ва қавми мо хусумате ҳаст, мо дар ин хусумат туро ҳакам (довар) месозем, агар ту бо нафъи мо доварӣ кунӣ, дар ин сурат мо ба ту имон оварда, пайравит мешавем. Ҳамоно буд, ки ояти мазкур нозил шуд, Аллоҳтаъоло зимни ояти мазкур Ҳабиби худ (с)-ро фармуд, ки агар аҳли китоб дар ихтилофоти худ даст ба гиребон шаванду назди ту оянд, аз ҷониби Аллоҳтаъоло барои ту амр шудааст, ки хоҳишоти онҳоро пайравӣ накун, балки байни онҳо мувофиқи ончи барои ту Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм кун. Расулуллоҳ (с) амину маъсум аст, то ин ки умматаш ба ӯ (с) иқтидо кунанд ва то умеди тамоми аҳли ҳавоу ҳавас (яъне пешвоёни яҳудон) аз инҳо ба куллӣ канда шавад. Худованд ҳушдор додааст, ки аз чунин душманони дурӯғгӯи хиёнаткори пӯшандаи ҳақ барҳазар бош, ки мабодо туро аз роҳи шариъати ростини Аллоҳтаъоло дар фитна андозанд! Агар байни онҳо мувофиқи ончи Аллоҳ барои ту нозил кардааст, ҳукм кунию онҳо аз ин ҳукм рӯй гардонанд, пас бидон ки ин рӯй гардонидани онҳо аз он ҷиҳат аст, ки Худованд ирода кардааст, ки онҳо бояд дар муқобили гуноҳҳояшон ба ҷазо бирасанд. Агар дар ин дунё ба ҷазо бирасанд, ин барои танбеҳи гунаҳкорон ва бинандагон аст. Аммо дар охират бошад сазои шадидтар ва сазовортареро, албатта, мекашанд. Дар ҷумлаи охири ояти мазкур ба хотири малол нагардидани Пайғамбар (с) Аллоҳ таъоло хабар додааст, ки бандагони итоъаткор ҳамеша дар дунё, чуноне ки дар ояти 103-юми сураи «Юсуф» омадааст, камшуморанд. Аксари мардум фосиқ буда, чандон фармонбардор нестанд. Онҳо аз тоъати Парвардигор хориҷу мухолифи ҳақ буда, дар корҳои гуноҳ бисёр шитобкоранд ва аз сарҳади дин қадам ба берун ниҳодаанд.

Ояти зер ин қазияро идома медиҳад:

Сураи Моида ояти 50

أَفَحُكْمَ الْجَاهِلِيَّةِ يَبْغُونَ وَمَنْ أَحْسَنُ مِنَ اللَّهِ حُكْمًا لِّقَوْمٍ يُوقِنُونَ

А-фа ҳукма-л-ҷаъҳилийяти ябғун. Ва ман аҳсану миналлоҳи ҳукма-л ли қавмий йуқинун. 50.

50. Оё онҳо ҳукми даврони ҷоҳилиятро аз ту мехоҳанд? Ва барои қавме ки ба (бузургии Аллоҳ) яқин доранд, чӣ касе аз Аллоҳ (дида) ҳукмкунандаи беҳтар аст?

Бо назардошти маънои ояти мазкур қонунҳою созмонҳои ғайриисломӣ, чи пеш аз Ислом бошанд ва ё баъд аз он, қонунҳои ҷоҳилият мебошанд. Яъне ҷоҳилият хос ба давру замонеу макон ва ё қавме набудааст. Зимни ояти мазкур бо саволи инкорӣ Аллоҳ таъоло фармудааст, ки Нур-(Қуръон) барои тамоми инсонҳои курраи Замин, новобаста аз замону макон, қавму нажод, ҳамчун як қонуни умумӣ омадааст. Ин қонунҳоро паси сар гузошта, ҳаллу фасли корҳои худро (гӯё, ки дар замони ҷоҳилият зиндагонӣ карда истодаанд) аз ғайри он дархост мекунанд? Яъне ҳар касе ба ғайри ҳукмҳои исломӣ дигар ҳукмҳоро ҷӯё шавад фарқ надорад номи он қонун чи ки набошад, гӯё ӯ дар замони ҷоҳилият зиндагонӣ дорад. Маълум мешавад, ки шахсоне, ки барои ҳаллу фасли корҳои худ ҳукмҳои Қуръонро эътибор надода, дар пайи кофту кови ҳукмҳои ҷоҳилият мешаванду розигии худро медиҳанд, чунин инсонҳо ба ҳукуматҳои Худо итоъат надоранд. Оё барои мардуме, ки ба Аллоҳ имони комил доранд, аз ҳукми Аллоҳ дида ҳукми ҳокиме хубтару писандидатар аст? Ҳаргиз! Касе даъвои он дошта бошад, ки бояд мардум мувофиқи, қонуни сохтаи ман зиндагонӣ кунанд, ӯ худро дар сифате аз сифатҳои Аллоҳтаъоло шарик сохтааст. Аз он ҷумла, дар замони начандон дур тоторҳо мувофиқи сиёсати подшоҳашон Чингизхон ва атрофиёнаш аз қонунҳои яҳудия ва насоро ва Ислом ва ғайра китобе тартиб дода буданд. Бисёрии қонунҳои он аз ҳавас ва аз хоҳишоти подшоҳашон бархурдор буд, он китобро дар амал ҷорӣ карда буданд ва чунин қонунҳои вазъиро аз китоби Аллоҳтаъоло (Қуръон) ва суннати Расулуллоҳ (с) муқаддам медонистанд. Ҳукми ин гуна шахсон ба оятҳои 44-45-47-уми ҳамин сура ҳавола мешавад.

Ҳофиз Абулқосим Табаронӣ ҳадисеро аз Ибни Аббос (р) ривоят кардаанд, ки Расулуллоҳ (с) чунин гуфтанд: "Манфуртарини инсон назди Расулуллоҳ (с) ду нафар аст: 1-ум шахсе, ки дар Ислом суннат (одат)-и замони ҷоҳилиятро талаб мекунад. 2-юм шахсе аст, ки резонидани хуни ноҳаққро талаб дорад..."

Ин ҳадис дар «Саҳеҳ»-и Бухорӣ бо зиёдатии калимаҳо ва бо исноди Абилямонӣ низ омадааст.

Дар оятҳои қаблӣ нияту кирдори яҳуду насоро маълум шуд. Акнун бо онҳо чӣ хел муносибат кардан лозим, аз ояти зер рӯшан мешавад.

Сураи Моида ояти 51

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ لاَ تَتَّخِذُواْ الْيَهُودَ وَالنَّصَارَى أَوْلِيَاء بَعْضُهُمْ أَوْلِيَاء بَعْضٍ وَمَن يَتَوَلَّهُم مِّنكُمْ فَإِنَّهُ مِنْهُمْ إِنَّ اللّهَ لاَ يَهْدِي الْقَوْمَ الظَّالِمِينَ

Йа айюҳа-л-лазӣна аману ла таттахизу-л-яҳуда ва-н-насора авлийаа. Баъзуҳум авлийау баъз. Ва ма-й ятаваллаҳум-м минкум фа иннаҳу минҳум. Инналлоҳа ла яҳди-л-қавма-з-золимӣн. 51.

51. Эй касоне ки имон овардаед, яҳуд ва насороро дӯст магиред. Баъзе онҳо дӯсти якдигаранд. Ва касе ки аз шумо онҳоро дӯст дорад, пас, ҳамоно ӯ аз ҷумлаи онҳост. Ҳаройина, Аллоҳ қавми золимро ҳидоят намекунад.

Ривояти бисёре сабаби нузули ин оятро тақрибан бо як маъно ифода мекунанд. Яке аз онҳо бо ривояти Садӣ чунин аст. Ояти мазкур дар бораи ду нафаре нозил шудааст, ки яке аз онҳо баъди ғазои Уҳуд, ки дар он мусалмонҳо муваққатан шикаст хӯрданд, ноумед шуда ба рафиқаш гуфт: "Ман пеши фалон яҳудӣ меравам ва ба дини ӯ медароям, то ин ки хатаре ё ҳодисае рӯйи диҳад, дар амон бошам, барои ман ин амал судманд аст." Дигаре аз онҳо гуфт: "Ман ҳам ба Шом ба назди фалон насронӣ рафта ба дини ӯ медароям ва ба вай паноҳ мебарам." Дигар ривоятҳо низ вуҷуд доранд.

Ба ҳар тақдир, Худованд мусалмонҳоро аз ҳамкорӣ ва дӯст гирифтани яҳудиҳо ва насрониҳо бо шиддат бар ҳазар кунонида, дар нахуст ҷумлаи ин оят фармуд, ки ай касоне, ки имон овардаед, яҳуду насороро ҳамчун такягоҳ ё ҳампаймон ба хотири ҷалби манфиъатҳои дунё дӯсту ҳамсир нагиред. Зеро имони ростин ба чунин рафтори соҳибаш зидд аст. Ба ҷои онҳоро дӯст гирифтан Худо ва Расули Ӯ ва мусалмонҳоро дӯсту ёвар гиред. Зеро ғайримусалмонҳо бо шумо ҳеҷ вақт дӯст намешаванд.

Онҳо агарчи миллаташон дигар бошаду байнашон ноиттифоқӣ бошад ҳам, дар муқобили мусалмонон бо ҳам ҳамфикранд.

Зеро ҳамаи куфр як миллат ҳисоб аст. Бо онҳо бояд эҳтиёткорона муносибат кард.

Бо ривояте хитоби ояти мазкур барои мунофиқон аст, зеро дар зоҳир онҳо мусалмон буданд, локин бо яҳуду насоро паймони дӯстӣ барқарор мекарданд. Ин ҳақиқатро бояд мусалмонон фаҳманд, ки касе бар хилофи ояти мазкур ғайри динро дӯсту ёвари худ гирад, донад ки ӯ ҳам аз онҳо ҳисобида шуда ва ҳукмаш дар дунё ва охират мисли ҳукми онҳост. Бо ибораи дигар, агар мусалмоне кофирҳоро дӯст гирифта, бо онҳо як шавад ва онҳоро наздикони худ шуморад, бе шубҳа, ӯ алоқаи худро аз мусалмонӣ бурида, ба худ зулм кардаву, дар сафи кофирон ҷой гирифтааст.

Дар давоми ояти мазкур омадааст, ки Худованд золимонро дӯст намедорад. Оре! Шахсоне, ки кофиронро дӯст мегиранд, аввалан худро ва сониян ҷамъияти мусалмононро зулм кардаанд. Худованд қавми золимонро ҳаргиз ба роҳи имон ҳидоят намекунад. Аммо масъалаи сулҳ бо кофирон ин масъала дигар аст, ки дар сураи «Анфол», ояти 61, иншоаллоҳ, меояд. Дар ояти баъдӣ симои шахсоне, ки дилашон аз марази нифоқ ба танг омадаасту узртарошӣ мекунанд, баръало мешавад.

Сураи Моида ояти 52

فَتَرَى الَّذِينَ فِي قُلُوبِهِم مَّرَضٌ يُسَارِعُونَ فِيهِمْ يَقُولُونَ نَخْشَى أَن تُصِيبَنَا دَآئِرَةٌ فَعَسَى اللّهُ أَن يَأْتِيَ بِالْفَتْحِ أَوْ أَمْرٍ مِّنْ عِندِهِ فَيُصْبِحُواْ عَلَى مَا أَسَرُّواْ فِي أَنْفُسِهِمْ نَادِمِينَ

Фа тара-л лазина фӣ қулубиҳим маразу-й юсариъуна фӣҳим яқулуна нахша ан тусӣбана доираҳ. Фа ъасаллоҳу ай яътия би-л-фатҳи ав амрим мин ъиндиҳӣ фа юсбиҳу ъала ма асарру фи анфусиҳим надимӣн. 52.

52. Пас, касоне, ки дар дилҳояшон мараз ҳаст, мебинӣ, ки дар дӯстии онҳо (яҳуд ва насоро) шитоб мекунанд ва мегӯянд: «Аз расидани гардиши замон метарсем». Пас, шояд, ки Аллоҳ аз назди Худ фатҳу нусрат ё кори дигареро биёрад, пас, бар он сухане ки дар нафсҳои худ пинҳон доштанд, пушаймон шаванд.

Барои фаҳмидани сабаби нузули ояти мазкур ривояти зер хеле дуруст ба назар мерасад. Имом ибни Ҷарир аз Идрис (р) ривоятеро дар сабаби нузули ин оят оварда гуфтаанд, ки Идрис (р) овард: Ман аз падарам ва ӯ аз Атий ибни Саъд шунидааст, ки ӯ чунин гуфта, ки Убода ибни Сомити хазраҷӣ назди Расулуллоҳ (с) омада гуфт: "Ай Расулаллоҳ (с), ман аз яҳудиҳо дӯстони бисёре дорам, локин барои ризои Аллоҳ ва Расули Ӯ аз дӯстии онҳо даргузаштам, ҳоло бошад дӯсти ман Аллоҳ ва Расули Ӯст." Дар ин асно сардори мунофиқони он давр Абдуллоҳ ибни Убай онҷо ҳозир буд гуфт: "Ман аз гардиши замон хавф дорам, ҳоли ҳозир аз дӯстони яҳудиям даст кашида наметавонам. Расулуллоҳ (с) ба ӯ гуфт: Эй Абулҳабоб, онҳо аз они ту."

Ин ё сабаби дигар буд, ки Аллоҳтаъоло Расули худ (с)-ро хитоб намудааст, ки дар байнатон шахсонеро мебинӣ, ки дилҳои онҳо аз марази шакку нифоқ чунон бемор аст, ки ҳатто ба ваъдаҳои Аллоҳтаъоло бовар надошта, дар ҳақ будани мусалмонон яқин надоранд. Онҳо дӯстии яҳуду насороро тарк накарда, ба оғӯши куфр мешитобанд. Ин бемордилон мегӯянд мо аз ҳодисаҳои ногувори ин давру замон метарсем, раваду агар онҳо бар сари шумо ғолиб оянд, гӯё бар сари мо бало меояд. Ҳоло дӯстиро аз онҳо канда накунем, агар рафту онҳо ғолиб шаванд, мо дар ҳимояву паноҳи онҳо дар амон мемонем.

Хулоса, мунофиқон дар ин масъала фикри яктарафа намуда андеша накарданд, ки рафту Ислом ғалаба кунад ё кори дигаре аз қудратҳои Аллоҳтаъоло болояшон пайдо шаваду тамоми умеди мунофиқон аз дӯстонашон канда шавад, он гоҳ чӣ кор мекунанд?

Аллоҳтаъоло дар давоми ояти мазкур барои радди онҳо, Набии худ (с)-ро башорат ва ваъда ба фатҳу нусрат дода фармудааст, ки наздик аст Аллоҳ таъоло фатҳу пирӯзии Муҳаммад (с)-ро бар коифрони Макка биёрад (ё кори дигареро биёрад), ки шаъну шавкати яҳудиҳоро дар ҳам шиканад, ҳар сире, ки мунофиқон доранд, ошкор шавад. Дар он вақт мунофиқон пушаймон шаванд, ё нашаванд барои онҳо дигар чӣ фоида мерасад?

Шахси муъмин бояд доимо ботини худро аз нифоқ пок созад ва бо кофиру мунофиқ талоши дӯстӣ накунад.

Вақто ки душманони Ислом ва мунофиқон ғалабаву фатҳи умумии Маккаро диданд, аз шиддати надомат ва афсӯс каф ба каф мемолиданд. Ва чун диданд, ки баъзе аз ҳампаймонони яҳуд ва насорояшон кушта, ё ҷилои Ватан карданд, тамоман ҳавсалаҳояшон гирифту танг шуд. Ҳама умедҳои онҳо барбод рафту сароҳатан дурӯғгӯии онҳо, дар нисбати мусалмонон ошкор шуд ва он дӯстие, ки

бо яҳуду насоро доштанд, зоеъ гардид. Хусрони (зарари) дунё ва ҳалоки абадии охират насибашон гашт. Ояти зер ин маъноро таъкид мекунад.

Сураи Моида ояти 53

وَيَقُولُ الَّذِينَ آمَنُواْ أَهَـؤُلاء الَّذِينَ أَقْسَمُواْ بِاللّهِ جَهْدَ أَيْمَانِهِمْ إِنَّهُمْ لَمَعَكُمْ حَبِطَتْ أَعْمَالُهُمْ فَأَصْبَحُواْ خَاسِرِينَ

Ва яқулу-*л лазӣна* аману а-ҳаулаи-*л-лазӣна* ақсаму биллаҳи ҷаҳда айманиҳим иннаҳум *ла* маъакум. ҳабитат аъмалуҳум фа асбаҳу хосирӣн. 53.

53. Ва мусалмонон мегӯянд: «Оё ҳамон мардум (мунофиқон)-анд, ки бо сахттарин савгандҳои хеш қасам мехӯранд, ки албатта, (имрӯз) онҳо ҳамроҳи шумоянд?». Барбод рафт амалҳояшон, пас, зиёнкор гаштанд.

Ояти мазкур ҳоли мунофиқоне, ки маразн нифоқ дилҳояшонро алайҳи мусалмонон ба дард оварда буд, баён мекунад. Яъне онҳо гуфтанд, ки агар яҳуду насоро бар мусалмонон ғалаба кунанд, моро паноҳ надиҳанд, пас мо чӣ кор мекунем? Ҳоло бошад диданд, ки фатҳу пирӯзӣ насиби мусалмонон гаштааст, яҳуду насоро рӯ ба шикасту по ба фирор гузоштанд, мусалмонон суруди фатҳу зафар хонда истодаанд. Онҳо ба яҳудиҳо, чуноне ки дар сураи «Ҳашр», ояти 11-ум меояд, ваъда дода буданд, ки агар мусалмонон бо шумо биҷанганд, мо ба ёрии шумо бар мехезем, ҳоло ба мунофиқон чӣ бало расидааст, ки дар як кунҷе ҷамъ шудаанду чӣ кор карданашонро намедонанд? Дар он асное, ки нифоқи мунофиқон ошкор шуд, мусалмонон аз рӯйи тааҷҷуб гуфтанд, ки оё ин мунофиқон касоне нестанд, ки барои дӯстони яҳудиашон бо таъкид қасам хӯрда буданд, ки агар муъминҳо ба ҷанги шумо бархезанд, мо тарафдори шумо шуда шуморо ёрӣ медиҳем? Ҳоло ба онҳо чӣ расидааст, ки ба аҳдашон вафо намекунанд? Ё муъминҳо яхудиёнро хитоб намуда, ба мунофиқон ишора карда гуфтанд, ки имрӯз дидед, дӯстие, ки мунофиқон бо шумо доштанд, табоҳ шуду аз дасташон барои кумаки шумо ҳеҷ чиз наомад?

Дар ҳақиқат, мунофиқон агар ибодатеро, ё амали некеро ба ҷо оранд, он амалашонро бо нифоқ анҷом медиҳанд. Дар қиёмат барои онҳо аз ин гуна амалҳо ҳеҷ фоидае набуда, дар дунё ва охират онҳо зиёндидагонанд. Зеро сарчашмаи амалҳои онҳо беихлос буда, аз ҳар гуна амалҳои табоҳкунанда холӣ нест.

Хулоса, мунофиқон бо ин дурӯябозияшон ба дин ҳеҷ зиёне расонида натавонистанд, зеро Аллоҳ таъоло нигаҳдорандаи ин дин аст. Ояти зер инро баён мекунад.

Сураи Моида ояти 54

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ مَن يَرْتَدَّ مِنكُمْ عَن دِينِهِ فَسَوْفَ يَأْتِي اللّهُ بِقَوْمٍ يُحِبُّهُمْ وَيُحِبُّونَهُ أَذِلَّةٍ عَلَى

الْمُؤْمِنِينَ أَعِزَّةٍ عَلَى الْكَافِرِينَ يُجَاهِدُونَ فِي سَبِيلِ اللّهِ وَلاَ يَخَافُونَ لَوْمَةَ لآئِمٍ ذَلِكَ فَضْلُ اللّهِ يُؤْتِيهِ مَن يَشَاء وَاللّهُ وَاسِعٌ عَلِيمٌ

Йа айюҳа-л-лазӣна аману ма-й яртадда минкум ъан дӣниҳӣ фа савфа яътиллаҳу би қавми-й юҳиббуҳум ва юҳиббунаҳу азиллатин ъала-л-муъминӣна аъиззатин ъала-л каъфирӣна юҷаҳидуна фӣ сабӣлиллаҳи ва ла яхофуна лавмата лаим. залика фазлуллоҳи юътӣҳи ма-й яшаъ. Валлоҳу васиъун Ъалим. 54.

54. Эй касоне, ки имон овардаед, касе ки аз шумо аз дини худ бозгардад, пас, наздик аст, ки Худо қавмеро меорад, ки Худо онҳоро дӯст медорад ва онҳо Ӯро дӯст медоранд, барои муъминон фурутананду нармдиланд, бар кофирон дурушттабиъатанд, фурутананд дар роҳи Аллоҳ набард мекунанд ва аз маломати ҳеҷ маломаткунанда наметарсанд. Ин фазли Худост, касеро, ки бихоҳад, онро хоҳад дод. Ва фазли Аллоҳ васеъ (аст)ва Худованд доност.

Баъди ин ки дар оятҳои қаблӣ дӯстӣ варзидан бо куффор, чун навъе аз дин гаштан ҳисобида шуд, Аллоҳтаъоло дар ин оят бо хитоб муъминонро дар ҳазар кунонида, ба баёни ҳукми муртад (аздингашта) пардохта фармудааст, ки эй ҷамоъаи муъминон, агар шахсе аз шумо аз динаш боз гардаду дини дигареро ба худ пазирад, яъне аз имон ба куфр гузарад ё ин, ки аз қувват додани дини Аллоҳ ва ё аз барпо доштани шариъати Аллоҳ боз истад, ваъдаи Худованд аст, ки бар ивази онҳо шахсонеро ба арсаи олам меорад, ки Аллоҳ онҳоро дӯст медораду онҳо низ Аллоҳро дӯст медоранд ва онҳо чандон маротиб аз ин муртадшудагон дида хубтару роҳашон дурустар аст. Ин гуна ивазсозӣ барои Аллоҳ таъоло ҳеҷ мушкилие надорад.

Сабаби нузули ин ҷузъи оятро Ҳасани Басрӣ (р) дар шаъни шахсоне, ки дар замони хилофати Абӯбакри Сиддиқ (р), ки тақрибан 11 гурӯҳ, аз он ҷумла қабилаҳои Ғатфон, Фазоро, сани Сулайм ва ғайра буданду муртад шуданд, донистааст. Ба ҳар тақдир, зимни ин ҷузъи оят эъломи ғайбӣ ҷой дошта, қаблан маълум мекунад, ки дар оянда баъзе мусалмонҳо муртад мешаванд. Дар ҳақиқат, гурӯҳи бисёре аз дини Ислом рӯгардон шудаанд. Гурӯҳе ҳатто дар замони Расулуллоҳ (с) ва зумраи дигар бо таври густурда дар замони Абӯбакри Сиддиқ (р) муртад гаштанд. Масалан, дар замони Расулуллоҳ (с) қавме бо номи бани Ҳанифа бо сардории Мусайламатулказзоб мартуд шуданд. Номбурда ба Расулуллоҳ (с) мактубе навишта гуфтааст: "Ин мактуби Мусайлама расулуллоҳ ба Муҳаммад Расулуллоҳ. Аммо баъд: Бояд ту донӣ, ки нисфи ин заминҳо азони ман ва нисфи дигараш азони ту. Расулуллоҳ (с) дар ҷавоби мактуб чунин гуфтаанд." Ин мактуб аз Муҳаммад Расулуллоҳ ба Мусайламатул каззоб. Аммо баъд: Ҳама Замин аз они Худост, касеро аз бандагони Худ хоҳад, ба ӯ медиҳад, накӯии охират барои парҳезгорон аст. (Мусайламатул каззоб шахсе аст, ки дар замони Расулуллоҳ (с) даъвои пайғамбарӣ дошт).

Давоми ояти мазкур сифати шахсонеро ки Аллоҳ таъоло дӯст медорад, баён мекунад, ки онҳо, чуноне ки дар ояти 29-уми сураи «Фатҳ» омадааст, барои бародарони муъминашон меҳрубону нармдилу мутавозиъу хоксор, аммо дар

баробари куффор забардасту ғайюр ва дурушттабъу сахтгиранд. Сифати дигарашон ин аст, ки онҳо барои баланд бардоштани нишонаҳои дини Аллоҳ доимо бо душман дар набард буда, аз маломати ягон маломаткунанда тарсу хавф надоранд. Яъне онҳо чунон дар ақида ва амали хеш устувор ҳастанд, ки асло ба фиребу найрангҳои душманони дини Ислом, ки ба муъминон буғзу ҳасад доранду муъминонро таҳқир мекунанд ва ҳунарҳои онҳоро дар чашми мардум айбнок нишон медиҳанду тамасхур мекунанд, намеафтанд ва аҳамияте ҳам намедиҳанд. Ин аст сифати шахсоне, ки Аллоҳ онҳоро дӯст медорад. Ин фазлу марҳамати Аллоҳтаъоло аст, ба касе хоҳад чунин фазлро медиҳад. Фазлу эҳсони Парвардигор бисёр васеъ асту ба ин фазлу марҳамати илоҳӣ кӣ сазовор аст ва кӣ маҳрум, Ӯ таъоло худаш медонад.

Дар ҳадиси ривояткардаи Имом Аҳмад аз Аффон ва аз Абӯмунзар ва дар охир аз Абӯзари Ғиффорӣ (р) чунин омадааст, ки Абӯзари Ғиффорӣ мегӯяд: Халилам, яъне Пайғамбар (с), маро ба ҳафт чиз амр кард:

1. Шахсони мискинро дӯст дорам ва назди онҳо бошам.

2. Ба шахсоне таваҷҷуҳ дошта бошам, ки онҳо дар дунё дорӣ аз ман каманд, на ба шахсони аз худам боло.

3. Ҳарчанд ки хешон силаи раҳмро қатъ кунанд ҳам, бояд, ки ман силаи раҳмро барпо дорам.

4. Аз касе ҳеҷ чизро бояд дархосту тамаъ накунам.

5. Сухани ҳаққро, агарчи талх бошад ҳам, бигӯям.

6. Дар роҳи Худо аз маломати маломаткунандаҳо натарсам.

7. Калимаи «Ло ҳавла вало қуввата илло билоҳил ъалийил ъазим»-ро бисёр бигӯям, зеро ин аз хазинаҳои таҳти Арши Раҳмон аст.

Аллоҳ таъоло дар оятҳои қаблӣ дӯстӣ ба куффорро наҳӣ фармуд, дар ояти зер мусалмонҳо бо кӣ дар ҳақиқат дӯст шаванд, бозгӯ мегардад.

Сураи Моида ояти 55

إِنَّمَا وَلِيُّكُمُ اللّهُ وَرَسُولُهُ وَالَّذِينَ آمَنُواْ الَّذِينَ يُقِيمُونَ الصَّلاَةَ وَيُؤْتُونَ الزَّكَاةَ وَهُمْ رَاكِعُونَ

Иннама валийюкумуллоҳу ва Расулуҳу ва-л-лазӣна аману-л лазӣна юқӣмуна-с-салата ва юътуна-з-заката ва ҳум рокиъун. 55.

55. Ҷуз ин нест, ки дӯсту мададгори шумо фақат Аллоҳ ва Расули Ӯст ва муъминонанд, ки барпо медоранд намозро ва медиҳанд закотро ва онҳо пайваста рукӯъкунандагон (намозгузорандагон)-анд.

Вақто ки дар оятҳои гузашта дӯстию рафоқат бо яҳуду насоро мамнӯъ эълом шуд, табъан саволе пайдо мешавад, ки пас муъминон бо кӣ алоқа ва бо кӣ дӯстию муҳаббат дошта бошанд? Аз ояти мазкур маълум мегардад, ки дӯсти аслии мусалмонон ҷуз зоти ақдаси Малики Мутаъол (ҷ) ва ҳазрати Пайғамбар (с) ва мусалмонони мухлис дигар касе шуда наметавонад. Яъне яҳуду насоро ҳеҷ вақт дӯсти мусалмонон набуданд ва намешаванд. Зеро дар нияти онҳо ба ҷуз зиёни

мусалмонҳо кори дигаре нест. Инчунин шахсоне, ки худро мусалмон меҳисобанду бо забон имон Исломи худро зоҳир мекунанд, аммо дар қалбашон на имон ҳасту на Ислом, мисли мунофиқон низ дӯсти мусалмонон нестанд. Зеро таҷрибаҳо нишон додаанд, ки рӯзаш ояд ба зиёни мусалмонон кор мекунанд.

Он мусалмонҳое дӯсти мусалмонҳо ҳастанд, ки доимо зери фармонҳои илоҳӣ гардан ниҳода, аз он ҷумла бузургтарин рукни Ислом намозро хоксорона барпо медоранд ва закот, ки ҳаққи бандаҳои муҳтоҷ аст, адо менамоянд. Шахсе, ки аз моли худ садақа медиҳад, имондории худро тасдиқ кунонидааст. Бинобар ин, закотҳоро низ садақа мегӯянд. Дар ҷузъи охири оят омадааст, ки «ва ҳум рокиъун», яъне онҳо рукӯъкунандагонанд. Фатвои уламо бар ин аст, ки калимаи «рокиъун» ба маънои фурутанӣ аст.

Яъне шахсе ки закоти молашро ба камбизоатҳо медиҳад, бояд дар ҳолати додан фурӯтану хоксор бошад, худро бою онҳоро дастнигар нишон надиҳад. Баъд аз ин ҳам, хоҳ дар ҳолати адои ибодат бошанд ё баъди адои ибодат, бояд онҳо фурӯтану хоксор бошанд. Ба ҳар тақдир, валлоҳу аълам, маънои ояти мазкур ом буда, чуноне ки Алӣ ибни Абиталҳа аз Ибни Аббос (р) ривоят мекунад, касе ки Ислом орад, ба таҳқиқ ӯ дӯсти Аллоҳ ва Расули Ӯ ва дӯсти муъминон аст (Ибни Ҷарир).

Агар маънои ҷамъи ҳадисҳое, ки дар шаъни ин оятҳо ворид шудаанд, ба назар гирифта шавад, ҳамаи ин оятҳо, яъне аз ояти 51 то ояти 56-ум дар шаъни Убодатубну Сомит (р) нозил шудаанд, зеро ӯ аз тамоми дӯстҳои яҳудӣ ва насрониаш даргузашту Аллоҳ ва Расули Ӯро дӯст гирифт. Аз барои ҳамин Аллоҳ таъоло дар ояти зер мефармояд:

Сураи Моида ояти 56

وَمَن يَتَوَلَّ اللّهَ وَرَسُولَهُ وَالَّذِينَ آمَنُواْ فَإِنَّ حِزْبَ اللّهِ هُمُ الْغَالِبُونَ

Ва ма-й ятаваллаллоҳа ва расулаҳу ва-л-лазӣна аману фа инна ҳизбаллоҳи ҳуму-л-ғолибун. 56.

56. Ва касе ки дӯст медорад Аллоҳ ва Расули Ӯро ва касонеро, ки имон овардаанд, пас, ҳаройина, гурӯҳи Аллоҳ ҳамоно бар ҳама ғолибанд.

Дар ояти мазкур барои шахсоне, ки амрҳои Аллоҳро барпо медоранд, як башорати бузург аст. Онҳо аз ҷумлаи лашкари Аллоҳтаъоло ҳисоб шуда, пирӯзиро ба даст меоранд. Яъне ояти мазкур мефармояд, ки то вақте ки муъмину мусалмонҳо ба Аллоҳу ба Расули Ӯ (с) ва бо касоне, ки имон овардаанд, дӯст шуданро ба ҷой наоранд, хусусан дӯстии Пайғамбар (с)-ро бо тарзи дуруст ба роҳ намонанд ва монанди худашон муъминҳои боихлосро дӯст нагиранд, онҳо ҳизбуллоҳ (гурӯҳи Аллоҳ) ҳисобида намешаванд. Касе аз ҳизби Аллоҳ шавад, доимо ғолиб аст ва дар зоҳиру ботин ба ёрии шариъати Аллоҳ бархостааст.

Хулоса, ваъдаи пирӯзиро Аллоҳ барои касоне додаст, ки онҳо Аллоҳ ва Расули Ӯ (с) ва муъминонро дӯст гирифтаанд, на яҳуду насороро. Чунин мазмунро дар ояти 22-юми сураи «Муҷодала» вохӯрдан мумкин.

Ин чанд оят сифати шахсонеро, ки ҳизбуллоҳанд, баён карданд. Пас, ҳар шахсе ки даъвои муъминию мусалмонӣ дорад, бояд, ки дар худ нигараду андеша кунад, ки оё ин сифатҳо дар ӯ ҳаст?

Сураи Моида ояти 57

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ لاَ تَتَّخِذُواْ الَّذِينَ اتَّخَذُواْ دِينَكُمْ هُزُوًا وَلَعِبًا مِّنَ الَّذِينَ أُوتُواْ الْكِتَابَ مِن قَبْلِكُمْ وَالْكُفَّارَ أَوْلِيَاء وَاتَّقُواْ اللّهَ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ

Йа айюҳа-л-лазӣна аману ла таттахизу-л-лазӣна-т-тахазу дӣнакум ҳузува-в ва лаъиба-м мина-л-лазӣна уту-л-китаба мин қабликум ва-л-куффара авлийаъ. Ва-т-тақуллоҳа ин кунтум муъминӣн. 57.

57. Эй касоне ки имон овардаед, он мардумеро, ки дини шуморо масхара ва бозӣ мегиранд, аз касоне ки пеш аз шумо ба онҳо Китоб дода шуд ва (инчунин) кофиронро дӯст магиред ва агар шумо муъмин ҳастед, аз Худо битарсед.

Сабаби нузули ояти мазкур дар тафсири Ҳусайнӣ чунин омадааст: "Дар хабар аст, ки Руфоъа ибни Зайд ва Сувайд ибни Ҳорис дар асл яҳудӣ буданду изҳори исломдорӣ мекарданд, локин дар охир онҳо мунофиқии худро ошкор сохтанд. Чун баъзе саҳобагон бо онҳо робитаи дӯстӣ доштанд, ояти мазкур нозил шуд ва онҳоро шадидан наҳй намуда фармуд, ки ай касоне, ки имон овардаед, касонеро, ки пеш аз шумо омадаанд, гарчанде ки ба онҳо китоб дода шуда бошад ҳам, дар ҳолате ки онҳо дини шуморо, ки шомили тамоми накӯии дунё ва охират аст, мавриди бозию масхара қарор медиҳанд ва илова бо онҳо ҳамчунин аҳли куфрро низ дӯсти худ интихоб накунед! Дар ояти 51-ум дӯстӣ бо яҳуду насоро наҳй шуда буд. Дар ин оят, ки калимаи куффор омадааст он ҷанбаи умум дошта, ба он тамоми аҳли куфр, хоҳ яҳудӣ, хоҳ насронӣ, ё бутпараст, ё буддоӣ, ё даҳрӣ, ё мушрик, ё оташпараст, ё ҳинду бошанд ва ҳамчунин муъонидони дини Ислом низ зери маънои калимаи куффор дохиланд ва дӯстӣ бо онҳо бо ин оят наҳй шудааст. Яъне кофиреро дӯст гирифта аз сирру асрори мусалмонон ӯро бохабар сохтан дар шариъат нописанд аст. Зеро ин масъалаи ақидавист. Аммо ислом корҳои муомилотиро бо онҳо мисли тиҷорат, никоҳи зани кофираи китобӣ, ё бо онҳо дар муъомилаи хуб будан, ё хӯрдани баъзе таъомҳои онҳоро, ки ҳалол аст, рухсат медиҳад. Албатта, масъалаи ақидавӣ дигар асту муомалот дигар. Бинобар ин, дар давоми ояти мазкур Аллоҳ таъоло фармудааст, ки агар шумо ба Аллоҳ имон оварда бошед, дар вақти анҷоми ҳар кор аз Худо битарсед. Дар ҳақиқат, шахси муъмин аз Худо метарсаду тақво мекунад. Тақво бошад дар навбати худ тақозои онро дорад, ки дар масъалаҳои ақидавӣ бо кофирон на маслиҳат кунеду на онҳоро дӯсту ҳамсирри муносибатҳои ақидавии худ қарор диҳед.

Дар ояти зер яке аз ҷанбаҳои истеҳзо ва масхара сохтани онҳо баён мешавад:

Сураи Моида ояти 58

وَإِذَا نَادَيْتُمْ إِلَى الصَّلاَةِ اتَّخَذُوهَا هُزُوًا وَلَعِبًا ذَلِكَ بِأَنَّهُمْ قَوْمٌ لاَّ يَعْقِلُونَ

Ва иза надайтум ила-с-салатиттахазуҳа ҳузува-в ва лаъиба. залика би аннаҳум қавму-л ла яъқилун. 58.

58. Ва он гоҳ ки шумо ба сӯйи намоз нидо мекунед, ӯро ба тамасхур ва бозӣ мегиранд. Ин бад-он сабаб аст, ки онон қавми беандешаанд.

Муфассирони олиқадр сабаби нузули ояти мазкурро чунин баён кардаанд: "Яҳудиён, вақто ки овози азонро шуниданд, ба Расулуллоҳ (с) ҳасад бурда гуфтанд аз куҷо ин бидъатро пайдо карданд, мисли овози шутур наъра мезананд, ҳол он ки ин гуна бонгзанӣ дар ягон анбиёе дида намешуд?" Ҳамоно буд, ки Аллоҳтаъоло ояти мазкурро барои танбеҳи онҳо фуруд фиристод ва дар он фармуд сазовор нест касонеро, ки намози шуморо масхара месозанд, ки онҳоро барои худ дӯст интихоб кунед.

Дар давоми оят омадааст, ки онҳо як гурӯҳи бадандешу бехираданд. Оре! Худованд ба онҳо ақл додааст, локин ӯро фақат дар дарк кардани масолеҳи дунё кор мефармоянд. Онҳо намехоҳанд ҳикмати намозро фаҳманд, ки чӣ гуна намозхонӣ нафси инсонро покиза месозад. Аз ин сабаб, касоне, ки бо намоз, ҳатто бо азон масхарабозӣ кунанд, онҳоро Аллоҳ таъоло қавми бехирад номидааст. Абӯ Суъуд зимни ояти мазкур ривоятеро овардаанд, ки дар Мадина насроние буд, ки чун овози азонро мешунид, ки муаззин «Ашҳаду анна Муҳаммадар-расулуллоҳ»-ро мегӯяд, оташи ҳасад дар дили ӯ ҷӯш мезад, мегуфт: "Худованд дурӯғгӯйро сӯзонад." Шабе аз шабҳо дар хонаи худ ҳамроҳи аҳлу аёли худ хобида буд, хизматгори ӯ шабона ҳамроҳи оташе даромад ва ғайри чашмдошт шарорае аз он дар хона парид, аҳлу аёл ва хонаву дар ҳама ҳамроҳи он насронӣ дар ҳамин дунё сӯхт. (2/40 Абӯ Суъуд). Ин аст ҷазои шахсоне, ки рукнҳои дини исломро ба ҳазён гирифтаанд. Ин гуна мисолҳо бисёр аст. Дар калимаҳои азон изҳори азамати Парвардигор ҷой дорад, яъне эълони тавҳид (яктопарастӣ) ва иқрор ба рисолати Пайғамбар (с) аст. Касоне, ки аз камоли бехирадӣ азонро истеҳзо мекунанд, зери ваъиди ояти мазкур дохил мешаванд.

Худованд дар оятҳои қаблӣ наҳйи муъминҳоро аз дӯст гирифтани кофиру мушрик бо услуби ин сура ба охир расонид, дар ояти зер Пайғамбар (с)-ро хитоб намуд, то ба аҳли китоб бигӯяд:

Сураи Моида ояти 59

قُلْ يَا أَهْلَ الْكِتَابِ هَلْ تَنقِمُونَ مِنَّا إِلاَّ أَنْ آمَنَّا بِاللّهِ وَمَا أُنزِلَ إِلَيْنَا وَمَا أُنزِلَ مِن قَبْلُ وَأَنَّ أَكْثَرَكُمْ

فَاسِقُونَ

Қул йа аҳла-л-китаби ҳал танқимуна минна илла ан аманна биллаҳи ва ма унзила илайна ва ма унзила мин қаблу ва анна аксаракум фасиқун. 59.

59. Бигӯ: «Эй аҳли Китоб! Оё бар мо зиддият намекунед, магар он ки мо ба Аллоҳ ва ба он чӣ ба сӯйи мо нозил шудааст ва ба он чӣ пеш аз мо нозил шудааст, имон овардаем? Ва ҳаройина, бештари шумо бадкору нофармонбардоред».

Аз ояти гузашта маълум шуд, ки азон ё дигар ибодат чизе нестанд, ки онҳоро таъну масхара кунад. Ин амали носазоро ҷуз бехирадон касе намекунад. Аллоҳ таъоло дар ин оят ҳабиби худ, Муҳаммад (с)-ро амр намудааст, ки ба аҳли китоб, ки онҳо худашонро донои шариъатҳо медонанд, бигӯ, ки ай аҳли китоб, шумо хуб медонед, ки мо барҳақк ҳастем, барои чи ин қадар бар мо зиддият доред? Айби мо дар чист? Оё айби мо ин аст, ки ба Аллоҳ ва ба он чи, ки барои мо аз назди Аллоҳ нозил шудааст, имон дорем? Магар ин айб аст? Барои чӣ ин қадар дину аҳли динро мавриди масхара ва айбтарошӣ қарор медиҳед? Охир, дин ё шариъате дар замони худ аз назди Аллоҳ фиристода шавад, ин айб надорад! Инсоф кунед, чӣ ҳақ доред, ки шумо худ фармонҳои илоҳиро ба ҷо намеореду бандагони фармонбардорро таън мезанед? Бо ин амалҳо шумо дорои ингуна сифат ҳастед, имони мо комил аст, ки аксари шумо фосиқ ва аз роҳи мустақим хориҷшудагонед!

Хулоса, то ҳол шахсоне, ки аҳли китобанд ё дар ҳизби бехудоианд, ё мушрик, ё мунофиқ ва ғайра умуман шахсони аз имон фарсахҳо дур, ки худ мусалмон нестанд, муъмину муаслмонони асилро бад мебинанд. Чунин мазмунро дар ояти 8-уми сураи «Буруҷ» вохӯрдан мумкин аст.

Дар замонҳои гузаштаи начандон дур бехудоҳо бо ташкилии «тройка»-ҳо бо баҳонаи тозасозии ҷомеъаи шӯравӣ аз "кӯҳнапарастон"-у душманони халқ чи муомилаеро бо мусалмонон пеш гирифтанду чи ҷабру зулмеро раво диданд, ба ҳамагон маълум аст ва ҳоҷат ба баён надорад. Амалҳои аз ин бадтари содиркардаи шахсони беимон дар ояти зер баён мешавад:

Сураи Моида ояти 60

قُلْ هَلْ أُنَبِّئُكُم بِشَرٍّ مِّن ذَلِكَ مَثُوبَةً عِندَ اللّهِ مَن لَّعَنَهُ اللّهُ وَغَضِبَ عَلَيْهِ وَجَعَلَ مِنْهُمُ الْقِرَدَةَ وَالْخَنَازِيرَ وَعَبَدَ الطَّاغُوتَ أُوْلَئِكَ شَرٌّ مَّكَاناً وَأَضَلُّ عَن سَوَاء السَّبِيلِ

Қул ҳал унаббиукум би шарри-м мин залика масубатан ъиндаллоҳ. Ма-л лаъанаҳуллоҳу ва ғазиба ъалайҳи ва ҷаъала минҳуму-л-қирадата ва-л ханазӣра ва ъабада-т-тоғут. Улиика шарру-м макана-в ва азаллу ъан саваи-с-сабӣл. 60.

60. Бигӯ: «Оё бо эътибори ҷазо назди Аллоҳ ба бадтар аз ин шуморо хабар диҳам?: Касонеанд, ки Аллоҳ онҳоро лаънат кардааст ва бар онҳо ғазаб намудааст ва баъзеи онҳоро бӯзинагон ва баъзеи онҳоро хукон гардонидааст ва касонеанд, ки шайтон (маъбуди ботил)-ро парастидаанд. Онҳо аз рӯйи мартаба (ва ҷойгоҳ) бадтаранд ва аз роҳи рост гумроҳтарин гурӯҳанд».

Дар оятҳои қаблӣ гузашт, ки аҳли китоб муъминонро барои имондориашон масхара карда, айб гирифтанд, аз ин сабаб мавриди мазаммати илоҳӣ қарор гирифтанд. Ҳоло дар ин оят барои онҳо аз мазаммат ҳам бадтар суханон баён шуда, Аллоҳ таъоло ҳабиби худ, Муҳаммад (с)-ро амр мекунад, ки ба онҳо бигӯ, ки шумо мусалмонҳоро барои азону намоз ё барои адои дигар ибодате, ки назди Аллоҳ айб нест, айб мегиред, ҳоло дар дунё ва охират таърихе барои шумо таъин шудааст, ки он дар ҳақиқат айб аст, оё шуморо аз он хабар диҳам? Яъне аҳли китобро хабар деҳ, ки онҳо дар пешгоҳи Худованд чунон айбҳое кардаанд,ки абадӣ Аллоҳ аз онҳо розӣ нест. Онҳо бояд фаҳманд, ки айбҳои бузурге доранд ва бо сабаби он айбҳо ба лаънати Аллоҳ гирифторанд ва Ӯ таъоло бар онҳо ғазаб кардааст. Аз он ҷумла ба сабаби шикастани ҳурмати рӯзи шанбе Аллоҳ бар онҳо хашм гирифта, сурати қисме аз онҳоро ба сурати бӯзина гардонид. Гурӯҳе аз насоро бошад моидаи аз осмон нозилшудаи Исо (а)-ро мункир шуданд, Аллоҳ сураташонро ба сурати хук бадал намуд. Чаҳорум, баъзе аз онҳоро парастандагони тоғут шайтонҳо гардонид. Бо ин сабаб, онҳо рӯзи қиёмат соҳиби бадтарин ҷой шуданд. Онҳо шахсонеанд, ки аз ҳама гумроҳон дида бадтар роҳи ҳидоят (рост)-ро гум кардаанд. Онҳо бояд аввал ба таърихи худ назар созанду баъд мусалмонҳоро айб гиранд. Гурӯҳе, ки таърихашон олудаи чунин гуноҳҳои бузург аст, худро айб нагирифта, мусалмонҳоро айб гиранд, оё ин нишонаи бехирадӣ нест? Чунин мазмун дар ояти 65-уми сураи «Бақара» гузашт ва дар ояти 60-уми сураи «Аъроф», Иншоаллоҳ, меояд.

Хулоса, ба ғайри қавми яҳуд дигар ба ҳеҷ қавме дар Қуръони карим лаънат наомадааст. Калимаи «масубат», яъне савоб ғолибан дар мавриди корҳои хуб ба кор бурда мешавад. Аммо истеъмоли он дар ояти мазкур ба маънои ҷазо истифода шудааст, ки инро таҳаккум (масхара) мегӯянд.

Ояти зер дигар сифати яҳудиёнро баён мекунад:

Сураи Моида ояти 61

وَإِذَا جَآؤُوكُمْ قَالُوَاْ آمَنَّا وَقَد دَّخَلُواْ بِالْكُفْرِ وَهُمْ قَدْ خَرَجُواْ بِهِ وَاللّهُ أَعْلَمُ بِمَا كَانُواْ يَكْتُمُونَ

Ва иза ҷаукум қолу аманна ва қад дахалу би-л-куфри ва ҳум қад харaҷу биҳ. Валлоҳу аъламу би ма кану яктумун. 61.

61. Ва чун ба назди шумо биёянд, мегӯянд: «Имон овардаем», ҳол он ки бо куфр даромаданд ва дар ҳақиқат онҳо бо куфр бурун рафтанд. Ва Аллоҳ ба он чӣ мепӯшиданд, донотар аст.

Аллоҳ таъоло дар ин оят сифати мунофиқонро бо ваъиди шадид баён намуда фармудааст, ки ин одати мунофиқон аст, ки ҳар вақто назди шумо оянд, ислому имони худро изҳор намуда мегӯянд, ки мо ҳам имон овардаем. Ҳатто дар иҷрои баъзе ибодатҳо нисбати шумо пешқадамӣ ҳам нишон медиҳанд. Онҳо сурати худро мусалмон месозанд, ҳол он ки ботинашон аз куфр лабрез аст. Дар давоми ояти мазкур ба Расулуллоҳ (с), (ё ба муъминон) хитоб намудааст, ки мунофиқон чунон устоканд, ки дар сурат муъмину мусалмонанд ва назди ту гӯё барои шунидани панду насиҳат медароянд, аммо онҳо бо он куфри ботиние, ки доранд, аз панду насиҳатҳои ту истифода на бурда, боз бо ҳамон куфрашон аз назди ту мебароянд. Онҳо меҳоҳанд ба чашми муъминон хокпошию замонасозӣ кунанд. Он бехирадон надонистаанд, ки бо ин гуна найрангбозиашон бар зарари худ кор гирифтаанд. Зеро Аллоҳ таъоло ҳар сиреро, ки онҳо пинҳон мекунанд, хуб медонад ва онҳоро мувофиқи он ҷазо медиҳад. Баъзе аз муфассирон сабаби нузули ояти мазкурро дар шаъни мунофиқони асри Расулуллоҳ (с) ки сардори онҳо Абдуллоҳ ибни Убай ибни Салули, ки аслан яҳудӣ буд, донистаанд. Чунки ӯ ва амсоли ӯ вақте назди муъминон мешуданд, гаштаю баргашта калимаи шаҳодатро такрор мекарданд, локин зоҳирашон бо ботинашон як набуд. Аз ин сабаб, мувофиқи мазмуни ояти мазкур ҳукм ба такфир шуданд. Акнун дар замони кунунӣ касоне, ки дорои чунин сифатанд, метавонанд ба мазмуни ояти мазкур ошно шаванд ва худро баҳо диҳанд, ки онҳо чӣ гуна инсон ҳастанд.

Ояти зер баёни сифати ингуна шахсонро идома медиҳад.

Сураи Моида ояти 62

وَتَرَى كَثِيراً مِّنْهُمْ يُسَارِعُونَ فِي الإِثْمِ وَالْعُدْوَانِ وَأَكْلِهِمُ السُّحْتَ لَبِئْسَ مَا كَانُواْ يَعْمَلُونَ

Ва таро касӣра-м минҳум юсариъуна фи-л-исми ва-л-ъудвани ва аклиҳиму-с-суҳт. Ла биъса ма кану яъмалун. 62.

62. Ва аз онҳо бисёреро мебинӣ, ки дар гуноҳ ва таҷовуз ва ба хӯрдани ҳаром мешитобанд. Ҳаройина, он чӣ мекарданд, амали бад аст.

Сифати шахсоне, ки дар ояти қаблӣ зикрашон гузашт, ин аст, ки бисёре аз онҳо (яҳуд ва мунофиқон) дар дурӯғ гуфтан, ё мушрик шудан ва муртакиби гуноҳ гардидан мешитобанд. Онҳо золиманд ва бисёр меҳоҳанд, ки зулм кунанд. Дар хӯрдани моли ҳаром, ба хусус дар порахӯрӣ онҳо чунон шитоб доранд, ки меҳоҳанд аз ҳамдигар пеш гузаранд. Худованд баҳои чунин шахсонро дар ин оят муайян намуда гуфт, ки чӣ бад аст ин гуна амалҳои қабеҳе, ки онҳо содир мекунанд. Инсоне, ки амалҳои қабеҳ гуфтаи Аллоҳро содир мекунад, вақто ки балоҳо пайи ҳам бар сараш оянд, аз рӯйи Замин ва тахти осмони Парвардигор ба куҷо паноҳ бурда метавонад? Бо ибораи дигар, таҷрибаҳо нишон додаанд, ки дар ҷамъияте, ки қонунҳои сохтаи куфру нифоқ мақоми воло доранд, ноодамӣ оғӯши васеъи худро кушодааст. Дар он шахсони бедину мунофиқ дар содир кардани гуноҳ, душманию зулм ва ҳамчунин дар ҳаромхӯрӣ чунон кӯшиш мекунанд, ки

мехоҳанд аз ҳамдигар пеш гузаранд. Зеро онҳо на аз Худо умед доранд ва на аз ҳисоби рӯзи қиёмат метарсанд. Ҷамъияте, ки дорои чунин инсонҳост ва ин амалҳо дар он ривоҷ ёфтааст, ба бефарҳангӣ ва касолати маънавӣ гирифтор аст, ки ин оқибати нохушеро барояш ба бор меорад. Инсонҳо, ба хусус мунофиқон доимо дар пайи таъмини ҳавои нафси худ мешаванд ва «Албатта мо ба Худо боварӣ дорем» мегӯянд, ҳол он ки ягон амри қонуни илоҳиро агар хилофи ҳавои нафсашон бошад, ба ҷо намеоранд. Натиҷа он аст, ки Худованд амали ин гуна ҷамоъатро «Ҳаройина он чи мекарданд. амали бадаст» гуфтааст. Ин аст аҳволи ҷамъияте, ки инсонҳо дар он ба куфру нифоқ рӯй овварданд. Акнун аҳволи шахсони донишманди чунин ҷамъият дар ояти зер баён мешавад:

Сураи Моида ояти 63

لَوْلاَ يَنْهَاهُمُ الرَّبَّانِيُّونَ وَالأَحْبَارُ عَن قَوْلِهِمُ الإِثْمَ وَأَكْلِهِمُ السُّحْتَ لَبِئْسَ مَا كَانُواْ يَصْنَعُونَ

*Лав ла янҳаҳуму-р- раббанийийуна ва-л-аҳбару ъан қавлиҳиму-л-исма ва аклиҳиму-с-суҳт. Ла биъса ма кану яснаъун. 63.*

63. Чаро худопарастон ва донишмандон онҳоро аз гуфтани суханҳои дурӯғ ва аз хӯрдани ҳаром наҳе намекунанд? Ҳаройина, бад чизест, ки мекунанд.

Калимаи «раббонӣ» дар ин ҷо, валлоҳу аълам, нафари сарвар, ё пешворо дар назар дорад, ки барои роҳнамоӣ ва тарбияи мардум машғул аст. Калимаи «аҳбор» ба маънои олим, донишманди динӣ омадааст. Аз Ибни Аббос (р) ривояте омадааст, ки ояти мазкур барои сарзаниши уламое, ки даст аз амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар кашидаанд, шадидтарин оят аст. Яъне Аллоҳ таъоло дар ин оят он шахсонеро мавриди суол қарор додааст, ки сухани онҳо байни мардум эътибор дорад ва ҳамчунин донишмандон низ мавриди пурсиш қарор гирифтаанд.

Суол шудааст, ки чаро онҳо мебинанд, ки оммаи мардум дар баҳри дурӯғ гуфтану гуноҳ кардан ва дигар амалҳои номардумӣ ғарқ шудаанд, вале хомуширо ихтиёр кардаанд? Чаро ба онҳо намегӯянд, ки аз зулму ситам, пораҳӯрию рибохорӣ ва дигар амалҳои ношоистае, ки дар миёнашон ривоҷ ёфтаанд, даст баргиранд?

Дар давоми ояти мазкур омадааст, ки он машоих ва уламое, ки мардуми худро дар ҳаромкорӣ ва гуноҳ фурӯрафта мебинанд, вале онҳоро ба ҳоли худ мегузоранду аз хеш беаҳамиятӣ нишон дода, дар фикри ислоҳи ҳолати бамиёномада нестанд, басо кори бадеро анҷом додаанд. Бо мулоҳиза аз мазмуни ояти мазкур чунин маълум мешавад, ки машоих ва олимҳое, ки тарки амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар кардаанд, ба шадидтарин танбеҳе, ки дар шаъни анҷомдиҳандагони гуноҳони номбурда раво дида шуд, муносибанд. Зеро ин гуна шайху олимҳо нисбат ба ҷоҳилоне, ки ба зулму ситаму ҳаром олудаанд, гунаҳкортаранд. Сабаби ҳалок шудани қавми яҳуд, ки дар таърихҳо сабт шудааст, ҳамин гуна шайху уламои таммаллуққор ва ҳарису дунёпараст буданд. Онҳо мардумро аз корҳои бад манъ накарданд, ҳарчи сардорҳо хостанд, бо тамаллуқ

иҷозат фармуданд, дар пайравии шаҳват ва ҷамъоварии моли дунё аз мардуми оддӣ ҳам бадтар буданд. Натиҷа он аст, ки агар дар ҷамъияте амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар, (яъне амр ба иҷрои корҳои писандида ва манъ аз корҳои ношоиста) набошад, бешубҳа он рӯ ба нобудӣ меорад ва оқибат онҳо вой аст.

Дар «Сунани»-и Тирмизӣ омадааст: "Агар мардум золимеро бинанду ӯро аз зулм боз надоранд, зуд аст, ки ҳамаи онҳоро Худованд (ҷ) бо як навъ азоби умум гирифтор мекунад."

Сураи Моида ояти 64

وَقَالَتِ الْيَهُودُ يَدُ اللّهِ مَغْلُولَةٌ غُلَّتْ أَيْدِيهِمْ وَلُعِنُواْ بِمَا قَالُواْ بَلْ يَدَاهُ مَبْسُوطَتَانِ يُنفِقُ كَيْفَ يَشَاء
وَلَيَزِيدَنَّ كَثِيراً مِّنْهُم مَّا أُنزِلَ إِلَيْكَ مِن رَّبِّكَ طُغْيَانًا وَكُفْرًا وَأَلْقَيْنَا بَيْنَهُمُ الْعَدَاوَةَ وَالْبَغْضَاء إِلَى يَوْمِ الْقِيَامَةِ
كُلَّمَا أَوْقَدُواْ نَارًا لِّلْحَرْبِ أَطْفَأَهَا اللّهُ وَيَسْعَوْنَ فِي الأَرْضِ فَسَادًا وَاللّهُ لاَ يُحِبُّ الْمُفْسِدِينَ

Ва қолати-л-яҳуду ядуллоҳи мағлулаҳ. Ғуллат айдӣҳим ва луъину би ма қолу. Бал ядаҳу мабсутатани юнфиқу кайфа яшаъ. Ва лаязӣданна касӣра-м минҳумм ма унзила илайка ми-р-Раббика туғйана-в ва куфро. Ва алқайна байнаҳуму-л-ъадавата ва-л бағзоа ила явми-л-қийамаҳ. Куллама авқаду нара-л лил ҳарби атфааҳаллоҳ. Ва ясъавна фи-л-арзи фасада. Валлоҳу ла юҳиббу-л-муфсидӣн. 64.

64. Ва яҳудиён гуфтанд: «Дасти Худо баста шудааст». Баста бод дастҳояшон бар гарданашон! Ва барои ин гуфторашон онҳо ба лаънат дучор шуданд. Балки ҳарду дасти Аллоҳ кушода аст, чӣ хеле ки хоҳад, харҷ мекунад. Ва дар бисёре аз онҳо аз он чизе, ки аз тарафи Парвардигор ба сӯйи ту нозил карда шуд, албатта, нофармонӣ ва куфрашон меафзояд ва дар миёнашон то рӯзи қиёмат душманӣ ва буғзро андохтем. Ҳар гоҳе барои ҷанг оташро меафрӯзанд, Аллоҳ онро фурӯ менишонад. Ва дар Замин барои фасод мешитобанд. Ва Аллоҳ фасодкунандагонро дӯст надорад.

Сабаби нузули ояти мазкурро, (чуноне ки дар ояти 181-уми сураи «Оли Имрон» гузашт), яҳудиеро ба ном Финҳос донистаанд, ки ӯ чунин суханҳои нораво ва олудаи гуноҳ (наъузубиллоҳ) дар ҳаққи Худованд гуфт: «Худо фақир асту мо сарватманд». Дар ин асно Абӯбакри Сиддиқ (р) як шаппотӣ ба рӯйи ӯ зад... Ба ҳар тақдир, замоне ки Расулуллоҳ (с) ба пайғамбарӣ мушарраф шуданд, дилҳои аҳли китоб аз бадбинӣ, лабрез гашт ва забонҳояшон бо гуфтани суханҳои нораво олуда гашт.. Таъсири амалҳои ношоиста онҳоро то ҷое кашонд, ки мақому мартабаи Аллоҳ таъоло назди онҳо бештар аз як инсони оддӣ набуд. Онҳо ҳатто дар шаъни Аллоҳ чунон суханҳое мегуфтанд, ки агар инсони боимон онро мешунид, ларза дар баданаш меафтод. Яъне бо назардошти қудуратҳои пешинае, ки аҷдоди яҳудиён доштанд, ҳоло ки ҳолашон мисли қабилаи бани Қурайза, яҳуди Хайбар, бани Назир ба танг омаду дигар бо Расулуллоҳ (с) мубориза бурда, натавонистанд, аз рӯи кина ва истеҳзо гуфтанд: "Дасти Худо баста шудааст". Маънои сухани

онҳоро муфассирон чунин шарҳ додаанд, ки яҳудиҳои номбурда гуфтанд: "Мо ҳам аз бани Исроил будем ва ҳастем. Мо имрӯз, ба шикаст рӯ оварда, овора ва саргардонем, маълум мешавад, ки хазинаҳои Аллоҳ хисорот дидаанд, ё ин ки (наъузубиллоҳ) бахилӣ дастҳои Ӯро дар банд сохтааст, ки ҳоло ба мо на чизе медиҳад ва на нусрате." Бо гуфтани ин гуна суханҳо зери дуои бад ва нафрини ин оят гирифтор шуданд ва дар ҳаққи онҳо гуфтани ин дуъо раво дида шуд: «баста бод бар гарданашон дастҳояшон ва ба лаънат дучор шаванд онҳо барои ин гуфторашон». Аллоҳ таъоло онҳоро аз раҳмати худ дур созад, ки чаро онҳо ин гуна суханҳои нораворо дар шаъни Аллоҳ мегӯянд? Он бехирадон бояд бидонанд, ки он чиро, ки дар шаъни Аллоҳ тасаввур кардаанд, мутлақо нодуруст аст, зеро Аллоҳ таъоло аз ҳама гуна айбҳо пок аст. Ӯтаъолоро ҳаргиз бахил гуфтан нашояд. Дуои Қуръонӣ дар ҳаққи яҳудон иҷобат шуд, ҳоло онҳо бо бухлу ҳирсу хасисӣ дар ҷаҳон машҳуранд.

Давоми ояти мазкур барои ботил гардонидани ақидаи норавои онҳо мефармояд, ки ҳарду дасти Аллоҳ таъоло кушода аст, ҳар гуна ки бихоҳад, ба ҳар кас, ки бихоҳад, мебахшад. Ҳақ таъоло бахшиш ва сахои тамомнашаванда дорад. Ҳар он неъматҳое, ки дар осмону Замин аст, самараи фазлу марҳамати бемонанди Ӯст. Агар хоҳад, ризқу рӯзиро кушода мегардонад ва агар хоҳад, онро маҳдуд мегардонад. Ин муқтазои хоҳиш ва ҳикмати Ӯст.

Чун ин гуна оятҳо ба Расулуллоҳ (с) нозил мешуд ва пардае аз рӯи ақидаи нодурусти яҳуду насоро мебардошт, ба ҷои он, ки хатогии худро фаҳманд ва ба ислоҳи худ кӯшанд, баръакс бисёре аз онҳо аз рӯйи рашку ҳасаде, ки дар дил доштанд, куфру туғёни худро бештар мекарданд.

Бинобар ин, дар муқобили саркашиҳои онҳо Худованд муҷозоти вазнине барои онҳо дар ин ҷаҳон насибашон дид, ки то қиёмат душманӣ дар миёни онҳо вуҷуд дорад ва он ҳаргиз аз байн намеравад. Агар иттифоқе дар миёнашон бошад ва ҳам ин як аз намоиши зоҳирии онҳост, на ҷиддӣ. Ҳар гоҳе онҳо мехостанд гурӯҳеро бар зидди Расулуллоҳ (с) омодаи ҷанг сохта, оташи ҷангро шӯълавар созанд, Аллоҳ таъоло онро пароканда месохт ва қувваашонро дар он асно шикаст медод. Онҳо аз ҷанг суде бардошта наметавонистанд. Одати дигари яҳудиён ин аст, ки доимо дар пайи амалҳои фасодбору фасодангез ҷидду ҷаҳду талош доранд. Онҳо мехоҳанд моддаи фитнаву фасоди дар ихтиёри онҳо бударо, дар куҷое, ки хоҳанд, паҳн кунанд. Бехабар аз он, ки Аллоҳ таъоло фасодкоронро дӯст намедорад.

Хулоса, Қуръони карим ҳеҷ гоҳ аз рӯйи нажод онҳоро айб намегирад, на ин ки яҳуд, балки касе, ки хилофи амри Парвардигор фитнаву фасодро дар рӯйи Замин меангезад, таҳти ваъиди ояти мазкур дохил аст. Бо ин ҳама Қуръон роҳи бозгаштро ба рӯйи онҳо кушодааст. Ба самъи хонандагон, чуноне, ки дар мисраъҳои зер меояд, мерасонем, ки ҳар ҷое, барои Аллоҳ даст, чашм ё дигар узве нисбат дода мешавад, онҳоро ҳаргиз ба сифатҳои махлуқи (офаридаи) Аллоҳ монанд пиндошта нашавад. Аллоҳ таъоло бемислу бемонанд аст. Дар ин хусус Шайх Саъдӣ мегӯяд:

Эй бартар аз хаёлу гумону қиёсу ваҳм,
В-аз ҳарчи гуфтаанду шунидему хондаем.

Дафтар тамом гашту ба поён расид умр,
Мо ҳамчунон дар аввали васфи ту мондаем.

Сураи Моида ояти 65

وَلَوْ أَنَّ أَهْلَ الْكِتَابِ آمَنُواْ وَاتَّقَوْاْ لَكَفَّرْنَا عَنْهُمْ سَيِّئَاتِهِمْ وَلأدْخَلْنَاهُمْ جَنَّاتِ النَّعِيمِ

Ва лав анна аҳла-л-китаби аману ва-т-тақав ла каффарна ъанҳум саййиатиҳим ва ла адхалнаҳум ҷаннати-н-наъӣм. 65.

65. Ва ҳаройина, агар аҳли Китоб имон меоварданд ва (аз Худо) метарсиданд, албатта, аз онҳо гуноҳҳояшонро дур мекардем ва онҳоро дар боғҳои пурнеъмат дохил мекардем.

Ояти мазкур муждаи хубест барои аҳли китоб, локин афсӯс, ки онҳо бо иршоди ин оят амал накарданд. Яъне яҳуду насоро пеш аз омадани Муҳаммад (с) аз китобҳои осмоние, ки наздашон буд, медонистанд, ки дар ояндаи наздик пайғамбаре меояд ва ҳатто ба имон овардан ба он пайғамбар маъмур ҳам буданд. Чун Муҳаммад (с) омад ва Қуръон нозил шуд, агар онҳо ба ин ду имон меоварданд ва аз ширк овардан ба Худо парҳез мекарданд, Худованд мефармояд, ки он гоҳ албатта, мо онҳоро қадр мекардем ва он гуноҳҳоеро, ки содир карда буданд, агарчи бисёру гуногун ҳам буданд, ҳамаро мебахшидем ва онҳо дар шумори мусалмонҳо ҳисоб шуда онҳоро ба биҳишти пур аз нозу неъмат дохил мекардем ва маъюсашон намегардонидем.

Ояти зер ин маънoро идома медиҳад.

Сураи Моида ояти 66

وَلَوْ أَنَّهُمْ أَقَامُواْ التَّوْرَاةَ وَالإِنجِيلَ وَمَا أُنزِلَ إِلَيهِم مِّن رَّبِّهِمْ لأكَلُواْ مِن فَوْقِهِمْ وَمِن تَحْتِ أَرْجُلِهِم مِّنْهُمْ أُمَّةٌ مُّقْتَصِدَةٌ وَكَثِيرٌ مِّنْهُمْ سَاء مَا يَعْمَلُونَ

Ва лав аннаҳум ақому-т Тaврота ва-л-Инҷӣла ва ма унзила илайҳим-м ми-р Раббиҳим ла акалу мин фавқиҳим ва мин таҳти арҷулиҳим. Минҳум уммату-м муқтасидаҳ. Ва касӣру-м минҳум саа ма яъмалун. 66.

66. Ва агар онҳо (ҳукми) Таврот ва Инҷилро ва он чӣ аз ҷониби Парвардигорашон бар онҳо нозил шуд, барпо медоштанд, албатта, аз болои худ ва аз зери пойҳои худ(рӯзӣ), мехӯрданд. Аз миёни онҳо гурӯҳе миёнарав ҳаст, вале бисёре аз онҳо он чӣ мекунанд, бад чизе аст.

Ояти мазкур барои кушоиши ризқу рӯзии шахсоне, ки ба китоби Аллоҳ таъоло амал мекунанд, далел буда, дар он Аллоҳ таъоло ба тоифае аз яҳуд ва

насоро ишора намуда, фармудааст, ки агар онҳо он ҳикматҳое, ки дар китобҳои осмонӣ чун Тавроту Инҷил дарҷ шудаанд, аз он ҷумла яке аз ҳукмҳои онҳо ба рисолати Муҳаммад (с) имон овардан буд, бовар медоштанд ва баъди Тавроту Инҷил Қуръони каримро, ки барои ҳидояти онҳо низ фуруд оварда шудааст, бо устуворӣ дастурамали худ қарор медоданд, он хорие, ки бар онҳо ба сабаби гуноҳҳояшон ниҳода шуд, аз сарашон дур мешуд ва аз тамоми баракоти Замину осмон бархурдор мешуданд. Яъне онҳо агар бо дастуроти ҳамаи китобҳои осмонӣ, ки якдигарро тасдиқ доранд, амал мекарданд, асбоби ризқу рӯзии онҳо фароҳам сохта шуда, дари анвои ғизо ба рӯяшон кушода мешуд. Зеро имон ва тарси аз Худо тақозои онро дорад, ки инсон бояд ҳаёти худро ба он китобҳое, ки Худованд мувофиқ ба асри онҳо нозил кардааст, хусусан ба Қуръони карим, ки хулоса ва натиҷаи ҳамаи китобҳои осмонист, мутобиқ созад. Аз мазмуни ин оят маълум шуд, ки аксари аҳли китоб ин амалро ба таври бояду шояд ба ҷо наовардаанд. Локин давоми оят ба гурӯҳи ақаллияти солеҳи онҳо ишора намуда мефармояд, ки агарчи бисёре аз онҳо бадкоранд, вале ҷамъияти мӯътадили миёнараве дар миёни онҳо чун Абдуллоҳ бинни Салом (р), подшоҳ Наҷҷошӣ, пайравони онҳо ва тоифае аз насоро низ вуҷуд доранд, ки ба овози ҳақ, «лаббайк» гуфтанд, ба Ислом гаравиданд, шомили дини Ислом гардиданд ва ба Муҳаммад (с) имон оварданд. Дар хусуси ин гурӯҳи ақаллияти солеҳи аҳли китоб, дар ояти 159 ва 181-и сураи «Аъроф» ва ояти 75-уми сураи «Оли Имрон» ва дар хусуси калимаи (муқтасид) ояти 32-юми сураи «Фотир» эзоҳҳои муфассалеро вохӯрдан мумкин. Дар қисми охири ояти мазкур омадааст, ки бисёре аз аҳли китоб инсонҳои бадкирдоранд, ки гуфторашон қабеҳ ва рафторашон ношоиста аст. Зеро онҳо бар куфрашон боқӣ монданд ва иҷобати даъвати Муҳаммад (с)-ро накарданд ва имон наоварданд. Аммо, ба ин нигоҳ накарда даъват ба сӯйи дин ва фаҳмонидани Ислом барои мардуми имондор, чуноне ки ояти зер ишора мекунад, бояд бардавом бошад.

Сураи Моида ояти 67

يَا أَيُّهَا الرَّسُولُ بَلِّغْ مَا أُنزِلَ إِلَيْكَ مِن رَّبِّكَ وَإِن لَّمْ تَفْعَلْ فَمَا بَلَّغْتَ رِسَالَتَهُ وَاللّهُ يَعْصِمُكَ مِنَ النَّاسِ إِنَّ اللّهَ لاَ يَهْدِي الْقَوْمَ الْكَافِرِينَ

Йа айюҳа-р- расулу баллиғ ма унзила илайка ми-р-Раббик. Ва ил лам тафъал фа ма баллағта рисалатаҳ. Валлоҳу яъсимука мина-н-нас. Инналлоҳа ла яҳди-л қавма-л-кафирӣн. 67.

67. Эй Пайғамбар! Он чӣ аз ҷониби Парвардигор бар ту нозил шуд, бирасон. Ва агар чунин накардӣ, пас ту ҳеҷ пайғоми Ӯро нарасондаи. Ва Аллоҳ туро аз (газанди) мардум нигоҳ медорад, ҳаройина, Аллоҳ гурӯҳи кофиронро ҳидоят намекунад.

Аллоҳтаъоло дар ин оят бандаи худ- Муҳаммад (с)-ро бо исми Расул таъзим намуда, бохитоб (қатъи назар аз шароиту вақт ва ин ки инсонҳо қабул доранд ё не)

амр кардааст, ки эй Пайғамбар! Ҳамаончи Аллоҳ ба ту нозил кардааст, пинҳон накарда, бидуни ягон тағйиру илова ба мардум бирасон ва онҳоро ба сӯйи дин даъват намо. Дар ҳақиқат, ҳар он чи ки Худованд барои ӯ (с) фиристода буд, ӯ (с), аз маломати маломаткунандаҳо боке надошта, ба таври шоиста ба мардум расонд. Дар «Саҳеҳ»-и Бухорӣ дар тафсири ояти мазкур аз Муҳаммад ибни Юсуф ва дар охир аз Оиша (р) ривоят шудааст, ки Оиша (р) гуфта: Шахсе гӯяд, ки Муҳаммад (с) чизеро аз амрҳои Аллоҳтаъоло пӯшидааст, дар ҳақиқат дурӯғ гуфтааст.

Давоми хитоби сухани Аллоҳтаъоло барои Расулуллоҳ (с) ин аст, ки агар чунин накунӣ, яъне он чиро, ки Аллоҳ ба ту додааст, ба мардум нарасонӣ ва оятеро аз оятҳои Аллоҳтаъоло пинҳон кунӣ, ту пайғоми Аллоҳро нарасонидаӣ. Яқинат бод, ки вазифаи пайғамбарии худро иҷро накардаӣ. Ибни Аббос (р) мегӯяд, ки ин ҷузъи оят барои олимони уммати ӯ (с) низ ҳушдор аст, то ин ки онҳо чизеро аз амри шариъат пинҳон накунанд.

Дар ҳақиқат, даъват ба роҳи Ислом кори саҳл нест, зеро дар ин роҳ монеаҳо бисёр аст. Душмани шахсоне, ки ба мардум асл ва ҳақиқати Ислом мефаҳмонанду ба сӯйи ақидаи тоза чун оби зулол поку таҳшиншуд даъват мекунанд, бисёранд. Душманон ҳатто сӯйиқасд ба ҷону молои олимони мӯъмин мекунанд барои резонидани обрӯи онҳо тӯҳматҳои гӯшношунид эҷод мекунанд. Аммо Аллоҳтаъоло Ҳабиби худ (с)-ро амр намудааст, ки аз ҳамаи инҳо ҳеҷ натарс, чунки Аллоҳтаъоло туро аз газанди мардум (куффор) нигоҳ медорад. Ривояти бисёре шудааст, ки Расулуллоҳ (с) аз сӯйи асҳоби худ мавриди посбонӣ қарор ёфта буд, чун ин ҷузъи ояти мазкур, яъне «Валлоҳу яъсимука минан-нос» Худованд туро аз газанди мардум нигоҳ медорад, нозил шуд, сари худро аз дарича берун оварда, ба посбонҳои худ гуфт: «Ай мардум, бозгардед, Худои мутаъол маро дар паноҳи Худ гирифт». Дар охири оят Худованд фармудааст, ки Аллоҳтаъоло қавми кофирро ба роҳи рост ҳидоят намекунад. Яъне вазифаи Расуллулоҳ (с) фақат ва фақат расонидани ҳукмҳои Парвардигор аст. Худованд касеро хоҳад, ҳидоят мекунад ва шахсеро, ки ба куфр тақдир карда бошад, абадӣ ӯро ҳатто бо даъвати Расуллулоҳ (с) ҳам бошад, ҳидоят намекунад.

Ибни Касир зимни шарҳи ин ҷузъи оят ҳадисеро аз Абӯбакр бинни Мурдавия ва дар охир аз Аби Саламата меорад, ки ӯ аз Абӯҳурайра ривоят кардааст: Ҳар вақто ҳамроҳи Расуллолҳ (с) сафаре мекардем, чун вақти рафъи хастагӣ фаро мерасид, барои ӯ (с) сояи дарахтеро омода месохтем. Рӯзе аз рӯзҳо чун одати пештара зери сояи дарахте хост каме истироҳат кунад, шамшери худро дар шохи он дарахт овехт. Нохост марде омаду шамшери ӯ (с)-ро гирифт ва дар ҳолати ҳамла ба Расуллулоҳ (с) гуфт: Ай Муҳаммад, ҳоло туро кӣ аз ман ҳимоя карда метавонад? Расуллулоҳ (с) бо тамкин гуфт: «Аллоҳ маро аз ту ҳимоя мекунад, шамшерро дар ҷояш гузор!». Дар ҳақиқат баъди шунидани ин сухан он мард шамшерро дар ҷояш ниҳод. Бо тағйироти ҷузъӣ ба ин мазмун ҳадисҳои бисёре ривоят шудааст.

Сураи Моида ояти 68

قُلْ يَا أَهْلَ الْكِتَابِ لَسْتُمْ عَلَى شَيْءٍ حَتَّىَ تُقِيمُواْ التَّوْرَاةَ وَالإِنجِيلَ وَمَا أُنزِلَ إِلَيْكُم مِّن رَّبِّكُمْ وَلَيَزِيدَنَّ كَثِيراً مِّنْهُم مَّا أُنزِلَ إِلَيْكَ مِن رَّبِّكَ طُغْيَانًا وَكُفْرًا فَلاَ تَأْسَ عَلَى الْقَوْمِ الْكَافِرِينَ

Қул йа аҳла-л-китаби ластум ъала шай-ин ҳатта туқӣму-т-Таврота ва-л Инҷӣла ва ма унзила илайкум-м ми-р-Раббикум. Ва лаязӣданна касӣра-м минҳум-м ма унзила илайка ми-р-Раббика туғйана-в ва куфро. Фа ла таъса ъала-л қавми-л-кафирӣн. 68.

68. Бигӯ: «Эй аҳли Китоб, шумо бар чизе нестед, то ин ки ҳукми Таврот ва Инҷилро ва он чиро, ки аз тарафи Парвардигор ба сӯйи шумо нозил шуд, устувор доред». Ва, албатта, дар бисёре аз онҳо дар он чӣ ба сӯйи ту аз тарафи Парвардигор нозил шуд, нофармонӣ ва куфрро биафзояд. Пас, бар қавми куффор афсӯс махӯр.

Аз Ибни Аббос (р) дар баёни сабаби нузули ояти мазкур чунин ривоят омадааст: “Аз қабилаи яҳудиён Нофиъ бинни Ҳорис, Салом бинни Мишкам, Молик бинни Сайф ва Рофиъ бинни Ҳармала назди Расули акрам (с) омада гуфтанд, ки оё Шумо намепиндоред, ки дар дину ойини Иброҳимед? Оё даъвои Шумо он нест, ки ба Тавроте, ки назди мост, имон дореду он чи дар он ҳаст, он рост аст ва аз назди Аллоҳ нозил шудааст?” Расуллулоҳ (с) дар ҷавоби онҳо фармуданд: “Оре! Чунон аст, ки шумо мегӯед, локин шумо ба он тағйиротҳо ворид кардаед. Барои пайғамбарии маро тасдиқ доштанатон дар Таврот аз шумо паймон гирифта шудааст, чаро инро инкор доред? Шумо дар Таврот маъмур ҳам шудаед, ки ҳар чи дар Таврот ҳаст, ҳамаро ба мардум баён созед, аммо шумо инро нодида гирифтед. Ин аст, ки ман аз ин гуна корҳои шумо безорам.” Онҳо гуфтанд: “Ҳоло ки ту ба Тавроте, ки назди мост, иқрор дорӣ, бидон, ки мо барҳақ ҳастем ва мо дар роҳи ҳидоят қарор дорем, ба ту имон овардану пайравӣ кардани мо дигар ҳоҷат нест. Ҳамоно Худои азза ва ҷалла барои радди пиндори онҳо ояти мазкурро нозил намуда, Расули худ (с)-ро амр намуд, ки ай Пайғамбар (с), ба онҳо бигӯ, ки ай аҳли китоб, то ба он китобҳое, ки Худованд барои шумо (чун Тавроту Инҷил) нозил кардааст, пурра амал накунед, шумо ҳеҷ чиз нестед. Яъне инсоне гӯяд, ки ман муъминам, ман аҳли китобам, аҳли Тавротаму дар дини яҳудиам, агар ба ончи дар Тавроти асли дарҷ ёфтааст, пурра амал накунад, даъвои ӯ ботил аст ва ӯ ҳеҷ арзише надорад. Чунин инсон на аҳли китоб асту на дар дини яҳуд. Насоро ҳам худро аҳли китоб (Инҷил) ва дар дини насронӣ меҳисобанд. Агар пурра ба Инҷили аслӣ амал накунанд, онҳо низ назди Худо ҳеҷ арзише надоранд. Зеро аҳли китоб агар ба асли китобҳое, ки наздашон аз тарафи Аллоҳ нозил шудааст, амал кунанд, бояд ба китобу Пайғамбаре, ки баъди он китобҳо омадаанд, имон оранду пайравӣ кунанд. Аз мазмуни ин ҷузъи оят чунин маълум мешавад, ки касе гӯяд, ки ман мусулмонам, ман аҳли Қуръонаму уммати Муҳаммад (с) ҳастам, локин мувофиқи дастуроти Қуръон зисту зиндагии худро ба роҳ намонад, назди шариат даъвои ин гуна инсон ҳеҷ арзише надорад.

Давоми оят ошкоро мефармояд, ки ҳамчунин то аҳли китоб ба он чизе, ки барои ту аз тарафи Парвардигор нозил шудааст, (яъне то ба Қуръон) амал накунанд, онҳо ҳеҷ арзише надоранд. Аҳли китоб ҷойи он, ки ба Қуръоне, ки аз тарафи Парвардигор барои тамоми башарият фуруд омадааст, амал кунанд, баръакс куфру саркашии хешро шиддат мебахшанд. Дар охир Худованд Расули худ (с)-ро тасаллӣ дода фармудааст, онҳое, ки куфру зулми худро хостаанд, ҳидояту даъвати туро ба инобат намегиранд, барои чунин қавм дареғу афсӯс махӯр, зеро дурӯғ пиндоштани пайғамбарон одати аҷдодии онҳост ва инҳо ин одатро аз гузаштагони худ мерос гирифтаанд. (Қуртубӣ 6 /245).

Сураи Моида ояти 69

إِنَّ الَّذِينَ آمَنُواْ وَالَّذِينَ هَادُواْ وَالصَّابِؤُونَ وَالنَّصَارَى مَنْ آمَنَ بِاللّهِ وَالْيَوْمِ الآخِرِ وعَمِلَ صَالِحًا فَلاَ خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلاَ هُمْ يَحْزَنُونَ

Инна-л-лазӣна аману ва-л лазӣна ҳаду ва-с-собиуна ва-н-насоро ман амана биллаҳи ва-л-явми-л-ахири ва ъамила солиҳан фа ла хавфун ъалайҳим ва ла ҳум яҳзанун. 69.

69. Ҳаройина, касоне ки имон овардаанд ва касоне ки яҳудианд ва касоне ки собиинд ва касоне ки насороанд, ҳар касе ки ба Аллоҳ ва ба рӯзи охират имон оварад ва амали нек кунад, барои онҳо на хавф асту на онҳо ғамгин шаванд.

Дар ояти гузашта таблиғ хос ба аҳли китоб буд, дар ин оят мувофиқи адлу инсоф таблиғ ба тамоми қавму миллат буда, фармудааст, ки ҷамъияти яҳудиҳо, насоро, собиин ва дигарон маҳз аз рӯйи ном, насаб, сурат, зодгоҳ бо такя ба ақидаҳои аз тарафи инсонҳо пешниҳодшуда мисли миллатгароӣ, инсонгароӣ, ном, ё насабгароӣ ва ғайра дар охират ба ҷое намерасанд. Наҷоту саодати ин ҳама фақат дар як роҳ аст ва он роҳ ин аст, ки бояд ба Аллоҳ ва ба рӯзи қиёмат имони ростину холисона оранд ва мувофиқи ҳукми Худованд амалҳои солеҳу шоистаро иҷро кунанд. Дар ин сурат эътиқоду дигар амалҳое, ки дар собиқ доштанд, ба онҳо ҳеҷ зиёне нарасонда, дар оянда дар пешгоҳи илоҳӣ на тарсе бар онҳо боқӣ мемонад ва на онҳо аз он чи аз худ гузоштаанд, андӯҳгин мешаванд. (Ин ақида саҳеҳ аст, ки ҳатто дар ин дунё ҳам ҳар қонуне муддаташ ба охир расад, қонуни наве ба тасвиб мерасад ва ба он амал кардан ҳатмист. Монанд ба ин агар дини тозае аз сӯйи Аллоҳ таъоло барои инсонҳо ҷорӣ шуд, динҳои собиқ мансух мегарданд ва ҳама сарфи назар аз нажоду миллату забон ва ғайра бояд ҳатман аз дини нав пайравӣ кунанд).

Дар охир, шахсоне, ки худро итоъаткунандаи амри Парвардигор медонанд, агар ба дини Ислом, ки барои то рӯзи қиёмат боқӣ мондан омадааст, сар фуруд оварда, бе ягон шакку шубҳа дароянд, зимни башорати ояти мазкур, иншооллоҳ, дохил мешаванд. Собиин, чуноне ки дар сураи «Бақара», ояти 62-юм гузашт, қавмеро гӯянд, ки пеш аз омадани Пайғамбари мо (с) бутпарастиро тарк намуда,

пайванди ягон дин набуда, фақат бо фаҳми худашон Аллоҳи ягонаро парастиш мекарданд. Дар дигар тафсирҳо Собиин як тоифае аз насоро ва маҷусиро гуфтаанд, ки онҳо дин надоштаанд ва ситораҳоро парастиш мекардаанд...

Дар ояти баъдӣ таърихи яҳудиёни аҳдшикани бани Исроил баён мешавад.

Сураи Моида ояти 70

لَقَدْ أَخَذْنَا مِيثَاقَ بَنِي إِسْرَائِيلَ وَأَرْسَلْنَا إِلَيْهِمْ رُسُلاً كُلَّمَا جَاءهُمْ رَسُولٌ بِمَا لاَ تَهْوَى أَنْفُسُهُمْ فَرِيقًا كَذَّبُواْ وَفَرِيقًا يَقْتُلُونَ

*Лақад ахазна мӣсақа бани Исроила ва арсална илайҳим русула. Куллама ҷааҳум расулун би ма ла таҳва анфусуҳум фарӣқан каззабу ва фарӣқа-й яқтулун.* 70.

70. Ҳаройина, аҳди бани Исроилро гирифтем ва ба сӯйи онҳо пайғамбаронро фиристодем. Ҳар гоҳ, ки Пайғамбар ба онҳо чизе меовард, ки нафсҳои онҳо дӯст намедошт, гурӯҳеро ба дурӯғ нисбат медоданд ва гурӯҳеро мекуштанд.

Дар ояти қаблӣ меъёри бандагии инсон назди Аллоҳ баён шуд, ки он имон ва амали солеҳ буд. Аз китобҳои пешин маълум аст, ки душманиии яҳуд бо Ислому бо Муҳаммад (с) ин кори тасодуфӣ ё навпайдошуда нест. Муборизаи онҳо алайҳи пайғамбарон таърихи кӯҳан дорад. Бинобар ин, дар ибтидои ояти мазкур ин ҳақиқатро баён намуда, Аллоҳтаъоло фармудааст, ки барои он, ки бани Исроил ба Худо ва расули Ӯ имон оранаду Ӯро итоъат кунанд, аз онҳо аҳду паймон гирифта, барояшон пайғамбарҳо фиристода шуд. Бани Исроил мувофиқи аҳдномаи додаашон бояд ҳар пайғамбареро, ки барои онҳо фиристода мешуд, ба хубӣ мепазируфтанд ва барои таблиғи дин ба ӯ ёрӣ медоданд. Аммо бар хилофи аҳди додаашон чун Аллоҳтаъоло пайғамбареро сӯйи онҳо мефиристод, агар даъвати ӯ хилофи ҳавои нафсашон мебуд, ё ӯро дурӯғгӯй мебароварданд ва ё ба қатлаш мерасонданд.

Хулоса, тавре дар китобҳо омадааст, яҳудиён қавме ҳастанд, ки доимо ҳавои нафси худро аз ҳама чиз боло медонанд. Агар табъи дилашон набошад, ҳатто сухани пайғамбари Аллоҳро ҳам ба инобат намегиранд. Таърих гувоҳ аст, ки ягон халқ ва ягон гурӯҳ мисли онҳо бо пайғамбарон ин қадар густохӣ накарда ва ин қадар мисли онҳо пайғамбаронро дурӯғгӯй наҳисобидааст.

Ҳамин рафтори онҳо сабаб гардид, ки ба ғазаби Аллоҳ гирифтор шуданд.

Ҳеҷ кас набояд мисли онҳо ба чунин корҳои лаънатовар даст занад. Бани Исроил, ки ин қадар гуноҳҳои бузургро содир карданд, оё онҳо ба айби худ иқроранд ё не, инро ояти зер посух мегӯяд.

Сураи Моида ояти 71

وَحَسِبُواْ أَلاَّ تَكُونَ فِتْنَةٌ فَعَمُواْ وَصَمُّواْ ثُمَّ تَابَ اللَّهُ عَلَيْهِمْ ثُمَّ عَمُواْ وَصَمُّواْ كَثِيرٌ مِّنْهُمْ وَاللَّهُ بَصِيرٌ بِمَا

يَعْمَلُونَ

Ва ҳасибу алла такуна фитнатун фа ъаму ва samму сумма табаллоҳу ъалайҳим сумма ъаму ва самму касӣру-м минҳум. Валлоҳу басӣрун би ма яъмалун. 71.

71. Ва (онҳо Ашъиёро куштанд,) пиндоштанд, ки ҳеҷ уқубате нахоҳад буд, пас, (аз дидани роҳи ҳақ) кӯр ва (аз шунидани сухани ҳақ) кар шуданд, пас, (тавба карданд) Аллоҳ ба раҳмати Худ бар онҳо бозгашт (онҳоро бахшид). Боз бисёре аз онҳо кӯр шуданд ва кар шуданд (Яҳёро куштанд). Ва Аллоҳ ба он чӣ мекунанд, бино аст.

Бани Исроил бо вуҷуди ин қадар содир кардани гуноҳ, чуноне ки дар ояти қаблӣ гузашт, бо пиндори ин, ки (мо фарзандони Худо ва дӯстдори Ӯ ҳастем) мағрур шуда, бепарвоӣ зоҳир намуданд. Ҳисоб карданд, ки ҳеҷ балое бар сарашон намеояд ва мавриди пурсиш қарор намегиранд. Онҳо аз имтиҳони илоҳӣ осудахотир буда, аз дидани роҳи ҳидоят кӯр ва аз шунидани сухани ҳақ кар буданд. Дар натиҷа Аллоҳтаъоло Бухтуннаср ном подшоҳеро болои онҳо баргумошт ва онҳоро муддатҳои дароз ба хорию расвоӣ мубтало кард. Бо эзоҳи тафсири Кобулӣ баъзе аз подшоҳони форс онҳоро аз Бобул, аз ин қайди хорӣ наҷот дода, ба Байтул Мақдис расониданд. Онҳо аз кардаҳои худ пушаймон шуда, баислоҳи худ кушида, тавба ҳам намуданд ва Аллоҳтаъоло тавбаи онҳоро қабул фармуда, гуноҳояшонро бахшид ва замони қаҳатиро аз онҳо бардошт. Аммо онҳо ва пасвандони онҳо аз ин хулосае набардоштанд ва дарси ибрат нагирифтанд. Аксари онҳо ба одати деринаи худ, ки душманӣ варзидан бо аҳли ҳаққ буд, бори дигар баргашта, ҳамчун кару кӯр боз ба кардани гуноҳ даст заданд. Яҳё (а) ва Закариё (а)-ро куштанд ва ба қатли Исо (а) омода шуданд. Маълум мешавад, ки агар дар онҳо як зарра хислати ҳамида мебуд, он гоҳ, ки Аллоҳтаъоло гуноҳҳояшонро бахшид, шукр мекарданд ва худро дар роҳи мустақиме, ки ризои Аллоҳ дар он аст, устувор нигоҳ дошта, имтиҳоноти Аллоҳтаъолоро фаромӯш намесохтанд, аммо афсӯс, ки чунин нашуд. Хулоса, агарчи онҳо аз қаҳру ғазаби Аллоҳ бепарво бошанд ҳам, аммо Парвардигори тавоно ҳамеша аз раъйи онҳо огоҳ аст ва мутобиқ ба амалҳои анҷомдодаашон онҳоро ҷазои созовор медиҳад.

Сураи Моида ояти 72

لَقَدْ كَفَرَ الَّذِينَ قَالُواْ إِنَّ اللّهَ هُوَ الْمَسِيحُ ابْنُ مَرْيَمَ وَقَالَ الْمَسِيحُ يَا بَنِي إِسْرَائِيلَ اعْبُدُواْ اللّهَ رَبِّي
وَرَبَّكُمْ إِنَّهُ مَن يُشْرِكْ بِاللّهِ فَقَدْ حَرَّمَ اللّهُ عَلَيهِ الْجَنَّةَ وَمَأْوَاهُ النَّارُ وَمَا لِلظَّالِمِينَ مِنْ أَنصَارٍ

*Лақад кафара-л-лазӣна* қолу инналлоҳа ҳува-л-Масӣҳубну Марям. Ва қола-л-Масӣҳу йа бани Исроилаъбудуллоҳа Раббӣ ва Раббакум. Иннаҳу ма-й юшрик

биллаҳи фа қад ҳаррамаллоҳу ъалайҳи-л Ҷанната ва маъваҳу-н-нару ва ма ли-з-золимӣна мин ансор. 72.

72. Ҳаройина, касоне ки кофир шудаанд, гуфтанд: «Ба дурустӣ ки Аллоҳ ҳамон Исо писари Марям аст». Ва (ҳол он ки) Исо гуфта буд: «Эй бани Исроил, (зотеро, ки Ӯ) Парвардигори ман ва Парвардигори шумост, парастиш кунед!». Ҳаройина, касе ки ба Аллоҳ шарик қарор диҳад, пас, батаҳқиқ, Аллоҳ бар вай Биҳиштро ҳаром кардааст ва ҷойи ӯ Дӯзах аст. Ва ситамкоронро ҳеҷ ёридиҳандае нест.

Он ақидаи софе, ки Исо (а) оварда буд ва насоро онро тағйиру ноқис намуданд, дар оятҳои қаблӣ эзоҳи худро ёфт. Дар ояти мазкур сухан аз он меравад, ки онҳо чи гуна дар ботлоқи гумроҳӣ фуру рафтаанд, меъёри имони ба Аллоҳ доштани насрониҳо то чи андоза аст ва онҳо чӣ ҳукме доранд? Яъне Аллоҳтаъоло қатъан фармудааст, ки дар ҳақиқат касоне ки гуфтаанд, ки Аллоҳ ҳамон Масеҳ писари Марям аст, онҳо кофир шудаанд. Гурӯҳе аз насоро бо равиши «Яъқубия» ё «Мулкония», ки ҳоло онҳоро «Католик» ва «Ортодокс» мегӯянд, дар шаъни Исо (а) ақидаашон фосид ва худашон гумроҳ шуда гуфтаанд, ки Марям худои моро таваллуд намудааст, яъне Аллоҳ дар сурати Исо шуда намудор шудааст (наъузубиллоҳ аз чунин ақидаи фосид). Аллоҳтаъоло аз чунин сифатҳо орӣ ва пок аст. Худованд аз ин пиндори ғалати онҳо бо забони Масеҳ (а) хабар додааст, ки ай бани Исроил, Аллоҳи ягонаро бипарастед! Он Аллоҳе, ки ҳам Парвардигори ман ва ҳам Парвардигори шумост. Яъне ҳазрати Масеҳ (а) гуфт, ки ман ҳам мисли шумо бандаам, шумо он Зотеро парастиш кунед, ки Ӯ холиқи ман ва ҳам холиқи шумост. Ба ривояти Ибни Касир аввалин сухане, ки Исо (а) дар айёми тифлии хеш, дар гаҳвора гуфта буд, ин буд: «Ман бандаи Худоям». Ӯ (а) нагуфт, ки ман Худо ё ин ки писари Худо ҳастам, балки ӯ (а) гуфт, ки ман бандаи Худо ҳастам. Ин далел алайҳи насоро аст. Вақто Исо (а) мегӯяд, ки «Ё Раббӣ», яъне (ай Парвардигори ман) ва ё мегӯяд «Ё Аллоҳ!» чӣ гуна ӯ барои нафси худ даъвои Худоӣ кардааст? Ин гуна даъво бисёр маҳол аст. (Қуртубӣ 6/249).

Хулоса, ҳеҷ вақт Исо (а) ба насоро нагуфтааст, ки ман Худояму маро ибодат кунед. Балки ӯ (а) ба насоро гуфтааст, ки ҳар касе ба Худо чизеро шарик донад ё ғайри Аллоҳ дигар чизро Худо ҳисобад, қатъиян Аллоҳтаъоло бар ӯ Ҷаннатро, ки ҷойи аҳли тавҳид аст, ҳаром гардонидааст ва бошишгоҳи ӯ абадӣ Ҷаҳаннам хоҳад буд. Ҳоло аҳли насоро он аҳдномае, ки ба Аллоҳтаъоло дода буданд, шикастанд ва акси он маълумоте, ки Исо (а) бо таъкид ба онҳо гуфт, амал намуданд онҳо барои худ зулми калонеро раво дидаанд. Дар охири оят сухани Парвардигор аст, ки барои золимон аз азоби Аллоҳ ҳеҷ ёридиҳанда ва наҷотдиҳандае нест. Ин аст (валлоҳу аълам) мазмуни сухани Парвардигор. Мутаассифона, масеҳиёни (насрони)-ҳои кунунӣ тамоми қуввати худро барои исботи илоҳ будани ҳазрати Исо (а) сарф мекунанд. Ояти зер ин маъноро бозгӯ месозад.

Сураи Моида ояти 73

لَّقَدْ كَفَرَ الَّذِينَ قَالُواْ إِنَّ اللّهَ ثَالِثُ ثَلاَثَةٍ وَمَا مِنْ إِلَهٍ إِلاَّ إِلَهٌ وَاحِدٌ وَإِن لَّمْ يَنتَهُواْ عَمَّا يَقُولُونَ لَيَمَسَّنَّ الَّذِينَ كَفَرُواْ مِنْهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ

*Лақад кафара-л-лазӣна қолу инналлоҳа салису саласаҳ. Ва ма мин илаҳин илла Илаҳу-в Ваҳид. Ва иллам янтаҳу ъамма яқулуна ла ямассанна-л-лазӣна кафару минҳум ъазабун алӣм.* 73.

73. Батаҳқиқ, кофир шуданд касоне ки гуфтанд: «Ҳаройина, Аллоҳ севуми се (кас) аст» ва ҳол он ки ҳеҷ илоҳе нест, магар Аллоҳи ягона. Ва агар аз он чӣ мегӯянд, бознамонанд, ба касоне ки аз онҳо кофир шудаанд, азоби дарддиҳанда хоҳад расид.

Ақидаи фосиди фирқае аз насрониҳо, ки онҳоро «Настурия» ва «Милкония» мегӯянд ин аст, ки онҳо: Илоҳ буданро байни Аллоҳ, Исо ва Марям муштарак медонанд, яъне ҳар кадоми аз онҳо аз лиҳози шахсият Худо аст, дар айни ҳол Худованд дар зот ягона аст. Сухани машҳури гурӯҳи дигари онҳо, наъузу биллоҳ, ин аст, ки Худоро (Падар, Писар ва Руҳул Қудс) меҳисобанд. Боз гурӯҳи дигаре аз насрониҳо мегӯянд: дар айни ҳол Худоён се шахсанд ва онҳо яктову ягонаанд (наъузу биллоҳ). Яъне се шахсро як Худо меҳисобанд, ки наъузу биллоҳ, ин ақидаи билкул хато ва сирф ширк аст. Ба ҳар тақдир, Аллоҳ таъоло зимни ин оят фармудааст, ки касоне, ки се чизро Худо номида ва Аллоҳро севвуми онҳо медонанд, дар ҳақиқат онҳо ба куфр гаравидаанд. Зеро Аллоҳтаъоло дар ин оят хабар додааст, ки ғайри Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло дигар маъбуди барҳақе нест.

Дар ҷумлаи охири оят Аллоҳ таъоло бо ваъиду таҳдиди шадид фармудааст, ки агар аз он чи ин насрониҳо мегӯянд, боз наистанд, чунин ақидаи хатояшонро ислоҳ накунанд ва ба ин ақида собиту кофир бимонанд, барои онҳо дар дунё ва охират азоби дарднок хоҳад расид. Аммо аз ин миён касоне, ки қаблан ислом овардаанд ё меоранд, аз ин ҳукм мустасно шуда, таҳти ваъиди ин оят гирифтор нестанд.

Сураи Моида ояти 74

أَفَلاَ يَتُوبُونَ إِلَى اللّهِ وَيَسْتَغْفِرُونَهُ وَاللّهُ غَفُورٌ رَّحِيمٌ

*А-фала ятубуна илаллоҳи ва ястағфирунаҳ. Валлоҳу Ғафуру-р-Раҳӣм.* 74.

74. Оё ба сӯйи Аллоҳ боз намегарданд ва аз Ӯ омурзиш наметалабанд? Ва (ҳол он ки) Аллоҳ омурзандаву меҳрубон аст.

Бо вуҷуде, ки насрониҳо ин қадар дар шаъни Аллоҳ таъоло суханҳои бемантиқу дурӯғ мегӯянду туҳматҳо мебофтанд, Аллоҳтаъоло бо карам ва лутфу меҳрубонии Худ онҳоро ба сӯйи тавба хонда фармудааст, ки чун онҳо бо бастани

бӯҳтонҳо Аллотаъолоро ба хашм меоранд, оё ба сӯйи Ӯ бозгашт намуда тавба намекунанд? Ва аз Ӯ омӯрзиш намехоҳанд? Ҳол он, ки Аллоҳ раҳим аст. Маълум мешавад, ки агарчи онҳо муртакиби гуноҳони кабира шудаанд, агар бо нияти ислоҳ ёфтан тавба кунанд, Аллоҳтаъоло бо сифати раҳимии худ тавбаи онҳоро қабул мекунад, агар бо истиғфор омурзиши гуноҳҳоро пурсанд, тамоми гуноҳҳояшонро мебахшад.

Ояти зер оид ба Исо (а) чи гуна ақида доштанро баён мекунад:

Сураи Моида ояти 75

مَّا الْمَسِيحُ ابْنُ مَرْيَمَ إِلاَّ رَسُولٌ قَدْ خَلَتْ مِن قَبْلِهِ الرُّسُلُ وَأُمُّهُ صِدِّيقَةٌ كَانَا يَأْكُلاَنِ الطَّعَامَ انظُرْ كَيْفَ نُبَيِّنُ لَهُمُ الآيَاتِ ثُمَّ انظُرْ أَنَّى يُؤْفَكُونَ

Мал Масӣҳубну Маряма илла расулун қад халат мин қаблиҳи-р-русулу ва уммуҳу сиддӣқатун кана яъкулани-т-таъам. Унзур кайфа нубаййину лаҳуму-л айати сумманзур анна юъфакун. 75.

75. Исо писари Марям ҷуз пайғамбар каси дигаре нест, дар ҳақиқат, пеш аз вай пайғамбарон (низ) гузаштаанд ва модари ӯ бисёр сиддиқа (ростгӯ) буд, ҳар ду таъом мехӯрданд. Бубин, чӣ гуна нишонаҳоро барои онҳо баён мекунем, боз нигар, чӣ гуна аз ҳақ рӯйгардон мешаванд!

Аз мазмуни ояти мазкур маълум мешавад, ки шинохтани Исо (а) кори мушкил набуда, барои дарки он ба ҳеҷ фикру ақли зиёдатӣ ниёз нест. Яъне Аллоҳтаъоло дар ин оят фармудааст, ки инсонҳои монанди Масеҳ ибни Марям кам набуданд, пайғамбарони бисёре мисли ӯ (а) гузаштанд. Дар ҳақиқат Аллоҳтаъоло ба Исо (а) хеле муъҷизаҳои зоҳир дода буд. Аз он ҷумла, бо изни Парвардигор мурдаҳоро зинда мекарду аз ҳоли онҳо мепурсид. Дуруст! Аз ин аҷибтар Аллоҳтаъоло ба Мӯсо (а) муъҷиза (асо) дода буд, ки чун ӯ мехост он асо ба шакли аждаҳор даромада ҳаракат мекард. Ё ин ки масиҳиён тааҷуб аз он доранд, ки Исо (а) бепадар ба олам омадааст? Оре! Аз ин аҷибтар Одам (а) аст, ки бепадару бемодар ба олами ҳастӣ омад. Хулоса, монанди Исо (а) дар гузашта пайғамбарони бисёре бо муъҷизаҳои хос ва хеле ҷолиб рисолати хешро анҷом доданд, аммо ҳеҷ касе онҳоро Худо нагуфт. Зеро ҳақиқат он аст, ки шахсе пайғамбар бошад, албатта, ӯ инсон аст ва инсон ҳеҷ вақт Худо шуда наметавонад. Исо (а)-ро ҳамчу инсон ва пайғамбари Аллоҳ бояд донисту шинохт. Инчунин модари Исо (а)-ро Аллоҳтаъоло сиддиқа (зани ростгӯй ё тасдиқкунандаи пайғамбарии фарзанди худ Исо (а)) гуфтааст, ӯ ҳам як зани оддӣ буд. Бо ин ҳама сифатҳое, ки ҳазрати Марям дошт, нашояд ӯро Худо ё модархудо ҳисобид.

Дар давоми ояти мазкур омадааст: «ҳарду онҳо таъом мехӯрданд». Ин як ҳақиқатест, ки ҳатто насронии оддӣ ин ҳақиқатро инкор карда наметавонад. Оё инсонеро, ки ба таъом хӯрдан ва ба об ошомидан эҳтиёҷ дорад, Худо гуфтан ҷоиз аст? Ҳол он ки Аллоҳ чунин Зотест, ки ба хӯрдан ниёз надорад. Ӯ таъоло аз чунин сифат пок аст. Хӯрдану гурусна шудан, ташна гардидану эҳтиёҷ доштан ба қазои

ҳоҷат ва ғайра ин ҳама сифатҳои махлуқ аст на сифати Худованд. Баъзеҳо бо далели ин ки фариштагон ба модари Мӯсо (а), модари Исо (а) ва модари Исҳоқ, яъне Сораи завҷаи Иброҳими Халилуллоҳ сухан гуфтаанд, онҳоро пайғамбар медонанд. Таъкид ба мавриҷ аст, ки ҷумҳури улламо бар ин ақидаанд, ки Аллоҳтаъоло аз занон пайғамбаре нафиристодааст. Чӣ қадар Пайғамбаре омада бошад ҳамаи инҳо мард буданд. Ояти 109-уми сураи «Юсуф» тасдиққунандаи ин фикр аст. Дар охири ин оят Аллоҳтаъоло мефармояд, ки бинед, мо чи гуна оятҳои худро барои насоро равшан месозем ва ботил будани пиндори беасоси онҳоро, ки инсонеро ба ҳайси Худо мешиносанд, барои мардум ошкор менамоем! Боз бо тааҷҷуб нигар, ки онҳо аз шунидани сухани ҳаққ рӯйгардон мешаванд ва ақидаву фикрҳои ботили худро идома медиҳанд.

Ояти зер ҳуҷҷатест, ки бори дигар бепояву беасос ва ботил будани ақидаи насороро баён мекунад:

Сураи Моида ояти 76

قُلْ أَتَعْبُدُونَ مِن دُونِ اللّهِ مَا لاَ يَمْلِكُ لَكُمْ ضَرًّا وَلاَ نَفْعًا وَاللّهُ هُوَ السَّمِيعُ الْعَلِيمُ

*Қул атаъбудуна мин дуниллаҳи ма ла ямлику лакум Зарра-в ва ла нафъа. Валлоҳу Ҳува-с-Самӣъу-л-Ъалӣм. 76.*

76. Бигӯ: «Оё аз ғайри Аллоҳ чизеро ибодат мекунед ки барои шумо на зиёне расонда метавонад на суд?!». Ва (бигӯ): «Аллоҳ ҳамоно шунавою доност!».

Дар ин оят Аллоҳтаъоло амали шахсонеро, ки ғайри Худоро, (хоҳ бутро, ё шахсеро) мепарастанд, ба таври умум ва шадидан инкор намуда, бо саволи инкорӣ пайғамбари Худро фармудааст, ки ба онҳо (насоро) бигӯ, ки на дар ин дунё ва на дар он дунё ба ғайри Аллоҳ ягон зоте нест, ки роҳи ба даст овардани фоида, ё зарар дар ихтиёри ӯ бошад. Чаро он чизеро, ки суду зиён дар ихтиёри ӯ нест, мепарастед? Охир, ибодат дар пешгоҳи Зоте бояд кард, ки доимо дорои иззату ғалаба, дар ҳар вақт шунаво ва ба аҳволи ҳар кас дар ҳақиқат доно бошад. Охир, ингуна сифат дар Исо (а) ва модари ӯ (а) дида намешавад-ку? Натиҷа он аст, ки Исо (а) ва модари ӯ Марям (а)-ро Худо гуфтан, ё шарики Худо донистану ибодат кардан мутлақо нодуруст аст. Ҳар касе ки ғайри Аллоҳи ягонаро мепарастад ё чизеро ба Ӯ таъоло шарик медонад, бояд бидонад, ки ӯ хато кардааст, зеро Аллоҳ чунин Зотест, ки ба расонидани нафъ ва боз доштани зиён тавоност. Ҳар чизе, ки шунидани ва донистанист, комилан дар иҳотаи илми Ӯ қарор дорад ва Ӯ Худои барҳаққаст, на ғайри Ӯ! Ҳар чизе, ки шумо мегӯед, Ӯ ба он шунаванда ва аз тамоми аҳволи шумо воқиф аст.

Дар ояти зер вобаста ба он чи дар фавқ гузашт, ба Расуллулоҳ (с) дар нисбати аҳли китоб фармони дигари Аллоҳ ваҳӣ шудааст:

Сураи Моида ояти 77

قُلْ يَا أَهْلَ الْكِتَابِ لاَ تَغْلُواْ فِي دِينِكُمْ غَيْرَ الْحَقِّ وَلاَ تَتَّبِعُواْ أَهْوَاء قَوْمٍ قَدْ ضَلُّواْ مِن قَبْلُ وَأَضَلُّواْ كَثِيراً وَضَلُّواْ عَن سَوَاء السَّبِيلِ

*Қул йа аҳла-л-китаби ла* тағлу фӣ дӣникум ғайра-*л*-ҳаққи ва *ла* таттабиъу аҳваа қавмин қад Заллу мин қаблу ва азаллу касӣра-в ва Заллу ъан саваи-с-сабӣл. 77.

77. Бигӯ: «Эй аҳли Китоб, дар дини худ ба ноҳақ аз ҳад магузаред ва хоҳиши нафси қавмеро пайравӣ макунед, ки дар ҳақиқат пеш аз ин гумроҳ шудаанд ва мардуми бисёреро гумроҳ кардаанд ва худ аз роҳи рост гумроҳ шудаанд!».

Дар ин оят Аллоҳтаъоло Пайғамбари худ Муҳаммад (с)-ро фармудааст, ки ба аҳли китоб (хоҳ насронӣ бошанду хоҳ яҳудӣ) бигӯ, ки ай аҳли китоб, ин қадар дар дини худ ғулӯ (азҳадгузарӣ) накунед. Яъне ончи ки дар дини шумо нест, онро дар сурати дину тақво тарошида, аз ҳад таҷовуз накунед! Қуртубӣ зимни тафсири ояти мазкур (6/252) мегӯяд: «ғулӯ»-и яҳудиҳо он аст, ки назди он бехирадон иҳонат ва қатли анбиё (а) як кори оддӣ буд, ҳатто Исо (а)-ро валади зино ҳам гуфтанд. Аммо «ғулӯ»-и насоро бошад, баракси яҳуд аст, яъне дар таъзими пайғамбарон чунон фурӯ рафтанд, ки ҳатто аз байни онҳо Исо (а)-ро Худо ё писари Худо хонданд. Хулоса, ояти мазкур ба аҳли китоби ҳамон вақт ва ба аҳли китобе, ки баъди онҳо омадаанд, нигаронида шуда, аз онҳо даъват ба миён овардааст, ки онҳо бояд ба ҳавои нафс ва ба аҷдоди гузаштаашон, ки пеш аз омадани дини Ислом гумроҳ буданду бисёрии аз мардумро бо иғвои худ гумроҳ сохта буданд, пайравӣ накунанд. Натиҷаи амали бади бани Исроил дар ояти зер баён мешавад.

Сураи Моида ояти 78

لُعِنَ الَّذِينَ كَفَرُواْ مِن بَنِي إِسْرَائِيلَ عَلَى لِسَانِ دَاوُودَ وَعِيسَى ابْنِ مَرْيَمَ ذَلِكَ بِمَا عَصَوا وَّكَانُواْ يَعْتَدُونَ

*Луъина-л-лазӣна* кафару мин бани Исриӣла ъала лисани Давуда ва Ъӣсабни Марям. залика би ма ъаса-в ва кану яътадун. 78.

78. Касоне, ки аз бани Исроил кофир шуданд, бо забони Довуд ва Исо ибни Марям лаънат карда шуданд. Ин ба сабаби он буд, ки нофармонӣ карданд ва аз ҳад мегузаштанд.

Дар оятҳои қаблӣ бехирадии аҳли китоб ва гуноҳҳои онҳо баён шуда онҳо аз «ғулу» дар дин ва аз тақлиди кӯр-кӯрона бо аҷдоди худ ва аз ба гумроҳӣ фуру рафтан манъ фармуда шуданд, то онҳо аз амалҳои малъунонаи худ даст кашанд ва тавба кунанду кӯшиши онро намоянд, ки дар роҳи ҳақ ва садоқат гом ниҳанд. Ҳоло дар ин оят Аллоҳтаъоло хабар додааст, ки дар давоми таърихи тӯлони барои ҳидояти бани Исроил пайғамбарони бисёре фиристода шуд. Аммо аксари онҳоро

итоат накарданд, зидди онҳо исён варзиданду аз ҳад таҷовуз карданд. Яъне гунаҳкорони онҳо бо ҳеҷ роҳ аз гуноҳ даст накашиданд ва бе гуноҳҳояшон бошанд гунаҳкоронро аз чунин амал манъ накарданд, балки ҳамчу ширу шакар бо ҳам омехта мезистанд, ҳатто медиданд, ки гуноҳи фоҳиш анҷом медиҳанд, аммо бо нишони норизоятӣ ба сӯйи онҳо абрӯ дар ҳам намекашиданд.

Хулоса, гарчанде ки Худованд пайғамбаронро барои раҳмат баргузида буд, аммо дар асоси қоидаи адл мувафиқи амал ҷазо додан Аллоҳтаъоло бо забони Довуд (а) ва бо забони Исо (а) ба аҳли ширк лаънат хонд. Яъне чун ҷасорати онҳо дар содир кардани гуноҳ аз ҳад гузашт, бо забони пайғамбарон зери лаънат қарор гирифтанд. Бо ин лаънатхонии пайғамбарон кӣ будани бани Исроил назди мардум маълум аст. Илова бо он чи зикр ёфт, бани Исроил дигар айбҳо низ доранд. Ояти зер ин қазияро бештар баён мекунад.

Сураи Моида ояти 79

كَانُواْ لاَ يَتَنَاهَوْنَ عَن مُّنكَرٍ فَعَلُوهُ لَبِئْسَ مَا كَانُواْ يَفْعَلُونَ

Кану ла ятанаҳавна ъам мункарин фаъалуҳ. Ла биъса ма кану яфъалун. 79.

79. Аз он корҳои зиште, ки мекарданд, якдигарро манъ намекарданд. Ҳаройина, бад чизест, ки мекарданд.

Ояти мазкур аҳволи шаниъу қабиҳи бани Исроилро баён намуда фармудааст, ки одати онҳо, ба хосса донишмандонашон чунин буд, ки аз содир кардани корҳои бад ва такрори гуноҳҳо ҳамдигарро боз намедоштанд. Маълум аст, кадом ҷамъияте, ки набошад, дар он инсонҳои исёнгар вуҷуд доранд. Агар ҷамъият ҷамъияти хуб бошад намегузорад, ки гунаҳкорон таъсири худро ба дигарон расонанд. Ба ҳар восита барои бастани пеши роҳи фасодкунандагони ҷомеа тадбирҳо меандешанд.

Агар афроди ҳушманд ва зимомдорони давлат ба ин масъала фориғболӣ зоҳир намоянд, дар охир чунин ҷамъият ба ҳалоки маънавӣ рӯбарӯ мешавад. Ин гуна маразӣ бедаво дар бани Исроил решаҳои худро чунон рондабуд, ки баргашти онҳо ба қафо дигар имкон надошт.

Дар давоми оят, валлоҳу аълам, бо «лом»-и қасам таъкид намуда, Аллоҳтаъоло аз одати бани Исроил мардумро дар ҳазар кунонида фармудааст, ки ин одате, ки бани Исроил байни худ ҷорӣ кардаанд, бисёр кори бад аст. Ибни Касир дар китоби худ зери мазмуни ин оят зиёда аз 16-ҳадисро овардааст, ки якдигарро тақвият мебахшанд. Иншооллоҳ, чанде аз онҳоро барои осон гардидани дарки мазмуни оят ин ҷо меорем: Имом Аҳмад ибни Ҳанбал (р) аз Язид ва ӯ аз Шурайқ бини Абдуллоҳ ва дар охир аз Ибни Масъуд (р) ривоят мекунад, ки Расуллолоҳ (с) гуфтанд: "Вақто ки бани Исроил гуноҳе содир мекарданд, дар аввал улламояшон онҳоро наҳй мекарданд, локин онҳо аз гунаҳ даст намебардоштанд. Худованд дили онҳоро бо ҳам зад ва бо забони Довуд (а) ва Исо (а) онҳоро лаънат хонд." Баъдан Расулуллоҳ (с) ҷузъи охири ояти 78-умро хонданд, ки тарҷумааш чунин аст «ин ба сабаби он буд, ки нофармонӣ карданд ва

аз ҳад мегузаштанд». Дар ҳолате ки Расуллоҳ (с) ин суханашонро мегуфтанд, бо паҳлу буданд, пас хестанду нишастанд ва сухани худро идома дода гуфтанд: "Қасам ба он Зоте, ки ҷону тани ман дар тасарруфу қудрати Ӯст, то онҳо худро ба ҳақ напечонанд (ба ҳақ даъват накунанд), доимо дар лаънати Илоҳӣ боқӣ мемонанд." Имом Абу Довуд (р) аз Абдуллоҳ чунин ривоят кардаанд, ки Расуллулоҳ (с) гуфтанд: "Дар ҳақиқат, аввалин ноқисие, ки дар кори бани Исроил ворид шуд, аз он сабаб буд, ки чун марде бо марди дигар рӯ ба рӯ меомад ва вайро дар гуноҳе медид, мегуфт; эй фалонӣ, аз Худо битарс ва ин коратро тарк кун, барои ту кардани чунин корҳо ҳалол нест. Аммо ҳамин, ки фардо бо ӯ рӯ ба рӯ мешуд аз сабаби он, ки дар як маҷлис менишастанду таом мехӯрданду бо ҳам меошомиданд (яъне эҳсоси рафоқат ғалаба мекард), бори дигар ӯро аз содир кардани гуноҳ боз намедошт. Ин сабаб шуд, ки Аллоҳтаъоло дилҳои онҳоро бо ҳам зад, буғзу кинаву адоват байнашон пайдо шуд." Баъд аз он Расуллулоҳ (с) ояти 78-умро аз ибтидо то охир хонданд, ки эзоҳи ӯ гузашт. Сипас Расуллулоҳ (с) ба асҳоби худ гуфтанд: "На! Қасам ба Аллоҳ, ки албатта, шумо амр ба маъруф наҳй аз мункар мекунед, албатта, шумо дасти золимро (аз зулм) боз медоред ва албатта, ӯро мисли халқ байни худатон барои иҷрои ҳақ мегиред, ё ин ки (мисли бани Исроил) дилҳоятонро Аллоҳтаъоло бо ҳам мезанад (байнатон буғзу кинаву адоват пайдо мешавад) ё ин ки ҳамчуноне онҳоро лаънат хонд, шуморо низ лаънат мехонад."

Имом Муслим ҳадисеро бо ривояти Абӯ Саъиди Худрӣ (р) ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Яке аз шумо чун кори бадеро бинад, бояд бо дасти худ онро тағйир диҳад. Агар бо даст қодир набошад, бо забон ӯро тағйир диҳад. Агар бо забон ҳам тағйир дода натавонад, (ло ақал) бо дил ӯро бад диданаш лозим, аммо роҳи охир аз заифии эмон аст."

Хулоса, шахси мусалмон то метавонаду илоҷ дорад, бояд кори бади ғайришаръиро тағйир диҳад. Агар бо дасту забон манъ карда натавонад ва бо дил ӯро бад набинад ё орзуи тағйир додани он накунад, айни ҳол ҳарду дар гуноҳ шариканд? Таҷрибаҳо нишон додаанд, ки агар Худованд иродаи ҷазои қавми бадкореро кунаду азоби Худро болои онҳо фиристад, хубу бад ва тару хушк ҳама якҷо ба азоби илоҳӣ гирифтор мешаванд.

Дар ривояти дигаре, ки Имом Аҳмад (р) аз Умайрата (р) меорад, ӯ омадааст, ки аз Расулуллоҳ (с) шунидам, ки гуфтанд: "Худованд, албатта, оммаро ба сабаби гуноҳи хосса азоб намекунад, то он ки дар байнашон мункаротро бинанду барои тағйир додани он қодиранду тағйир надиҳанд, пас дар чунин сурат Худованд оммаро ба сабаби гуноҳи хосса ба азоби

Худ мекашад." Замахшарӣ, соҳиби тафсири «ал-Кашшоф» (р) ва баъзе муфассирони муосир гуфтаанд: Во ҳасрато, барои шахсоне, ки Китоби Аллоҳро мехонанду мефаҳманд ва медонанд, ки ба онҳо дар ин боб, яъне барои амр ба маъруф ва наҳи аз мункар бисёр ва ба таъкид амр шудааст, бо вуҷуди ин онҳо мункарро мебинанду аз наҳйи ӯ чунон рӯйи мегардонанду чунон рафтор мекунанд, ки гӯё дар Ислом барои ин гуна бадкориҳо ҳеҷ ҷазое муайян нашудааст (1/519 «Кашшоф»). Мутаасифона, мусалмонҳои кунунӣ ҳам ба ҷуз аз ҷамъомадҳо дар дигар ҷо амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро фаромӯш сохтаанд.

Бадкирдориро бо чашми худ мебинанд, аммо барои боздошти он чора намебинанд. Ин қадар балоҳое ки бар сари мусалмонҳо меояд, аҷаб нест, ки аз ҳамин сабаб бошад.

Сифати яҳудиёни замони гузашта дар оятҳои қаблӣ гузашт. Ояти зер сифати яҳудиёни баъдомадаро баён мекунад:

Сураи Моида ояти 80

تَرَى كَثِيراً مِّنْهُمْ يَتَوَلَّوْنَ الَّذِينَ كَفَرُواْ لَبِئْسَ مَا قَدَّمَتْ لَهُمْ أَنفُسُهُمْ أَن سَخِطَ اللّهُ عَلَيْهِمْ وَفِي الْعَذَابِ هُمْ خَالِدُونَ

Таро касӣра-м минҳум ятаваллавна-л-лазӣна кафару. Ла биъса ма қаддамат лаҳум анфусуҳум ан сахиталлоҳу ъалайҳим ва фи-л-ъазаби ҳум холидун. 80.

80. Бисёре аз онҳоро мебинӣ, ки бо касоне ки кофир шуданд, дӯстӣ мекарданд. Ҳаройина, чӣ бад чизест, ки барои онҳо нафсҳояшон пеш фиристодааст: он ки Аллоҳ бар онҳо хашм гирифт ва онҳо ҷовидон дар азобанд.

Соҳиби «Сафватуттафосир» сабаби нузули ояти мазкурро Каъб ибни Ашраф ва ҳаммаслакони ӯ донистааст. Ба ҳар тақдир, ояти мазкур ба тоаври умум фармудааст, ки бисёре аз яҳудиёнро мебинӣ, ки Расулуллоҳ (с) ва муъминҳоро бад дида, мушрикҳоро дӯсти худ мегиранд. Ҳол он ки мушрикҳо дар дин устувор нестанд. Хулоса, яҳудиҳо доимо алайҳи мусалмонҳо бо кофирону мушрикон дилу забон як карда, ҳамкорӣ мекарданд. Ҳатто дар даври Пайғамбар (с) ҳам нисбат ба мусалмонҳо мушрикҳоро афзал дониста, рафтори мушриконаи онҳоро дуруст меҳисобиданд. То ҳозир алайҳи Ислому муслимин бо чандин навъи кофирҳо забон як карда, аҳду паймон баста, душманӣ ва мубориазаро идома медиҳанд. Аз ин ҷост, ки Аллоҳтаъоло дар давоми ояти мазкур онҳоро мазаммат намуда фармудааст, ки ба ростӣ ин яҳудиҳо пеш аз бозгашт ба рӯзи қиёмат басо амали баду нангинеро бар зарари нафсҳояшон қаблан фиристодаанд. Яъне натиҷа он аст ки онҳо дар он рӯз ба хашму ғазаби Аллоҳ гирифтор мешаванд. (Аллоҳи меҳрубон роҳи наҷоти онҳоро дар ояти зер баён мекунад:

Сураи Моида ояти 81

وَلَوْ كَانُوا يُؤْمِنُونَ بِالله والنَّبِيِّ وَمَا أُنزِلَ إِلَيْهِ مَا اتَّخَذُوهُمْ أَوْلِيَاء وَلَكِنَّ كَثِيراً مِّنْهُمْ فَاسِقُونَ

Ва лав кану юъминуна биллаҳи ва-н-набиййи ва ма унзила илайҳи ма-т-тахазуҳум авлийаа ва лакинна касӣра-м минҳум фасиқун. 81.

81. Ва агар ба Худо ва Пайғамбар ва он чи фурӯ фиристода шуд ба сӯйи вай, имон меоварданд, албатта, мушриконро дӯст намегирифтанд. Валекин бисёри аз онҳо фосиқанд.

Ояти мазкур шахсонеро, ки ба Аллоҳ ва расули Ӯ (с) мункиранд, хусусан аҳли китоб (чи яҳудиянд ё чи насронӣ) айб ниҳодаву мазаммат намуда фармудааст, ки агар ҷамоаи яҳуд он миқдоре, ки ба Аллоҳу расули Ӯ (с) ва ба Қуръон имон овардан зарур аст имон медоштанд, (чи дар зоҳир ва чи дар ботин) ҳаргиз мушриконро алайҳи муъминону пайғамбару Қуръон дӯст намегирифтанд.

Локин аксари онҳо аз имону аз тоъати Аллоҳтаъоло хориҷ буда, дар куфру мунофиқии худ боқӣ монданд. Бо ибораи дигар: Аҳли китоб, хусусан яҳудиҳо аз фисқу куфри хеш нахостанд берун оянд, зеро агар чунин набуд, онҳо ба пайғамбари охирузамон, чунон ки Мӯсо (а) дар боби Муҳаммад (с) онҳоро башорат дода буд, бояд имон меоварданд. Онҳо баръакс, бо мушрикон дӯстии худро мустаҳкам сохтанд. Агар онҳо бо башорати пайғамбарашон бовар медоштанд, бо душманони Ислом созиш намекарданд. Лекин аксари онҳо дар фосиқии худ боқӣ монданд, зеро дӯстии бо муваҳиддин (яктопарастон)-ро тарк намуда, бо мушрикон дӯстӣ барқарор сохтанд (Аллоҳумма-ҳфазно мин шурури анфусино ва мин саййиоти аъмолино).

Аз аввали сура то инҷо сухан дар бораи тарз ва роҳҳои созмон додани ҷамъияти исломӣ ва покиза сохтани он аз ҳар гуна ақида ва урфу одатҳои ботил барои тарбияи мусалмонҳо баён шуд.

Акнун дар ояти баъдӣ сухан дар хусуси ҷамъиятҳои ғайриисломӣ мисли ҷамъияти яҳудӣ, ҷамъияти мушрикҳо ва насоро рафта, муносибати онҳо, бо мусалмонҳо дар чӣ вазъият қарор дорад, баён мешавад ва баъдан то ояти 96-ум ҳукмҳои шариъат мисли каффорати ямин (қасам), ҳаром будани хамр, қимор, ҷазои қатл, сайд дар ҳолати эҳром доштани ҳоҷиён ва ғайра, иншоаллоҳ, эзоҳ меёбад.

***Поёни ҷузъи 6 (4:148-5:81)***

# “Тафсири осонбаён”

**Пораи 6**

***4:148-5:81***

***(Аз ояти 148-уми сураи Нисо то ояти 81-уми сураи Моида)***

Муаллиф ва мутарҷим: **Абӯаломуддин**

Сармуҳаррир: **Ҳамидуллоҳ Ҳабибуллоҳзода**

Ёрдамчӣ: **Неъматҷон Исмоилзода**

Муҳаррири техникӣ: **Толибҷон Фозилов**

Ба чоп саъйкунанда: **Абӯаломуддин**

Саҳҳоф: **Муҳаммади Икромӣ**

**©Абӯаломуддин**

**©Муҳаммадюсуфи Муҳаммадхоҷа**

**©Низомуддини Убайдӣ**